## СУХАНИ ПЕШВО

Мо, ки ворисони мероси ҷовидонаи ниёгони некноми худ мебошем, ҳанӯз беш аз сӣ сол қабл фаъолияти шабонарӯзиро ба хотири қатъи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва таъмин намудани сулҳ оғоз кардем.

Зеро барои мо ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, якпорчагии Ватан, наҷоти миллат аз пароканадагӣ ва ҳифзи давлат аз хатари нестшавӣ масъалаи муҳимтарин ва ҳаётӣ ба шумор мерафт.

Тавре ки ҳамватанони калонсол ва миёнсоли мо дар хотир доранд, дар он айёми даҳшатноку пурфоҷиа қариб як миллион нафар ҳамватанони мо аз тарси ҷони худ ва аҳли оилаашон ба кишварҳои дигар гуреза шуданд.

Яъне, хатари пароканда гардидани миллати тоҷик ва вобаста ба ин, аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд.

Мо ба майлу ирода ва дастгириву пуштибонии мардумамон ва ба хотири аз ноумедиву оворагӣ наҷот додани онҳо дар як муддати кӯтоҳ қариб як миллион нафар ҳамватанонамонро ба Ватан ва маҳалли зисташон баргардонидем.

Ин корро мо барои он анҷом додем, ки миллати мо, мардуми мо дар ба дари дигарон сарсону овора ва дастнигару бечора нагарданд, сарҷамъ шаванд, ваҳдат кунанд, давлати соҳибистиқлол, Ватани азизи худ – Тоҷикистон ва хонаву кошонаи хешро обод созанд.

Агар мо ба ин масъала аз диди имрӯз назар андозем, аҳаммияти корҳои он рӯзҳо анҷомдодаамонро боз ҳам беҳтару равшан мебинем.

Яъне, агар мо ин корро анҷом намедодем, тасаввур карда метавонед, ки ҳолу аҳволи миллати мо ва мардуми дар кишварҳои дигар паноҳбурдаи мо чӣ мешуд?

Фикр мекунам, ки шарҳи минбаъдаи ин мавзуъ, бо дарназардошти равандҳое, ки мо ҳоло дар ҷаҳон мушоҳида мекунем, ҳоҷат надорад.

Маҳз барои ҳамин мо ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомез, яъне, бо роҳи осоишта ҳаллу фасл гардидани ҳар гуна мухолифату низоъҳо дар ҷаҳон ҳастем, зеро ҷавҳари фарҳанги миллати бостонии моро сулҳу осоиш ва инсондӯстӣ ташкил медиҳад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Дар заминаи Ваҳдати миллӣ барқарор гардидани амнияту субот ба мо имкон дод, ки барномаҳои муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоиро амалӣ намуда, дар ҷодаи татбиқи ҳадафҳои стратегиамон қадамҳои устувор гузорем.

Ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, Ваҳдати миллӣ ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имрӯз сатҳу сифати зиндагии мардумамон пайваста боло меравад ва шаҳрвандони Тоҷикистон ба хотири фардои ободи Ватан ва ояндаи дурахшони фарзандону наберахои худ ба заҳмати созандаву ободгарона машғуланд.

Ҳоло Ҳукумат ва мардуми кишвар тамоми саъю талош ва захираву имкониятҳои худро ба хотири амалисозии ҳадафҳои стратегии миллӣ сафарбар кардаанд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки ба шарофати Ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ рӯз ба рӯз боло меравад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дар ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра пешсаф мешиносад, эътироф мекунад ва ташаббусҳои онро дастгириву амалӣ месозад.

Конфронси сатҳи баланд доир ба ҳифзи пиряхҳо, ки чанд рӯз пеш дар пойтахти кишварамон доир гардид, далели возеҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Мо имрӯз дар доираи сиёсати «дарҳои кушода» бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд барқарор кардаем.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Ҳоло Тоҷикистони мо дар марҳалаи рушди устувор қарор дорад, ки яке аз нишонаҳои возеҳи он бунёди роҳҳои мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар робита ба ин, мехоҳам бо ифтихор хотирнишон намоям, ки шоҳроҳҳои нави нақлиётӣ ҳамчун пайвандгари сокинони ҳамаи

гӯшаву канораҳои кишварамон рамзи асосии Ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад.

Тасаввур кунед, ки мардуми мо садсолаҳо аз чунин имкониятҳои мусоиди рафтуомад маҳрум буданд, ки чунин ҳолат, албатта, ба мафкураву руҳияи одамон, ба ҳисси наздикии онҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа бетаъсир намемонд.

Мо имрӯз ифтихор мекунем, ки аз баракати Истиқлоли давлатӣ ва сулҳу субoти комил тавонистем Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил диҳем.

Бунёди шоҳроҳҳои замонавӣ, аз ҷумла, тавассути ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки ду рӯз пеш як қитъаи асосӣ ва бисёр муҳимми онро дар ҳудуди ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ифтитоҳ намудем, ҳоло Тоҷикистонро ба кишвари транзитӣ табдил додааст.

Бо оғози рафтуомад тавассути ин роҳ, яъне, шоҳроҳи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади Рӯшон, ки пештар 4 – 5 соатро дар бар мегирифт, имрӯз ин масирро дар фосилаи якуним соат тай кардан мумкин аст.

Ин омил, яъне, роҳҳои замонавӣ яке аз шартҳои муҳимтарини рушди муназзаму устувори кишвар ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми мамлакат, аз ҷумла, сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ду рӯз пеш, ҳамчунин, Неругоҳи барқи обии «Себзор» дар ноҳияи Рошткалъа бо тавоноии 11 мегаватт, ки бо харҷи беш аз 700 миллион сомонӣ бунёд гардидааст, ба фаъолият оғоз намуд.

Неругоҳи мазкур иқтидори энергетикии вилоятро 25 фоиз афзоиш дода, маҳдудияти интиқоли неруи баркро дар соатҳои сарборӣ барои аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бартараф месозад.

Боиси сарфарозиву қаноатмандист, ки имрӯз ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ, ифтихор аз Ватани соҳибихтиёру озод, пос доштани мероси таърихиву арзишҳои фарҳангӣ ва дарки масъулияти шаҳрвандии мардуми тоҷик бамаротиб густаришу тақвият ёфтааст ва ин падидаи нек моро баояндаи дурахшони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ умеди қавӣ мебахшад.

Мо Рӯзи Ваҳдати миллии имсоларо дар айёме ҷашн мегирем, ки дар саросари мамлакат кору пайкори созандагӣ ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон босуръат идома дошта, неруи иқтисодии давлати тоҷикон ва фарҳанги сиёсии миллати тоҷик таҳкиму тавсеа ёфта истодааст.

Ҳоло мардуми кишварамон амиқан дарк кардаанд, ки Истиқлоли давлатиро танҳо бо заҳмати аҳлонаву созанда, тафаккури пешрафтаву ҷаҳонбинии муосир, эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ метавон тақвият бахшид.

Дар шароити ҳозира ҳар як фарди худогоҳи мамлакатро зарур аст, ки барои дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ тарбия кардани фарзандони худ, яъне, наврасону ҷавонон саъю талош варзад.

Мо бояд наслҳоеро тарбия намоем, киояндаи давлату миллатро ба дӯш гирифта, амнияту субот ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамонро таъмин карда тавонанд ва кору фаъолияти падарони шухратманди худ – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Ширин-шо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва садҳо бузургону фарзонаҳои дигарро бо садоқат ба миллат ва давлати хеш идома бахшанд.

Бо умеди ояндаи боз ҳам ободи Тоҷикистони маҳбубамон бори дигар кулли ҳамватанони азиз, сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломативу иқболи баланд, хонаи обод, барору муваффақият ва ба Тоҷикистони азизамон оромиву субот ва ваҳдати ҷовидонӣ орзу менамоям.

Бигзор, ваҳдату ягонагӣ дар сарзамини аҷдодиамон ҳамеша равшангари роҳи мардуми шарифи тоҷик ба сӯйи ободиву созандагӣ ва пешрафту тараққиёт бошад.

**Ҷашни ваҳдату ҳамбастагӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – РАМЗИ БАҚОИ ДАВЛАТ

## Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ба муносибати 28-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ



**Устодону омӯзгорон, шогирдони азиз ва ҳамватанони гиромӣ!**

**Мӯҳтарам аҳли маориф ва илми кишвар!**

Бо камоли эҳтиром ва самимияти зиёд Шумо ва дар симои шумо тамоми мардуми сарбаланди кишвари азизамон – Тоҷикистонро ба ифтихори ҷашни бузурги миллию таърихӣ – 28-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки рамзи бақои давлат, якпорчагии ҷомеа ва ояндаи дурахшони наслҳои меҳан мебошад, сидқан табрик мегӯям.

Маҳз бо талошҳои содиқонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи устувору Ваҳдати миллӣ таъмин гардида, Тоҷикистон ба як кишвари амну ободу, орому соҳибмақом дар арсаи байналмилалӣ табдил ёфт. Дар ҳамин замина, соҳаи маориф ва илм низ ба марҳилаи нави рушд ворид шуд, ки имрӯз мо самараҳои он талошҳоро ба таври равшан эҳсос мекунем ва мебинем.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон роҷеъ ба арзиши баланди таърихии Ваҳдати миллӣ таъкид намуда буданд: «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳаммияти фавқулодаи худ бо Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Воқеан ҳам, халқи тоҷик бо сарварии Пешвои муаззами миллат аз имтиҳони сахти таърих гузашта, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшид ва ба аҳли башар исбот намуд, ки ин миллат метавонад таҳти парчами ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ сарҷамъ гардад, дар фазои сулҳу субот умр ба сар барад ва сарзамини аҷдодии хешро бо азму талоши ватандӯстона ободу зебо гардонад.

Бо шарофати Ваҳдати миллӣ ва сулҳи пойдор дар тули 28 сол садҳо кӯдакистон, ҳазорҳо муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, даҳҳо донишгоҳу коллеҷ ва марказҳои илмӣ дар гӯшаву канори кишвар бунёд ва таҷдид гардидаанд. Таҷҳизоти замонавӣ, синфхонаҳои рақамӣ, лабораторияҳои фаннӣ, китобхонаҳои электронии муҷаҳҳаз ва шароити нави кору таълим барои устодону шогирдон муҳайё гашта, имкони таҳсили босифат фароҳам оварда шудааст.

Ҳамзамон, дар радифи таълиму тарбия, илм низ ҳамчун неруи созанда ва такягоҳи иқтисоду давлатдорӣ дар партави Ваҳдати миллӣ мавқеи воқеии худро пайдо намуд. Бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат имрӯзҳо ҳазорҳо ҷавони боистеъдод дар дохил ва хориҷ аз кишвар таҳсил доранд ва садҳо пажуҳишгару олими тоҷик дар самтҳои гуногуни илмӣ фаъолона саҳм мегузоранд.

Воқеан, дар радифи Истиқлоли давлатӣ Ваҳдати миллӣ низ аз ҷумлаи арзишҳои волое мебошад, ки давлати моро пойдору устувор нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, ки ин пояҳои давлатдории миллии худро боз ҳам таҳким бахшида, барои фардои дурахшони кишвари азизи худ заҳмат кашем.

Мо - кормандони соҳаи маориф ва илм, бо шукргузорӣ аз сулҳу ваҳдат ва бо дарки масъулияти баланди касбӣ вазифадорем, ки дар тарбияи насли наврас, таҳкими ҳувияти миллӣ, боло бурдани маърифат ва густариши ҷаҳонбинии илмии ҷомеа нақши созандаву фаъоли хешро боз ҳам пурзӯр намоем.

Бо камоли самимият бори дигар ҳамаи шумо - кормандони соҳаро бо Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, дар фаъолияти пурмасъулиятатон комёбиҳои бештарро орзу менамоям.

**Поянда бод Ваҳдати миллӣ!**

**Шукуфо бод маорифу илми Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

**Абдулло РАҲМОНЗОДА,**
**Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа**



# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ОМИЛИ НАҶОТБАХШ ВА САРЧАШМАИ ЭҲЁИ ДУБОРАИ МИЛЛАТИ ТАМАДДУНОФАРИ ТОҶИК



Барои насли нав ва наслҳои минбаъда ин мафҳум бояд чӣ гуна шарҳ дода шавад ва то куҷо мафкураи ҷомеа омода аст Ваҳдати миллиро на ҳамчун як марҳилаи баъдиҷангӣ, балки ҳамчун омили таҳкими Истиқлоли давлатӣ барои ҳамаи давру замонҳо қабул намояд?! Ба ин хотир, дар нигоштаи мазкур кӯшиш кардем, ки то андозае Ваҳдати миллиро ҳамчун арзиши фавқулода муҳим дар низоми давлатдорӣ, аз дигар паҳлуҳо низ баррасӣ карда, аҳаммияти беназири онро барои ояндаи устувори мамлакат баён намоем.

Ваҳдати миллӣ барои миллати тоҷик на танҳо аҳаммияти сиёсиву иҷтимоӣ, балки аҳаммияти ҳаётӣ дошта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ омили наҷотбахш ва сарчашмаи эҳёи дубораи ин халқи тамаддунофар гардидааст. Ин мафҳум муттаҳидии тамоми қишрҳои ҷомеаро бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ, устувории давлатдорӣ ва дар маҷмуъ, рушди ҷумҳурии соҳибистиқлоламон ифода мекунад.

Агар ба фарҳанги миллиамон назар андозем, дар тамоми марҳилаҳои таърихии он ваҳдат ҳамчун рамзи бақо ва устувории миллат буда, мафҳуми Ваҳдати миллӣ дар заминаи эҳтиром ба фарқиятҳои гуногун миёни намояндагони он ҳамеша ба ҳайси омили муттаҳидсоз хидмат намудааст.

Халқи тоҷик дорои таърихи чандҳазорсола мебошад, ки дар тули он мардум бо арзишҳои миллӣ ва ҳамбастагӣ зиндагӣ карда, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба чандин таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва

диниву мазҳабӣ дучор гардидаанд. Агар мо давраҳои начандон дури ин таърихро пеши рӯ орем, ба хубӣ дарк менамоем, ки дар поёни даврони шуравӣ ва махсусан, баъд аз пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат мураккаб гардид.

Дар солҳои навадуми қарни гузашта Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуд, ки боиси талафоти зиёд ва ноамнӣ гардид. Ин ҷанг таҳдиди ҷиддӣ барои истиқлоли кишвар буд. Аммо бо ҷасорату ҷавонмардӣ ва азхудгузариҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва саҳми аҳли ҷомеа бори дигар дар фазои мамлакати тозаистиқлоламон оҳанги сулҳу ваҳдат танинандоз гардид. Ин намунаи барҷастаи ҳифз ва таҳкими Ваҳдати миллӣ дар таърихи муосири Тоҷикистон гардида, бори дигар нишон дод, ки маҳз муттаҳидии ҷомеа пояи суботу пешравӣ аст.

Истиқлол ва суботи сиёсӣ бе Ваҳдати миллӣ наметавонанд вуҷуд дошта бошанд. Зеро ҷомеа наметавонад бо низоъҳо ва ҷудоии аъзои он устувор ва пешрафта бошад, балки ин ҳадаф танҳо тавассути ҳамдилӣ ва ваҳдати комил метавонад ба даст ояд. Ваҳдати миллӣ яке аз арзишҳои маънавӣ ва иҷтимоиест, ки дар он эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқи он, новобаста аз фарқиятҳои иҷтимоӣ, дар мадди аввал қарор дорад. Ин арзиш ба ҳамбастагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ асос ёфта, ҷомеаро ба як маъвогаҳи сулҳу оромӣ табдил медиҳад, ки дар он арзишҳои умумибашарӣ ба ҳам меоянд.

Бо вуҷуди комёбиву пешрафтҳо дар муттаҳидии мардуми мамлакат, бо тағйир ёфтани авзои сиёсии ҷаҳон ва таъсири ногузири он ба мафкураи ҷомеа, имрӯз Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон бо таҳдидҳои гуногун, ба мисли экстремизм, терроризм, таассубу хурофот ва бегонапарастӣ низ рӯбарӯ аст. Ин хатарҳо метавонанд боиси танишу ноамниҳо дар байни ҷомеа гарданд. Аз ин рӯ, аҳли ҷомеа бояд бо ҳамдастӣ ва ҳамдилии бештар бо дарки маърифати баланди сиёсиву фарҳангӣ ба муқобили ин таҳдидҳо мубориза баранд.

Дар моварои равандҳои ҷаҳонишавӣ, таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ ва хатари аз байн рафтани давлатҳои соҳибистиқлол, мавзуи Ваҳдати миллӣ ба як унсури тақдирсоз ва ҳаётан муҳим дар ташаккули давлат ва ҷомеа табдил ёфтааст. Айни замон иртиботи байни миллатҳо бо суръати кайҳонӣ рушд карда, арзишҳои миллии ҳар давлат бештар дар пайванд бо арзишҳои умумибашарӣ шакл гирифта истодаанд. Дар чунин шароит Ваҳдати миллӣ ҳамчун унсури ниҳоят муҳим барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ хидмат мекунад.

Ваҳдати миллӣ на танҳо рукни сиёсӣ, балки омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Суботи сиёсӣ ва ваҳдати ҷомеа шароити мусоидро барои ҷалби сармоягузорӣ, рушд ва беҳбудии сатҳи зиндагии мардум фароҳам меорад. Бе Ваҳдати миллӣ наметавон дар ҳеҷ як ҷомеае муҳити муносибро барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии узви ҷомеа ба вуҷуд овард.

Дар даврони муосир дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ Ваҳдати миллӣ ҳамчун нишондиҳандаи субот ва устувории дохилӣ нақши муассир дорад. Ягонагии халқу давлат эътимоди байналмилалиро дар муносибат бо Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд менамояд, зеро ин омил бо суботи дохилӣ ва муттаҳидии миллӣ зич алоқаманд аст. Дар ин росто, Тоҷикистон метавонад маҳз бо ягонагии халқу давлат дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро мустаҳкам созад, ташаббусҳои ҷаҳонӣ роҳандозӣ кунад ва муносибатҳои созандаро бо тамоми давлатҳо ба роҳ монад.

Аз нигоҳи мо, омӯзиши таърих ва арзишҳои миллӣ метавонанд пояҳои Ваҳдати миллиро мустаҳкамтар намоянд. Тавре пештар ишора карда будем, ҷанги таҳмилӣ дар Тоҷикистон, ки солҳои 1992-1997 идома дошт, яке аз давраҳои сангин ва таъсиргузор ба таърихи давлат ва ҷомеаи ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Ин низоъ на танҳо ба талафоти ҷонӣ, моддӣ ва маънавӣ оварда расонид, балки худи мавҷудияти давлати навтаъсисро низ зери хатар қарор дод. Дар чунин вазъияти мураккаб ва ҳассос Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои сулҳҷӯёна ва роҳан-

дозии сиёсати таъмини ягонагию якпорчагии давлат нақши ҳалкунандаро ба иҷро расониданд, ки на танҳо сабабгори хотимаи ҷанги таҳмилӣ гашт, балки барои таъмини минбаъдаи суботи сиёсӣ ва рушди устувори Тоҷикистон низ замина гузошт.

Дар вазъияти мураккаби даврони пасошуравӣ тақсими нобаробари қудрат, бесарусомонии сиёсии қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва дахолатҳои фаъоли беруна боис шуданд, ки вазъро ба сӯи низои мусаллаҳона майл диҳанд. Дар ин давра, давлати навтаъсиси мо ба халалдоршавии вазъи иқтисодӣ, камбуди хидматрасониҳои иҷтимоӣ, гуруснагии аҳолӣ ва ноамниҳои густарда рӯ ба рӯ шуд, ки вазъияти сангину душвори иҷтимоӣ ва сиёсиро ба вуҷуд овард.

Барои бартараф кардани чунин мушкилот иродаи мустаҳками сиёсӣ, ташаббусҳои сулҳҷӯёна ва сиёсати ягонагӣ дар сарварию роҳбарии давлат зарур буд. Маҳз дар чунин вазъияти ҳассос ва номуайяну мураккаб Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти давлатдориро ба ӯҳда гирифтанд, ки он вақт ҳамагӣ 40 сол доштанд.

Ба андешаи сиёсатшиносон, вазъи мамлакат дар ин вақт ба таври ҷиддӣ мураккаб буда, ҳар замон ба роҳбарияти давлат хатарҳои нав ба нав таҳдид мекард. Аз ин рӯ, роҳбариятро зарур буд, ки бо иродаи мустаҳками сиёсӣ халқро атрофи ғояи Ваҳдати миллӣ муттаҳид карда, давлатро аз вартаи парокандагӣ наҷот диҳад. Ин аст, ки Сарвари мамлакат бо истифода аз хиради азалӣ ва маҳорату матонати хоссаи худ ба роҳбарии давлат оғоз карданд ва бо баёни шиоре, ки «Ман ба шумо сулҳ меорам!» тавонистанд роҳ ба сӯи Ваҳдати миллиро боз карда, шуълаи умед ба сӯи ояндаи дурахшонро дар ниҳоди мардум равшан созанд.

Сиёсати сулҳофарӣ, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ карданд, ба ин натиҷа расонид, ки тамоми қишрҳои ҷомеа ва гурӯҳҳои этникӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ бо ҳам муттаҳид гарданд. Ин роҳбари ҷавони давлат таъкид доштанд, ки бе Ваҳдати миллӣ ва ягонагӣ рушди ҷумҳурӣ имконнопазир аст. Хушбахтона, ин сиёсат ҳамчун кафолати субот ва рушди устувор аз ҷониби мардум қабул гардид.

Бо мақсади таъмини ҳамгироии сиёсии давлат Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими пояҳои конститутсионӣ ва рушди сохторҳои демократӣ аҳаммияти махсус доданд. Ин маънои онро дошт, ки тамоми қувваҳо ва гурӯҳҳо бояд дар доираи қонун амал кунанд ва баҳсҳои сиёсӣ танҳо бо роҳҳои осоишта ва солим ҳаллу фасл карда шаванд.

Сарвари давлат бо эътимоди бузург бо мақсади болобарии нақши маънавиёт ва фарҳанг дар таҳкими Ваҳдати миллӣ роҳандозии барномаҳои зиёди фарҳангӣ ва маънавиро оғоз намуданд. Тарғиби арзишҳои миллӣ, рушди забон ва фарҳанг, такмили таълими онҳо дар ин самт нақши калидӣ доштанд. Аз муҳимтарин чорабинӣ дар ин давра, ки ба баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллии сокинони мамлакат мусоидат кард, таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён ва дар ин росто қомат афрохтани муҷассамаи бузурги Исмоили Сомонӣ дар майдони марказии пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе буд.

Ташаббусҳо ва сиёсати Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва баъд аз он барои таъмини сулҳ, барқарории Ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдории Тоҷикис- тон ниҳоят муассир ва нишонрас буданд. Иқдомҳои Роҳбари давлат дар барқарории сулҳу субот, таҳкими низоми давлатдорӣ ва рушди ҷомеаи солим заминаи асосии рушди устувору босубот ва пойдории Истиқлоли давлатию миллӣ гардиданд. Ваҳдати миллӣ ҳамчун рукни аслии давлат ва ҷомеа, ки Пешвои миллат бо сиёсати хирадмандона ва ҳадафмандонаашон онро таҳким бахшиданд, имрӯз ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ва заминаи муҳим барои барномаҳои рушд дар оянда боқӣ мемонад.

Ваҳдати миллӣ фазои мусоид фароҳам овард, ки арзишҳои давлатдории миллӣ ҳамчун нишонаи ҳастии миллат нигоҳ дошта шаванд. Бо шарофати ваҳдат насли ҷавон дар руҳияи ифтихору эҳтиром аз мероси гу-

заштагон ба воя расида онҳоро ҳамчун қисми муҳимми зиндагии худ қабул мекунад.

Зиёиён ҳамчун қишри барумандл ва маънавии ҷомеа дар ин раванд нақши муассир ва ҳалкунанда мебозанд. Онҳо на танҳо ба пешрафти илму фарҳанг ва маънавиёт мусоидат менамоянд, балки ҳамчун пайвандгари таърих, фарҳанг ва ҷомеа барои таҳкими Ваҳдати миллӣ хидмат мекунанд. Фаромӯш набояд кард, ки вазифаи асосии зиёиён ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои маънавии миллат аст. Зиёиён бо таҳқиқ ва барқарорсозии мероси фарҳангӣ, нигоҳдории забон, адабиёт ва санъати миллӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди худшиносии миллӣ саҳми бузург мегузоранд. Дар ин раванд шароити беҳтарин барои таҳкими Ваҳдати миллӣ бунёди муҳити солими фарҳангӣ ва маънавӣ мебошад, зеро фарҳанг омили муттаҳидсоз аст.

Аслан, зиёӣ ин тарғибгари арзишҳои волои инсонӣ, ҳамбастагӣ, муҳаббат ба Ватан ва эҳтироми байниҳамдигарии инсонҳо буда, бо фаросати баланд, андешаи созанда, назари нуктасанҷона ба ашёву зуҳурот ва ҳодисаву воқеаҳо, инчунин, ташаббусҳои ҷасуронаву дурандешона аз дигарон фарқ мекунад.

Кормандони воситаҳои ахбори омма, хусусан, фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти шароити муосири рушди техникаву технология дар шаклдиҳии мафкураи ҷомеа нақши муҳим доранд. Хеле хушҳолкунанда аст, ки зиёиёни мо пайваста аз тариқи воситаҳои ахбори оммаи расмӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ баҳри баланд бардоштани ҳисси худшиносии ҷомеа талош меварзанд. Аз ҷумла, пас аз нашр шудани ду ҷилд китоби «Феҳристи бузургони тоҷик-форс» хонанда тавонист, ки дар онҳо ба чор забон, инчунин бо истифода аз QR-код ва сомонаи "Wikipedia" оид ба шахсияти ҳар яке аз бузургони илму адаб ва фарҳангу сиёсати тоҷику форс маълумот дарёфт намояд. Дар баробари ин, ба зиёиёни тоҷик зарур аст, ки доир ба шахсиятҳои мазкур пажуҳишҳои илмӣ анҷом дода, бо нашри онҳо танҳо дар матбуоти даврӣ маҳдуд нагарданд ва маҳсули эҷодашонро тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ низ паҳн намоянд.

Бо ин роҳ мо метавонем ҳисси худшиносии миллии аъзои ҷомеаро боло бурда, Ваҳдати миллиро таҳким бахшем. Зеро майдони воситаҳои ахбори омма, хусусан, шабакаҳои иҷтимоӣ, имрӯз барои тарғиби арзишҳои Ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва пешгирии ихтилофҳои иҷтимоӣ хидмат мекунад.

Дар ҷомеа гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ - кишоварзон, ҳунармандон, донишмандон, табақаҳои миёна ва дигарон - ҳар яке бо нақши худ дар таҳкими Ваҳдати миллӣ саҳми муносиб дошта метавонанд. Ҳамкорӣ ва эҳтиром ба арзишҳои якдигар барои таъмини як фазои муттаҳид ва осоишта муҳим аст. Аз ин рӯ, Пешвои миллат борҳо таъкид кардаанд, ки «Ваҳдати миллӣ наметавонад бе ҳисси масъулият ва ҳамкории тамоми қишрҳои ҷомеа ба даст ояд».

Имрӯз дар Тоҷикистон дину мазҳаб на фақат рукни маънавии ҷомеа, балки рукни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ мебошанд. Ҳамкории созанда байни дину мазҳабҳои мухталиф, аз ҷумла, ислом, масеҳият ва дигар эътиқодҳо, инчунин, мазҳабу равияҳои муътадили дохили ин динҳо барои таҳкими ваҳдат ва пешгирии низоъҳои мазҳабӣ ҳамчун рукни муҳимми суботи миллӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ҷониби дигар, тақвияти ҳама гуна шаклҳои маънавиёт ҳамчун роҳи таҳкими худшиносӣ ва эҳсоси масъулият ба рушди Ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад. Арзишҳои миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми таърих ва фарҳанги куҳани худ аз ҷониби ҷомеа бояд ба шеваи васеъ тарғиб ва посдорӣ шавад. Ин равиш на танҳо ба тағйири муносибатҳои иҷтимоӣ, балки ба таҳкими нуфузи миллӣ дар арсаи байналмилалӣ низ мусоидат мекунад.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки Ваҳдати миллӣ на танҳо рукни сиёсати дохилӣ, балки пояи сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ мебошад. Аз ин ҷост, ки бо эҳё ва таҳкими ваҳдат Тоҷикистон тавонист сиёсати хориҷиро дар тамоми самтҳо устувор ва бомуваффақият пеш барад. Дар натиҷаи ин ваҳдат ба ҳайси рамзи суботи миллӣ ва идораи дуруст дар муҳити байналмилалӣ шинохта шуд.

Вобаста ба ин зарур медонем, ки ба ду ҷанбаи муҳимми масъала - робитаҳои сулҳдӯстона бо давлатҳои ҳамсоя ва нақши ваҳдат дар барқарорсозии нуфуз ва обрӯи байналмилалии Тоҷикистон бо овардани чанд намунае мушаххас назар кунем.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун рукни асосии суботи дохилӣ барои Тоҷикистон шароити устувор ҷиҳати таъсир гузоштан ба таъмини амнияти минтақа фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи стратегӣ ва геополитикии Осиёи Марказӣ қарор дорад, бо мамлакатҳои ҳамсоя - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Чин, Афғонистон марзи тулонии муштарак дорад. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар солҳои 1992-1997 амният ва суботи мамлакатро хароб намуда, ҳатто таҳдиди таҷдиди ҷанг ва ноустувориро дар минтақа ба вуҷуд оварда буд. Аммо таъмини низому суботи дохилӣ ва таҳкими ваҳдат барои рушди равобити ҳамсоягӣ мусоидат карда, Тоҷикистон тавонист бо давлатҳои ҳамҷавор муносиботи сулҳдӯстонаро барқарор намояд. Инчунин, пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ Тоҷикистон тадриҷан қариб бо ҳамаи ҷумҳуриҳои ҷаҳон муносибати дипломатӣ барқарор намуд, ки ин аз як тараф, ба боло рафтани обрӯву нуфузи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ боис гашт ва аз сӯи дигар, ба рушди иқтисодии мамлакат ва таъмини зиндагии шоистаи мардум мусоидат намуд.

Ваҳдати миллӣ дар якҷоягӣ бо сиёсати муваффақи дипломатӣ сабаб шуд, ки Тоҷикистон дар созмонҳои муҳимми минтақавӣ ва байналмилалӣ мавқеи хоси худро пайдо кунад. Масалан, Тоҷикистон узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ мебошад. Тоҷикистон дар ин ҷода тавонист дар муддати хеле кӯтоҳе аз як давлати узви қаторӣ дар созмонҳои ҷаҳонӣ ба ҷумҳурии ташаббускор табдил ёбад. Ин нуфуз дар баробари рушду густариши ҳамкории иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои гуногун дар ҷаҳон, инчунин, барои Тоҷикистон имкони дастёбӣ ба сармоягузорӣ, технология ва мутахассисони навро фароҳам овард.

Дар ин росто бояд таъкид намуд, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ноустувории солҳои аввали истиқлол обрӯ ва нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш дода буданд. Ваҳдати миллӣ ва сиёсати сулҳпарварона имкон дод, ки Тоҷикистон обрӯ ва эътимоди худро барқарор кунад. Ин амал дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун нишонаи кӯшишҳои бузурги давлат ва ҷомеа барои ба даст овардани субот ва рушди устувор пазируфта шуд.

Дар замони муосир, идеологияҳои ифротгароёна ва гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ яке аз хатарҳои ҷиддии таҳдидкунанда ба Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон мебошанд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва бахусус, дар давлати мо ин таҳдидҳо дар шаклҳои гуногун эҳсос мешаванд. Қувваҳои ифротӣ бо истифода аз ноогоҳии баъзе гурӯҳҳои ҷомеа, махсусан, ҷавонон, талош мекунанд, ки Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеаро халалдор кунанд.

Экстремизм ва терроризм на танҳо ба амнияту суботи дохилӣ таҳдид мекунад, балки барои амалисозии манфиатҳои баъзе давлатҳои минтақа хидмат карда, фаротар аз он, воситаи таҳриккунандаи мушкилот ва низоъҳо мегарданд. Ин гуна таҳдидҳо бар зидди арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва маънавии тоҷикон равона шудаанд ва метавонанд ба порокандагии иҷтимоӣ ва нобудшавии пояҳои ваҳдат оварда расонанд. Ҳамчунин, таҳдидҳои хориҷӣ, ки тавассути дахолати мустақим ё ғайримустақим дар умури дохилии мамлакат амалӣ мешаванд, метавонанд боис ба эҷоди мушкил дар ваҳдати саросарии мардум ва заиф гардидани мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гарданд. Аз ин рӯ, омодагӣ ва муқовимат ба чунин таҳдидҳо бо истифода аз механизмҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ як амри зарурӣ аст.

Барои таҳкими Ваҳдати миллӣ ва таъмин намудани суботи давлат зарур аст, ки бо истифода аз механизмҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ҳама гуна таҳдидҳои идеологӣ, экстремизм, терроризм ва таъсири омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пешгирӣ карда шуда, тавассути сафарбар кардани неруи созандаи аҳли ҷомеа тамоми хатарҳо ба Ваҳдати миллӣ

бартараф карда шаванд.

Маърифати сиёсӣ ва фарҳангӣ заминаи асосии фаҳмиши воқеии Ваҳдати миллӣ ва ё гузаштан ба ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ мебошад. Бе маърифати сиёсӣ ва фарҳангии қавӣ, ҷомеа осебпазир ва таҳти таъсири гурӯҳҳои экстремистӣ ва ақидавӣ қарор мегирад. Барои пешгирӣ аз чунин натиҷаҳои ногувор моро мебояд ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ диҳем:

**Тарғиби дониш ва огоҳсозии сиёсӣ:** ҷомеа бояд дарк кунад, ки Ваҳдати миллӣ на танҳо пояи амнияти мамлакат, балки омили рушди иқтисод ва бақои таърихии миллат аст. Дар ин самт роҳандозии корҳои ташвиқу тарғиботӣ байни қишрҳои мухталифи ҷомеа, бо истифодаи васеъ аз воситаҳои ахбори омма, хусусан, шабакаҳои иҷтимоӣ бояд тақвият ёбад.

**Рушди фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллии умумӣ:** маънавиёт ва фарҳанг яке аз рукнҳои асосии ваҳдат мебошанд. Ҳифзи забон, адабиёт, анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ бояд ба ҳайси омилҳои ваҳдатофар қадр карда шаванд. Фаъолияти зиёиён, эҷодкорон ва аҳли фарҳанг бояд барои нигоҳ доштани ин арзишҳо тақвият ёбад. Аз ҷумла, зимни вохӯрии гурӯҳҳои корӣ дар деҳаву маҳалҳо зарур аст, ки намояндагони бахшу шуъбаҳои фарҳанг ҳангоми ҳунарнамоӣ, муаррифии китоби нави адибе ё шеъри тозаэҷоди шоире ва монанди инҳо ҳатман арзишҳои миллиро тарғибу ташвиқ созанд.

**Фаҳмондадиҳӣ ва муқовимат ба ақидаҳои ифротӣ:** ҷомеа бояд бо ҳушёрӣ ва дониши сиёсӣ бо ҳар гуна ақидаҳои ифротӣ, иғвоангез ва таблиғоти зидди давлат муқобилият кунад. Ба аҳли ҷомеа бояд фаҳмонда дода шавад, ки чунин ҳаракатҳо ба нобудшавии ваҳдат ва осеби ҷамъият оварда мерасонанд.

**Ҳамкории ҷомеа ва мақомоти давлатӣ:** ҳамкории судманд байни аҳли ҷомеа ва мақомот асоси таҳкими Ваҳдати миллӣ мебошад. Танҳо тавассути ҳамкорӣ ва эҳтироми якдигар метавон таҳдидҳоро ба таври муассир пешгирӣ кард. Имрӯзҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва намояндагони қишрҳои мухталифи ҷомеа дар таҳкими Ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошанд.

**Ташаккули механизми муошират ва мубодилаи назарҳо бо аҳли ҷомеа:** механизмҳои доимии муколама байни гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби намояндагони ниҳодҳои мушаххаси иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат аллакай таҳия гардида, дар асоси нақшаҳои муайян дар як сол ду бор бо сокинони деҳаву маҳалҳо, омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон, инчунин, бо иштирокдорони фаъоли иттиҳодияҳои динӣ вохӯриву суҳбатҳои фарогир ташкил карда мешаванд. Дар ин раванд на танҳо ба мардум моҳияти масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавӣ фаҳмонида мешавад, балки масъулон аз масъалаҳои мубрами ҷомеа огоҳ шуда, саривақт чораандешӣ мекунанд.

**Мубориза бо ҷараёнҳои ифротӣ ва иғвогар:** ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеа барои шинохт ва пешгирии фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ, таблиғоти иғвогарона ва фаъолияти зидди ваҳдат муҳим мебошад. Мақомоти мазкур дар доираи барномаву стратегияҳои давлатӣ, хусусан, стратегияҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешгирӣ аз коррупсия, мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва монанди инҳо метавонанд бо гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ дар ин самт саҳм гузоранд.

Хулоса, дар се даҳсолаи охир Ваҳдати миллӣ ба давлатдории навини тоҷикон заминаи устувор гузошта, барои рушду пешрафти ҷомеа мусоидат намуд. Баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, ҳамкории мунтазами ҷомеа ва мақомоти давлатӣ, мубориза бо таҳдидҳои экстремистӣ ва идеологӣ танҳо тавассути ҳамоҳангии ҳама гуна қишрҳо ва созмонҳои ҷомеа имконпазир мебошад. Аз ин рӯ, дар ояндаи дуру наздик ҳам мардуми аз ҳар ҷиҳат худогоҳу ташаккулёфта ҳамчун қувваи асосӣ дар таҳкими Ваҳдати миллӣ нақши калидӣ хоҳанд дошт.

Боварию эътимоди комил дорем, ки минбаъд низ тавассути ҷалби пурра ва мутамаркази аҳли ҷомеа метавон ба ҳифзи Ваҳдати миллӣ, таъмини субот ва рушди устувори Тоҷикистон ноил шуд ва ба ояндаи дурахшон устувор қадам гузошт.

**Саймумин ЯТИМОВ,**
**профессор**



# САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ



## МУҚАДДИМА

Муҳимтарин масъалае, ки устод Садриддин Айнӣ ҳаёти худро ба ҳаллу фасли он сарф намудааст, тарғиби зарурати донишандӯзӣ, маърифаткунонии саросарӣ, ташвиқи оммаи мардум барои расидан ба истиқлоли руҳиву равонӣ ҷиҳати ноил гаштан ба пирӯзии инқилоби маданӣ, таъсис, рушд ва пойдории давлати миллии тоҷикон буд.

Мутаассифона, дар шароити кунунӣ, агар бо такя ба принсипи таърихии дарки воқеияти ҳастӣ муҳокимаронӣ кунем, раванди ташаккули мафкураи қисме аз насли ҷавон самти диалектикии инкори баръакс – бухрони хавфноктар аз замони Айниро касб кардааст.

Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи хурофотӣ сабаб гашт, созмонҳои экстремистиву террористӣ давра ба давра шакл бигиранд. Ҳалқаҳои махфии он тамоюл ва имконоти барои давлати миллӣ хатарзои афзояндаро аз худ нишон диҳанд.

Ин ҷараёнҳои махлут бо ифротгароӣ дар ягон давр чунин вусъати паҳншавӣ надоштанд, агар даҳшати замони ҷанги шаҳрвандиро истисно кунем.

Омилҳои аслии фоҷиа аз камбуди тарбия дар шароити оила (1), нотавонии мактаб (2), заифии муҳити маънавӣ (3) ва инфрасохтори ташаккули ҳисси ватандории баробарвазн ба ҷаҳонбинии таассубгароёна (4), адами масунияти (иммунитети) ақидавӣ дар муқобили таҳрики ғояҳои зиддимиллӣ (5) сарчашма мегиранд.

Маълум аст, ҷаҳонбинӣ маҷмуи систематикунонидашудаи мухтавои руҳи инсон – ангезандаи вокуниши амалии ӯ нисбат ба муҳити атроф аст. Маҳз ҳамин ҷавҳар воқеиятро ба тарзи идеалӣ дар худ инъикос мекунад. Баҳогузорӣ, ҳамзамон, нақшаи тағйири онро тарҳрезӣ менамояд. Тимсоли (образи) вазъ ва намунаи ояндаи чунин дигаргуниро дар ақли худ ҷой медиҳад. “Мебинад”. Роҳу восита ва усули бамақсадрасиро интихоб мекунад.

Бидуни шак, тафсири мазкур ифодаи классикии таърифи шинохти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. Муҳим ба назар мерасад, ки ҳангоми арзёбии инкишофи ҷаҳонбинии узви ҷомеа, дар маҷмуъ, шуури ҷамъиятӣ, формулаи ёдшуда мадди назар гирифта шавад. Махсусан, вақте сухан дар бораи ҷараёни ифротишавии ҷомеа, оқибатҳои на чандон дур ва агар пешгирӣ нашавад, фоҷиабори он равад.

Адабиёт муҳимтарин воситаи ташаккули рух, ҷаҳонбинии воқеӣ - муассиртарин василаи сохтани давлати миллӣ аст. Агар ин амал бо дарки интихоби мавзуи рӯз, ҳамчун ниёзи иҷтимоӣ – таърихӣ, мақсаднок, устодона, нишонрас, ба умеди ноил гардидан ба натиҷаи меҳнати нависанда тарҳрезӣ ва анҷом шавад. Чуноне ки мо онро дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ мебинем.

Мавзуи баҳси мо, тавассути хотиррасон кардани заҳматҳои эҷодии ин нобиғаи илм ва каломи бадеӣ, кӯшиши наздик кардани адибон ва адаби-

ёти муосир ба дарки ҳолати бухронии руҳиву равонӣ ва воқеияти вазъи маънавии қисме аз узви ҷомеаи имрӯза мебошад. Зеро муътақид ҳастем: "Суханҳо ҳеҷ арзише надоранд, агар идеяҳоро ифода намуда, бо далелҳо зарурат ва ҳақиқати онҳо исбот нагарданд" (В.Г. Белинский. Собрание сочинений. Т. 8. – М.: 1982. – С.107).

## ЗАРУРАТИ ИҶТИМОИИ АЙНИШИНОСӢ

Аз давраи ба Истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷик чанд даҳсола сипарӣ гашт.

Таърихи навтарин бори дигар исбот кард, халқ замоне соҳибдавлат мегардад, ки зарурати ногузир ва бебозгашти аз кашмакашҳои дохилии ҷомеа раҳо шудани хешро ба куллӣ эҳсос намояд (1), рух, маънавиёт ва соҳибиродагии сиёсӣ нишон диҳад (2), шароити таърихӣ ба он созгорояд (3) ва сарвари қудратманди дорои сифатҳои фавқулода дошта бошад, ки таъсис, ташкил ва раҳбарии давлатро ба ухда бигирад (4), дар фаъолияти сиёсӣ нақша ва ормонҳои тамаддунии миллатро собитқадамона амалӣ созад (5).

Ба бахти таърихии халқи тоҷик дар вазъи фоҷиабор, ки Тоҷикистон на ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии давлат, балки дар доираи истилоҳи ҷуғрофиёии мамлакат ҳанӯз ҳам арзи ҳастӣ менамуд, Пешво, саробон ва роҳнамои худро пайдо кард.

Ӯ тавонист шароит, захираҳои маънавӣ ва моддии мардуми хешро ба хотири баркарории давлат, таъмини сулҳу субот, рушду тараққии он хирадмандона сафарбар кунад. Давлати мустақили барои таъмини ниёзҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маданӣ комгор ва дар муносиботи байналхалқӣ соҳибихтиёр барпо намояд. Ба тарзи дигар, бунёди муассисаи ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллиро, бо дарназардошти шароити рақобатҳои пешгӯинашавандаи геополитикӣ, асос гузорад ва устувор созад.

Дуруст аст, "ёдоварии давлат набояд чизи дигаре бошад, ғайр аз рӯйдодҳои муассир. Давлат муҳокимаронӣ намекунад. Ҳарф намезанад. Аз худ фаъолияти натиҷаманд нишон медиҳад". (В.Г. Белинский. Т. 4. – М.: 1954. – С.7). Ин аст табиати таъйиноти принсипалӣ ва императивии давлат.

Аммо яке аз классикони фалсафаи эмпиризм меомӯзад: "Инъикоси табиатро дар тафаккури инсон бояд на ба тарзи "шахшудамонда", на ба тарзи "номуайян", на бидуни ҳаракат, на бидуни зиддият, балки дар шакли абадии ҳаракат, рух додани зиддиятҳо ва ҳаллу фасли онҳо фаҳмидан лозим аст" (Иқтибос аз асари Л. Живкович. Теория социального отражения. – М.: Прогресс, 1969. – С. 49).

Собиқ давлати пуриқтидори дар шашяки рӯйи замин истиқрор, ин қонунмандии диалектикиро сарфи назар кард. Шикаст хӯрд. Аз харитаи сиёсии олам нопадид гашт.

Дар алоқамандӣ бо чунин воқеият, дар шароити кунунӣ масъалаи ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои муҳимми замони Истиқлол аз мавзуъҳои марказии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо дарки ҳақиқати воқеӣ ва тибқи он ноил гаштан ба пешрафт ва муваффақият, дар раҳи рост муяссар намегардад. Тибқи ифодаи мантиқии Аристотел дар асари машҳураш "Сиёсат", давлат мебояд раванди ташаккули мафкураи сиёсии аҳли ҷомеаро мадди назар бигирад. Ба он таъсиргузор бошад.

Дар ин маврид, формулаи ҳолати муайянкунандагӣ доштани ҳастӣ нисбат ба рух ва ҷаҳонбинӣ, зуҳуротеро касб кардааст, ки мутаассифона, дараҷаи донишу хиради қисме аз узви ҷомеаи мамлакатҳои мусулмоннишин ба фаҳми мухтавои найрангҳои геополитикӣ намерасад. Ба осонӣ, дар кӯтоҳмуддат онҳоро раҳгумзада мекунонад. Аз манзалати истифодабаранда ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ, "дареғу дард, ки ғофил зи кори хештан" (Ҳофиз), ба унсури истифода ва роҳбаришаванда ҳамчун усулу восита мубаддал мегардад.

Ба ин мантиқ, сухани Уинстон Черчил шоистаи ёдоварист. Ӯ дар оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон, дар хусуси нафари ташаббускори он, бо таассуфу нафрат, изҳор дошта буд: "Бубинед, як ефрейтор тамоми дунёро ба даҳшат овард".

Сухан сари муаммоест, ки ҳамагӣ чанд ашхоси ҷаҳолатпешаи аз мантиқи миллат ва манфиатҳои миллӣ, давлат ва давлатдорӣ ноогоҳ, бар болои "ҷумҳурии мардумаш саросар босавод", чунон мушкил эҷод карданд, ки ҳазорон назариётчӣ, олим, мутафаккир ва сиёсатмадору давлатдор дар посухгӯйӣ ба он суолот лол монданд.

Сабаби ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ аз ҳамин ҳақиқат иборат буд.

Боиси таассуф аст: “Таърих ба инсон меомӯзад, ки инсон аз таърих чизеро намеомӯзад” (Г.В.Ф. Гегель. Лекции по философии. – Санкт-Петербург: 2000. – С. 55).

Акнун ҳамарӯза шоҳиди он муаммое ҳастем, ки ҷаҳолат, таассуб, торикӣ, бефарҳангӣ, нодонӣ, чорагарӣ, бедонишиву носипосӣ, осоиш аз омӯхтан, илмситезӣ ва натиҷаи он оҳарманӣ – ҳанӯз ҳам дар ҳазор шакли хурофот дар муқобили сохти давлатдорӣ, донишситоӣ, ақлгароӣ, нексиголӣ, додгарӣ, ватанпарварӣ, хидматгузорӣ ба халқу миллат, рисолатшиносӣ, хушмандӣ, балоғатсоларӣ, номусгароии аҳли Аҷам мубориза ошкору пинҳон мебаранд. Дар олами ғаразпарвар растагор меҷӯянд. Пуштибон меёбанд. Гоҳе муваффақ ва дастболо мешаванд.

Тули асрҳо мушкили аслӣ ва фоҷиабори миллати тоҷик ҳамин буд ва ҳаст.

Ба ҳамаи ин суолҳо дар осори ҷовидонаи Садриддин Айнӣ посух ёфтан мумкин аст. Онҳо дастур ва роҳнамои маорифи халқ мебошанд, на танҳо барои Вазорати маориф.

## САДРИДДИН АЙНӢ – САРЧАШМАИ МАЪНАВИИ ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ

Масъалаи муҳтаво, рух, мантиқ, мундариҷа ва маънавиёти миллӣ истилоҳоти мураккаб ҳастанд. Агар мо онҳоро ҳамчун мафҳум, категория ё дефинитсия истифода карданӣ бошем. Агар мо бо ин “силоҳ” вориди баҳс шуданӣ бошем.

Дар яке аз мусоҳибаҳои охирин, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мунаққиди барҷаста Соҳиб Табаров коромад, сифат, мундариҷаи адабиёти пешин ва муосирро бо ҳам муқоиса карда, аз ҷумла, мегӯяд:

“... бо вуҷуди ин мани 23-соларо соли 1947 ба аъзогии Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Он вақт иттифоқ 33 аъзо дошт. Ҳоло 400-500. Он вақт ҳар сол, ақаллан, 10-15 асари нағз ба дасти хонанда мерасид. Аммо имрӯз дар 10-15 сол як асари хуб ҳам ба майдон намеояд. Имрӯз ҳама узви Иттифоқ...

Канӣ шумо ду се адиби замони Истиқлолро ба ман гӯед, ё китобашро ба ман оред... ман кӯру кар. Асарашро баланд – баланд хонед. Ман фаҳмам. Ана баъд мебинем. Наметавонед! Зеро нест!” (Ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №15. 15.04.2015).

Ба гуфти В.Г. Белинский, асар ҳамон аст, ки хонанда онро на кам аз ду бор, батакрор, бо иштиёқ хонад. Ва ба дигарон бо завқи баланд қисса намояд.

Дар муддати сад соли мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун истилоҳи сиёсӣ, муҳтаво ва ҷараёни ташаккулёбии шуури миллӣ аз мавзуъҳои марказии қаламбадастони ватанпараст маҳсуб мегардид.

Сарфи назар аз камбудиҳо, адабиёти бадеӣ, матбуот, васоити ахбори умум, дар маҷмуъ, дар ин ҷараёни масъулиятноки таърихӣ нақши мусбат доштанд.

Албатта, иҷрои муваффақонаи ин вазифа кори саҳл нест.

Қудрати нависанда, тавоноии ӯ дар истеъдод (1), донишу хирад ва фазилати (2) ӯст. Асоснокии ин фарзияро академик будани нависандагони бузург Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов ва баъзе аз қаламкашони сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад.

Адабиёт илм аст. Нависандаи ҳақиқӣ олим. Ӯ медонад, ки адабиёт ҳам шакли фаъолияти пурмуҳтавои ҷомеаи инсонист. Мақсад аз он омӯхтан, тадқиқи оламу одам, тафаккур, равандҳои ҷомеа, ҷараёнҳои табиат ва қонунмандиҳои тараққиёти онҳост. Баръакс, ба адабиёти воқеънигорӣ ҳеҷ зарурат намемонд, агар байни зуҳурот ва моҳияти раванди ҳастии ҷамъиятӣ номуайянӣ, нофаҳмӣ, мавҳум ва тазод вуҷуд намедошт.

Шарт нест, ки адиб аз доираи салоҳияти худ берун ва ба илм машғул шавад. Не. Аммо ӯ бояд донишманд, то дараҷае энсиклопедист бошад. Дар ин маврид, дониш ба сифати тасаввуроти илмӣ мадди назар аст. Агар хоҳад, ки асари хотирмон ва барои ҷомеа судманд эҷод намояд, то “аз боду борон, наёбад газанд”.

Бартарии Садриддин Айнӣ дар кори эҷодӣ, дар замири як шахс тавъам омадани хотироти таърихӣ, истеъдоди камназири нависандагӣ бо донишманди бузурги илмҳои таърих, мардумшиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва руҳшиносист. Баркамолӣ ва безаволии асарҳои бадеии ӯро низ сабаб ҳамин аст. Ин хосиятро дар ҳар шакл нависандагони машҳури олам, аз ҷумла, Уилям Шекспир (1564 -1616), Иоган Волфанг Гёте (1749 – 1832), Оноре де Балзак (1799 – 1850), Лев Толстой (1828 -1910), Робендранат Такур (1861 - 1941) нишон дода буданд.

Бидуни шак, Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост. Ҳамзамон, афзалияти ин абармард нисбат ба дигарон дар матонат, ҷасорат, аз худ гузаштанҳо, мубориз будан ва руҳияи инқилобӣ доштани ӯст.

Садриддин Айнӣ медонист, ки натиҷаи муборизаи ҳазорсолаи миллати тоҷик ба муқобили нимғуломдорӣ тавассути Инқилоби Бухоро, мисли ҳадяи таърих ба орзуву омол ва фаъолияти ҷоннисоронаи халқи ӯ амалӣ гардид. Мутафаккир, ҳамчун фарзанди намаксипос, ки аз хислатҳои ҳамидаи халқи бузургаш аст, ин инқилобро бо ташбеҳи "машъали рахшони адолат" ва "мурғи ҳумо" васф кард. Ҷавонмардона, бе дудилагӣ дар олами ақибмондаи хатарнок, пешгӯинашавандаи сиёсӣ ва иҷтимоии асримиёнагии Шарқ, худро шогирди чилсолаи Инқилоб эълон намуд. Инқилобе, ки асли онро дунявият ташкил мекард.

Худи Айнӣ, вобаста ба замон ва муҳити ба камол расиданаш, имкони даст ёфтан ба адабиёти илмӣ, ки инқилоби иҷтимоиро ҳамчун дигаргун кардан, барҳам задан, шикаст додани форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодии кухна, ба минбар нишондани низоми пешбар, мутараққӣ ва инсонмеҳвар тафсир мекард, надошт.

Дар шароити Бухорои асримиёнагӣ чунин табақаи иҷтимоӣ, назарияи илмӣ ва шуури инқилобӣ аз худ дарак ҳам намедод.

Дар чунин ҳолат, Айнӣ ҳама гуна дигаргуниҳои иҷтимоиро дар натиҷаи амалҳои фаъол ва таъсирбахши маорифпарварона – инқилоби маданӣ тасаввур мекард ва медид.

Аз лиҳози дигар, агар Айнӣ Аҳмад – махдуми Донишро "доҳии модарзод" номида бошад, худи ӯ низ аз ҷумлаи нобиғагони банӣ башар буд, ки қобилияти ирсӣ, табиӣ ва фавқулодаи дарки воқеияти ҳастиро дошт. Бидуни инқилоб ҳам, то дами марг рисолати худро мисли Гомер, Шекспир, Гёте, Байрон, Мартин Лютер ва дигар қаҳрамонони миллатсоз иҷро мекард. Як шахсияти одӣ набуд.

Дар шароити хатари марговар ба ӯ ва ҷигарбандонаш, ду сол қабл аз Инқилоби Бухоро, ҳанӯз соли 1918, бидуни такягоҳу пуштибон сохти амириро рӯирост чун "хонаи бедоду ситам", "маҳкамаи ҷабр" маҳкум, "он қозиву муфтиву он шоҳу вазир"-ро орзуи сарнагун кардан дошт. Ҳамчун инқилобчӣ мардонавор қад барафрохт. То охири умр ба муқобили ҷаҳонбинӣ, руҳу маънавиёти миллаткуш ва урфу одати боқимондаи замони куҳан мубориза бурд.

Бидуни шак, "Ҳар як инсон таърих дорад. Шахсро дар ин таърих лаҳзаҳои хатарнок ҳамраҳӣ мекунанд: дар бораи одам бошад, фақат ҳамон вақт бехато муҳокимаронӣ кардан мумкин аст, ки ӯ дар он асно чӣ тавр фаъолият кард, чӣ гуна рафтор нишон дод, вақте ки дар ду паллаи тарозу ҳаёту мамот, шаъну шараф ва хушбахтии ӯ меистоданд.

Чӣ қадар инсон баландмоя бошад, ҳамон қадар таърихи вай пуршукӯҳтар, лаҳзаҳои хатаровар барояш даҳшатбортаранд. Ҳамзамон, берун гаштан аз чунин ҳолати фалокатбор барои ӯ ҳамон қадар тантанавор ва ба дараҷаи баланд муассир ҳастанд. Ҳаёти чунин шахс ба ҳаёти халқаш тавъам меафтад" (В. Г. Белинский. Собрание сочинений. Т. 2. – М.: Художественная литература, 1977. – С. 138-139).

Садриддин Айнӣ фақат баъди инқилоб ҳамсони худро дар шахсияти Абулқосим Лоҳутӣ пайдо кард. Аз рӯйи дарку қобилият ва ҷавонмардиву матонат, сарсупурдагиву садоқат, дӯсти дар парешонҳоливу дармондагии худро дарёфт.

Руҳи инқилобии Лоҳутӣ ҳам ба Айнӣ бетаъсир намонд.

Садриддин Айнӣ, ба ғайр аз ҷаҳонбинии динӣ – схоластикӣ, боз ба вуҷуд доштани назарияи дигар – нақши инсони донишманд дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа ниёз дошт. Ва аз адабиёти дастрас ба ҳамин суолҳои худ посух меҷуст.

Албатта, баъдан ин дастоварди маънавӣ дар суханони Садриддин Айнӣ иброз гаштааст.

Аммо раванд ва воқеияти ташаккули шахсияти худи мутафаккирро ҳам бояд ба инобат гирифт. Ҳамчун ҷавонмарди ташнаи дониш, то замони шиносоӣ бо эҷодиёти Аҳмади Дониш, Айнӣ бо маъхазҳои асосии инсонпарваронаи адабиёти классикӣ оғоз аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва даҳҳо мутафаккирони бузурги таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик шиносоии баркамол дошт. Ва баҳравари эҷодкорона аз мафкураи таърихӣ – ҷоннисориҳои абармардони майдони сиёсат ва ақидаҳои

маорифпарваронаи адабиёти классикӣ – тамаддуну фарҳанги ниёгон, оқибат ҳимоя кардан ва ба истиқлол расидани миллатро тавассути ин нависандаи баркамол ва дигар ҷавонмардони мубориzу фидоӣ сабаб шуд.

Ҳамзамон бо ин, асарҳои равшангаронаи Аҳмади Дониш, ҳамчун дидгоҳи бозбинии замони истибдоди амирӣ, ҷамъбасти мантиқӣ ва ифодакунандаи вазъи ҷаҳонбинӣ ва фазошиносии давр, такони ҷиддӣ барои дарк ва инъикоси воқеияти замони Айнӣ маҳсуб мегарданд.

Таърихи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва афкори миллати тоҷик дар тули ҳазор сол, бори дигар исбот кард, ки рух, маънавиёт, дидгоҳ, нуқтаи назари сиёсӣ, ки онро дар маҷмуъ, идеология ном мебаранд, хосияти иманентии диалектикӣ надоранд. Он аз воқеият, ки амали мақсаднок ва бошууронаи инсон, аз муҳимтарин ҷузъи он мебошад, вобаста аст.

Оғоз аз ҳамин нуқтаи дарк ва камоли андеша, мубориzаи ақидавӣ ва инқилобии Айнӣ мухтавои баробарвазн ба воқеият гирифт.

Дар ин маврид, Айнӣ муносибати худро ба ҳукумати амирӣ аз лиҳози мавкеъгирии сиёсӣ комилан тағйир дод (1). Хурофотро ҳамчун усул, восита, ҳамсафар ва ҳимоятгари аслии маънавӣ ва ҷисмонии ҷиноятҳои амирӣ бар зидди оммаи мардуми ноогоҳу бесарпаноҳ шинохт (2). Донист, ки идеологизми таҳмилӣ ва урфу одати аҷнабиён, дар ягон ҳолат наметавонад созгори имрӯзу ояндаи босубот ва умедбахши халқи азияткашидаи тоҷик бошад (3). Ба хулосае омад, ки ягона роҳи озодӣ, аввалан, дар тағйири моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, руҳиву равонӣ – дар истиқлоли зеҳни инсон аст. Бидуни он озодии воқеӣ ва ояндасоз хобу хаёлу шиору орзуе беш нест (4). Ва ин дастовард, танҳо тавассути рӯ овардан ба илм, босавод кардани оммаи мардум (5) ва баҳравварӣ аз нуқтаи бунёдӣ, такягоҳӣ – таърих ва тамаддуни миллати ӯст. На афсона ва тахайюли дигар (6).

Ин ақидаҳои барои миллат ҳаётбахшро Садриддин Айнӣ дар тули умри бобаракати худ ҳам бо сухан, ҳам бо қалам ва ҳам бо қадам исбот кард.

## АЙНӢ –
## ДОҲИИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

Садриддин Айнӣ дар таърихи тоҷикон, аз ҷумла, дар мураттабсозӣ, муаррифӣ, рушди адабиёти он сармашқ, абармард, воломақом, соҳибдафтар, баландҳиммат, Рустами таърихсози миллат, муҳандис ва бозофарандаи забони адабии ҳозираи тоҷик, масъулиятшинос, инқилобчии матин, озодихоҳ, муҷассамаи бузурги ҳувияти миллӣ буд, ҳаст ва мемонад.

Дар давраи навини Истиқлоли давлатӣ, ки худшиносии миллӣ аз муҳимтарин масъалаи суботи давлатдорист, ҷойи Айнӣ ҳамчун олим ва адиби мубориз холист.

Дар оғози асри гузашта, Айнӣ бо вуҷуди маҳдудияти зимом ва тангии замон, дар байни обу оташ роҳи зиндагии худро интихоб кард.

Аммо дар ин маънӣ Айнӣ мисли худ ҳамфикру ҳамақидаи якдилу рӯинтан надошт.

Ба дарбор ҳамчун шоир даъват гардид. Онро рад кард. Нахост қаҳрамони ягонаи ба миллати худ бегона бошад. Дар сахтиҳо дилшикаста нашуд. Мубориzаашро идома дод. Ба оммаи мардуми бесаводи азияткашида, маҳкум ба бадбахтӣ ва "тири фалак" хӯрда муроҷиат намуд. Онро омӯхт. Қаҳрамон интихоб кард. Хост мардумро ба худи мардум шиносонад. Онҳоро оинаи якдигар қарор бидиҳад. То фаҳманд, ки ҳазор соли бандагӣ, адами истиқлол онҳоро ба чӣ аҳвол рӯ ба рӯ кардааст. Хост адабиёти миллии бошахсият, анъана ва урфу одати тоҷикиро асос гузорад. Ба истилоҳҳои "халқ", "миллат", "манфиатҳои миллӣ" ҷон бахшад.

Айнӣ аз аввалин адибони миллии воқеиятшинос буд. Кӯшид, ба одамони одӣ сабаб ва воситаи раҳоӣ аз мушкилоти фоҷиабори иҷтимоиашро фаҳмонад. Онҳоро ба бесуботии тафаккури афсонавии "малакутӣ" (оламӣ фариштаҳо), дом ва доди бедоди гиряолуди идеологияи шикоятомези нотавонӣ, оҷизӣ, ноҷорӣ, дармондагии дастҳо сӯйи "фалак" (осмон, тақдир, гардише, ки инсон дигар наметавонад дар он нақш дошта бошад, маҷбур аст ба чунин қисмат тан диҳад) муътақид созад. Фаҳмонад, ки озодӣ ва шоистасолории инсон фақат аз Ақл, Хирад, Илму Дониш ва рафторҳои заминии ӯ вобастагӣ доранд.

Нобиғагӣ ва заковатмандии толибилми мадрасаи Бухорои асримиёнагӣ дар он буд, ки дарк кард, арзиши дониш дар муносибат ва муқоиса ба воқеияти ҳаёт санҷида мешавад. Ва дараҷаи муҳиммияти ҳама гуна назария дар алоқамандӣ бо таҷрибаи зиндагист.

Шогирди солманди Инқилоби навини иҷти-

моӣ нисбат ба худ ва пайравон ниҳоят серталаб буд. Таъкид менамуд, сухани бадеӣ ҳеҷ чизеро ифода намекунад, агар он ормону орзу ва афкори пешқадамеро тафсир ва тасвир нанамояд. Муътақид накунонад. Одамро ба шахсият мубаддал насозад. Посухгӯи ниёзҳои иҷтимоии давр набошад.

Чунин эътиқодмандӣ на танҳо дар асарҳои бадеӣ, илмӣ ва илмӣ–таърихии Айнӣ, балки дар мукотибаҳои ӯ бо аҳли илму адаб ҳам ба назар мерасад. Ин мактаби нави адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик буд.

Барои мисол, таваҷҷуҳ карда шавад, ба як номаи ватандӯсти беамсол, ниҳоят пуркору масруфу гирифтору масъулиятшиносу фаъол, ки умре ба хурдтарин зуҳуроти ҷаҳонбинии миллӣ бетарафӣ накарда, аҳаммият додааст. Фурсат пайдо карда, онро баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намудааст. Мутаносибан, барои ислоҳи вазъи тарбия дар мактабҳо, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии муаллимон тавсияҳо манзур сохтааст:

“Ман дар бораи аз ҳама ҷо дар Ленинобод зиёд будани хурофоти динӣ ба шумо як мисол нишон медиҳам. Дар тобистони соли 1946 ба Самарқанд як студенти ленинободӣ, ки дар Москва таҳсил мекунад, омад. Аз рӯйи шуниди ман, он студент бародари хурдтараки худро, ки «кокулаш ба Шоҳи Зинда назр будааст», гирифта овардааст, то ки гӯсфанде харида, ба сари мазори мазкур бурда, кокули бародарашро тарошонад.

Ин корро ягон касе аз аҳолии ҳозираи Самарқанд ва Бухоро намекунад. Ин факт ҳаминро нишон медиҳад, ки агар шумо бинои сари мазори шайх Маслаҳатро вайрон карда партоед ҳам, хурофотпарастон аз ҷоҳои дур ҳам бошад, барои қонеъ кунонидани орзуи хурофотпарастии худ, мазоре меёбанд ва инчунин, ин факт ҳаминро ҳам нишон медиҳад, ки дар Ленинобод – дар мактабҳо ҳанӯз тарбияи советӣ–коммунистӣ дуруст ба амал монда нашудааст, вагарна як студент ин корро намекард.

Бинобар ин, аз ҳама пештар ба воситаи мактабҳо мубориза ташкил кардан лозим аст ва аз ҳама пештар муаллимонро аз назари тавфиқ гузаронидан даркор аст” (С. Айнӣ. Мактубҳо. – Душанбе: Дониш, 2024. – С. 449).

Дар олам инсони бешахсият буда наметавонад. Агар мо ин истилоҳро ҳам аз лиҳози маънавӣ, ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ баррасӣ намоем. Аммо наметавон инкор кардан ҳақиқатеро, ки баҳогузорӣ ва қимати шахсият ҳам дараҷабандӣ дорад. Гарчанде дар ин арҷгузорӣ сифр ҳам меъёр аст.

Шахсияти гениалӣ дараҷаи олии сифати инсон аст, ки дар соҳаи муайян шуурнокӣ, ақл, хирад, дониш, касбият, тахассус, тавон, истеъдод, иродатмандӣ, ҷавонмардӣ ва масъулиятшиносии фавқулодаеро аз худ ба намоиш мегузорад. Аз замони худ чанд зина пештар меистад. Дар илму адаб ва паймону пайкор намунаи афзалияти бебаҳси иҷтимоӣ нишон медиҳад. Ин хосият ва дастовардҳои ба мерос мондааш барои аҳли башар чанд аср хидмат мекунанд.

Як аломати гениалии нависанда он аст, ки ӯ вазъиятро меомӯзад. Қисмати ҳассоси ба талаботи иҷтимоӣ нигаронидашудаи онро ҳамчун ҷузъ аз кулл тасаввур ва интихоб мекунад. Дар тасвир мегирад. Нуктаи калидиашро пайдо намуда, ин вазъро мутобиқ ба манфиати ҷомеа саҳнасозӣ, роҳбарӣ ва роҳнамоӣ мекунад.

Чунин эҳсоси баланди миллатдӯстӣ ва ватанпарварии Айнӣ дар очеркҳои таърихӣ – бадеии “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” боз ҳам аниқтар ба назар мерасад.

Маълум аст, ки ин ду асар дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ навишта шудаанд. Қаҳрамониву фидокории миллати тоҷикро ҳини асрҳои VIII ва XIII, дар мудҳиштарин лаҳзаҳое, ки мардуми мо ба муқобили фашизм муборизаи беамон мебурд, бо далелҳо, чун мафкураи таърихии ҳифзи Ватан ва нангу номуси миллӣ, на танҳо ба оммаи тоҷик, балки дар назди оламиён тафсир ва исбот менамояд. Дар ин ҳамосаҳо нависанда характери миллӣ, моҳияти маънавии миллати тоҷик, корномаҳои воқеӣ–таърихии фарзандони ӯ, ки маънан ба рафти муборизаи башарият ба муқобили вабои аср тавъам афтода буданд, ҳамчун арзиши умумибашарӣ тафсир ва ба оламиён манзур кард.

Яъне, “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”, ки ҳамосаҳои ҷовидонаи қаҳрамонҳои миллати тоҷик ҳастанд, дар баробари идеалҳои бузурги маънавии умумибашарӣ гузошта шуданд. Шакл ва воситаи муаррифии миллати куҳанбунёди муаллифи асарҳои ҷовидона ба ҷаҳониён мебошанд.

Нависанда намунаҳои тавонмандии фитрии хешро ҳанӯз дар аввалин шеърҳои худ “Дар фоҷи-

аи шиаву суннӣ”, “Бомдоди баҳорон”, “Саҳаргоҳон”, “Заминро мафрӯш”, “Марсия”, “Суруди озодӣ” ва дигар ашъораш тахассусмандона нишон дода буд. Яъне, нишонаҳои нобиғагии нависанда то замони эълони принсипҳои синфият, ҳизбият ва халқият, ки гоҳо Айниро мехоҳанд ба онҳо пойбанд кунанд, арзи ҳастӣ доштанд.

Албатта, метавон, тавре имрӯз барои иддае ҳукми анъана касб кардааст, худро шоиру нависандаву олим номид ё номаълумакак соҳибунвон гашт.

Аммо табиат дар тақсими истеъдоду қобилият ниҳоят хасис аст. Ва мардум баҳогузори сахтгир.

Агар Садриддин Айнӣ дар алоқамандӣ ба ҳар як зуҳуроти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳамқадам будани худро бо дарди ҷомеа ва ватандорӣ нишон дода бошад, дар маҷмуъ, ӯ тули ҳаёти эҷодии худ фақат асарҳое офаридааст ва оммаи мардумро бо дарк, фаҳм, инъикоси равонӣ ва вокуниши баробарвазн ба он даъват кардааст, ки барои таъмини суботи сохти давлатдорӣ ва рушди миллӣ ҳаётан муҳим аст. Яъне, воқеан, дар амал суварнигори ҳадис будани худро исбот намудааст.

Доҳии адабиёти навини тоҷик муътақид буд: “Маданият, агар он ба тарзи стихиявӣ инкишоф ёбад, на бошуурона мудирият шавад, инкишоф ёбад, рушд намояд, баъди худ биёбонро мемонад” (Иқтибос аз асари В.Н. Сагатовский. Вселенная философа. – М.: 2013. – С. 15).

Ҳақиқат доштани ин назарияро мо дар таърихи на чандон дури инсоният ва замони муосир дар ҳама кунҷу канори олам дидем ва барьало дида истодаем.

Масъулиятшиносии меъмори бузурги руҳи миллӣ тули фаъолияти эҷодӣ, сарфи назар аз маҳрумият ва мушкилоти даҳр, вазъи сангини иҷтимоӣ, гоҳҳо дар ҳолати ногувори руҳиву ҷисмонӣ ҳам, собитқадамона эҳсос мегардад.

Таҳлили характер, рафтор, сифатҳои шахсӣ ва тақдири қаҳрамонҳои Айнӣ дар қисса, повест, роман ва ёддоштҳо, аз ҷумла, Муқаннаъ, Темурмалик, Одина, Ёдгор, Абдуллоҳхоҷа, Сафар, авлоди Раҳимдод, Гулбибӣ, Гулнор, падараш Сайид Муродхоҷа, Тутапошшо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Аҳмади Дониш, Шарифҷон – махдуми Садри Зиё ва садҳо персонажҳои мусбату манфии офаридаи ӯ ҳамагӣ образҳои типӣ ҳастанд.

Нависанда қаҳрамонҳои офаридаашро аз маъхазҳои таърихӣ, таърихӣ – бадеӣ омӯхтааст. Бо чашми худ дидааст. Ба гӯши худ шунидааст. Дар рӯзгор санҷидааст. Онҳо бо дарки илмӣ, бадеӣ ва воқеъбинона дар тасаввур ва қалами нависанда инъикос ёфтаанд.

Баъзе мунаққидҳо Айниро дар сустирода будани Одина мазаммат кардаанд. Баръакс, Одинаро чунин тасвир намудани нависанда аз афзалиятҳои эҷодии ӯст.

Адиб дар кӯҳистони ақибмондаи тоҷик ҳамин симоро дарёфт ва нишон додааст. Субъекти намунаи умумияти иҷтимоӣ офаридааст. Бадбахтӣ ва камҳавсалагии ӯро сабаби фоҷиаи шахсиаш ва ҳамчун намунаи фоҷиаи миллӣ, дар маҷмуъ, тасвир кардааст.

Аммо Ятим, Ёдгор, Сафар, Абдуллоҳхоҷа ва насли дуюму сеюми Раҳимдодро пайдо намуда, аз онҳо шахсони воқеан фаъол, мубориз, сафшикан, дар муборизаи ҳаёт пирӯз тарбия карда, ба воя расонида, қаламдод намудааст. Дар муқобили Одинаҳои азияткашида, таҳқирдида, дар азоби хурофот ва урфу одатҳои ақибмонда танида гузоштааст.

Адибони имрӯза, ҳамасрони замони Истиқлоли моро чӣ мушкил домангир аст, ки чунин андешаву маҳсули эҷодро ба намоиш гузоранд. Аз тоҷики раҳгумзадаи замони ҷанги шаҳрвандии ба ном “демократ”, “муҷоҳид”, “мубориз роҳи исломи ноб”, муаллимбадбини пойбанди ҷаҳолату торикӣ, “зиёӣ” – профессорону журналистони (дар ҳоли ҳозир забондарози пушаймонагаштаи) думрави муллоҳои ташаббускори ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ ва акнун, дар даҳаи чоруми замони Истиқлол – ҷавонони гумроҳи узви созмонҳои террористии байналхалқӣ, зархаридони бозигарони геополитикӣ, соҳибунвонҳову мансабдорони хурофотзадаи бетарафи дампову хомӯши розӣ ба авҷи ҷаҳолату бегонапарастӣ қаҳрамонони воқеан табдилгаштаи бошууру мубориз роҳи эъмори давлати миллӣ офаранд. Тарзе ишора шуд, вазъи фоҷиаборро “бигиранд” ва аз он фазои маънавии шахсияти бунёдкор “созанд”. Дар амал “фалакро сақф бишкофанду тарҳи нав дарандозанд”. Ба “фатвои хирад хилофомади одат талабанд”, “субҳхезиву саломаттталабӣ”-ро (маъниҳо аз Ҳофиз) ба хотири суботу гул-гулшукуфоии Ватан – модари азиз, Тоҷикистон кунанд. Шанси фавқулодаи таърихро аз даст надиҳанд. “Типҳое офаранд, ки дар он муҳри

нишони муаллиф насб шуда бошад. Барои коғаз, барои як шумораи маҷалла нанависанд. Китоб не, асар офаранд. Эҷодашон аломати расмиятчигӣ, намоишӣ, ҳисоботдиҳӣ ва рӯякӣ надошта бошад. Ва адиб қаҳрамони парварида, комил ва пирӯзи худро дар зиндагиаш бо чашми худ бинад. Ифтихор намояд. Агар қаҳрамон, персонажи барои нависанда тип бошад, хонанда онро дар ҷомеа эҳсос намояд, бишиносад. Аз ӯ омӯзад. Пайрави ӯ бошад (В.Г. Белинский). Ин аст асари зинда, коромӯз, коргар ва тавре дар боло ишора шуд, офаридае, ки масъули накди сухан ҳам аз набудани он эҳсоси таассуф наварзад.

Агар Айнӣ ҳозир ҳам зинда мебуд, ҳамин масъулият ва накшу мартаба барҳақ моли ӯ буданд. Баъди сад соли дигар ҳам, ин афзалият мансуби ӯ мемонд.

Қаламкаши бузургро тақдир ва таъйин ҳамин аст, чуноне ки нишонаҳои барҷастаи онро мо баъдтар дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғаффор Мирзо, Ҷалол Икромӣ ва Фазлиддин Муҳаммадиев медидем.

## АЙНӢ – АСОСГУЗОРИ МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ

Садриддин Айнӣ дар чандин лаҳза худро, барҳақ, инқилобчӣ номидааст. Албатта, ин хулосаро, замоне ки нависандаро ҷабри рӯзгор ва аъмоли ҳасудони фурӯмояи дурӯяи чоплуси замонасози носозгор ба ҷон расонидаанд, иброз доштааст. Аммо чашми воқеъбин ва гӯши ҳақшунав ниёз ба изҳори чунин мавқеъ надошт.

Аз лиҳози дигар, ҷаҳонбинӣ маҷмуи дидгоҳи инсон аст, ки он муносиботи назариявии ӯро ба табиат, ҷамъият ва худи инсон муайян мекунад. Муҳтавои фаъолияташро мақсадгузорӣ ва роҳнамоӣ месозад. Фаъолияти ӯро ба танзим медарорад.

Бидуни шак, ҳама шахс ҷаҳонбинӣ дорад. Аммо агар дар як нафар он ба тарзи номуназзам, ғайриихтиёрӣ, механикӣ, таҳти омилҳои ғайриинтизор ташаккул ёбад, нафари дигар мекӯшад, тавассути аз худ кардани илму маърифат, донишҳои баробарвазн ба воқеият ва таҷрибаи рӯзгор зиндагиро дарк намояд, фаҳмад, ба он ворид гардад.

Фарзияи охирин дар ҳаёти Айнӣ бо омили фавкулодаи генетикӣ, табиӣ, чун зуҳуроти муайянкунандагии ҳаёти ӯ тавъам омада буд.

Мубориза барои инқилоби маънавӣ ва тавассути он расидан ба таҳаввулоти иҷтимоӣ аз мақсадҳои Айнӣ ба шумор мерафт. Агар инқилоб ӯро раҳоӣ намебахшид, Айнӣ дар ҷодаи интихобкардааш ҷоннисорӣ мекард, чунончи режими зиддимиллии асримиёнагии амирӣ барои қасдгирӣ аз ин ҷавонмарди акнун дар роҳи инқилоб қадамҳои устувормонда, бо палидии хабисона бародари ҷигарбанди маъсуми ӯро ба қатл расонд.

Муборизаҳои таърихӣ ва тақдирсози Садриддин Айнӣ барои исбот кардани тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунофари бумӣ, бо таърихи зиёда аз шашҳазорсола (1), забони тоҷикӣ – воқеияти мустақили ҷамъиятӣ ва далели барҷастаи шуури таърихӣ, зеҳниятсоз, воситаи акумулятсия ва инкишофи илм, адабиёт ва яке аз намунаҳои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ (2), аслияти руҳ, анъана, урфу одат, фарҳангу маданият ва характери миллӣ, ки дар муборизаҳои шадиди сафшикан “зи баҳри бару буму фарзанди хеш” ба муқобили истилогарони аҷнабӣ зуҳур ёфтаанд (3), қобилияти пазируфтан, таҳаввул дидан, рушд ёфтан, ғанӣ гардонидан, мутобиқ кардан ва ҳамқадам буда тавонистани миллати тоҷик ба ҳама гуна дастовардҳои пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ, ки инқилоби иҷтимоии даҳаи дуюми асри XX (4), аз зумраи онҳо маҳсуб мегарданд, равона шуда буданд.

Таърихи тафаккури инсониро аз нигоҳи фалсафӣ, адабӣ, ҳуқуқ, ахлоқ ва маънавиёт асрҳо боз ду раванди ба ҳам зид ҳамроҳӣ мекунанд. Яке иртиҷоӣ, (хурофотии асримиёнагӣ, бегонапарастӣ, рукуди зеҳнӣ ва ҷаҳолат) ва дигаре пешқадам (миллатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, тарғиби идеяҳои маорифпарварӣ, илму хирад, ростиву растагорӣ, пайкор ба беадолативу дурӯғ, торочу ғорати мардуми бесарпаноҳ).

Ҳардуи ин ҷараёнро манфиат ҳамчун категорияи фалсафӣ, иқтисоди сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқиву маънавӣ муҳтаво мебахшад. Шакл меофарад. Ба намоиш мегузорад.

Дар як масъала ду ҳақиқати мухолиф вуҷуд дошта наметавонад.

Ҷаҳонбиние, ки аз исёни Муқаннаъ сарчашма мегирифт, барои Садриддин Айнӣ ҳамчун манбаи ғоявии эҷодиёт ва ҳақиқати оштинопазир боқӣ монд.

Минбаъд на дар тарҷумаи ҳол, на дар асарҳои

бадеӣ, илмӣ, бадеӣ – таърихӣ, публитсистика, мукотибаҳо ва на дар гуфтору рафтор, муколама ва муносиботи рафиқона ҳаргиз дудилагӣ, замонасозӣ ва расмиятчигии ноҷо, ки шахсият, роҳи интихобкарда ва бузургвории ин доҳии модарзоди илму адаби миллати тоҷикро зери шубҳа гузошта бошад, дида намешавад.

Садриддин Айнӣ Қаҳрамони барҳақи миллати тоҷик аст, ки Пешвои муаззам, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро ба ин унвон сазовор донистааст.

## ДАЛЕЛИ АҚИБМОНДАГИИ ШУУРНОКӢ АЗ ВОҚЕИЯТИ ҲАСТӢ

Бо шарофати Истиқлол орзу ва нияту мақсадҳои Садриддин Айнӣ амалӣ гардиданд. Миллати тоҷик соҳибдавлат шуд. Аммо тавассути прототипҳои персонажҳои манфии таърихии Айнӣ, давлати тозабунёд ба хоку хун оғушта ва ҳукумат сарнагун гардид.

Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга зад.

Бо шарофати тақдир ва ба бахти мардуми ҷафокашида, шахсияте сари қудрат омад, ҳаракати озодихоҳонаи миллатро раҳбарӣ кард, ки устоди забардасти илму маърифат ва адабиёту маданият Садриддин Айнӣ сифоташро дар замири хеш мепарварид. Дар асарҳои бадеӣ ва илмию таърихӣ образи қаҳрамононаи ӯро тасвир ва тафсир мекард. Ба хотири тантанаи пирӯзӣ ва адолат қасидаҳои ҳамсони “Ҷанг ва зафар” менавишт. Онеро инъикос мекард, ки баъди ҳазор сол давлати миллӣ сохт. Анъана, урфу одат, фарҳанг ва маданияти миллиро эҳё намуд. Тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи ӯро аз нав ҷон бахшид. Тасдиқ кунонд. Муҳру васиқа кард. Эътиқодмандона ҳамчун сарвати поённопазир ва шиносномаи беназир ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт.

Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мардуми кишварашро тарзе ташкил кард, инкишоф дод ва рушд бахшид, ки миллати тоҷик ҳазорсолаҳо орзуи онро мекард.

Ҳамзамон, хотирнишони кардани як нукта зарур аст – рисолати адабиёт, театр, кино, ки онҳоро классикони илм ва адабиёти ҷаҳон меъмору созандаи руҳи инсон номидаанд, баробари масъулияти давлатсозист.

Мо аз ғарази бадхоҳони миллат ва руҳияи таърихии бегонапарастии онон огаҳӣ дорем. Ва медонем, “фаъолияти мақсадгузорӣ (дар муносибат ба руҳ, андеша, идея, образ, мафкурасозӣ – С. Я.) ба худи он (ташаббускор – С. Я.) равона нагардидааст. Баръакс, ба он нигаронида шудааст, ки тавассути нобуд кардани хосият, аломат ва зуҳурот – ҳадафҳои ҷаҳони беруна (дидгоҳ, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт – С. Я.), воқеят доштани фаъолияти худро дар муҳити атроф бубинад, тасдиқ кунонад. (Г.В.Ф. Гегель. Илми мантиқ. – М.: 2013. – С. 8).

Вобаста ба ин ҳар вақте мо зуҳуроту рӯйдодро аз паси худ набарем, аёну ноаён зуҳуроту рӯйдод моро аз паси худ мебаранд.

Чунин муносибат зуҳуроти нобахшиданист.

Воқеияти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон, дар масъалаи вазъи ҷаҳонбинии миллӣ, сарфи назар аз дастовардҳое, ки дар кулли соҳаҳои замони истиқлол рух доданд, ниёз ба бознигарӣ дорад. Гап сари он аст, ки маънавиёти (дидгоҳ, арзишҳои ҷамъиятӣ) хештаншиносии қисме аз узви ҷомеа, аз дараҷаи суръати тараққиёти иқтисодӣ – иҷтимоии мамлакат, таҳаввулоти инқилобие, ки ҳукумати кишвар ба тарзи пешгӯинашаванда рушди онро таъмин кард, фарсаххо қафо монд.

Аз як тараф, ин камбуди ҷиддии дастгоҳи идеологӣ ва маорифи халқ (на Вазорати маориф дар танҳоӣ) – падару модар, муҳити оилавӣ, маҳал, деҳа, мактабҳои миёна, олӣ, иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои эҷодии мафкурасози ҷомеа, васоити ахбори умум, муассисаҳои фарҳангӣ, коргоҳҳо – дар маҷмуъ, ниҳодҳои масъули ташаккули муносиботи ҷамъиятӣ мебошад.

Аз лиҳози дигар, ин падида хосияти қонунмандӣ ҳам дорад.

Гурӯҳҳои ифротӣ ҳаргиз рӯшод намегӯянд, ки ҳукумат мехоҳанд. Онҳо амалҳои террористӣ ва мақсаду мароми худро бо шиору суханҳои муқаддас пӯшонида, зебу зинат ва обу ранг медиҳанд. Нигаред ба ҳодисаҳои солҳои навадуми Тоҷикистон, воқеаҳои тули таърихи на чандон дуру наздики кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, ба ҳамсоякишвари мо.

Далел ва зуҳуроти фоҷиабори ақиб мондани шуурнокӣ аз воқеияти зиндагиро мо дар таърихи бисёр кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон, ҳамчун падидаи хатарнок, баръало мебинем.

Вазъи баамаломада мебояд ҳамчун ҳадаф ва мавзуи тадқиқоти илмӣ, таърихӣ – бадеӣ ва бадеӣ интихоб шавад. Омӯзиш бинад. Амалан татбиқ гардад.

Дар ин маврид, дониста бошем, ҷаҳонбинӣ ва идеологияҳое, ки ҳамакнун мардумро ба раҳ-

гумӣ андохтаанд, аз нигоҳи назарӣ ва таҷрибаи таърихӣ нисбат ба идеяҳои эҳёгарии миллӣ, ҳувиятсозӣ, худшиносӣ, давлатдории миллӣ, ватанпарварӣ, равшангароӣ, таърихофаринӣ, ҷамъияти маданӣ, дунявият ва халлоқияту додхоҳӣ ҳазор сол ва зиёда аз он собиқаи бештар доранд. Ба қавли мардуми англис: ‘’Devil is very wise, because He is very old’’.

Аз лиҳози дигар, омили этногенетизм меметавонад, рефлексия ва ё инъикоси хотираи таърихии ирсиятро дар рафторҳои иҷтимоӣ сарфи назар кунад.

Ин воқеият масъулияти зиёиёни миллиро, ки ба тақдири мардуми хеш бетараф нестанд, боз ҳам зиёдтар мекунад.

Акнун майдони адабӣ нависандаеро тақозо дорад, ки айнивор қудрати кушодан ва фош кардани муаммои сарбастаи раҳгумии фоҷиаи иддае аз намояндагони ҳамин миллатро дошта бошад, ки ӯро бо шиорҳои дурӯғини хурофотӣ назди оламиён дар хиҷолат монда ва садҳои дигарро, ки барои як порча нон дар талошанд, дар вазъи бозгардониву сарсониву ҳайронӣ гузоштааст. Гарчанде мо медонем, ки ҳозира натиҷаи гузашта ва ишора ба оянда аст. Ва сухани ёдшудаи он абармарди Ғарб: “як ефрейтор дунёро ба таҳлука даровардааст”, аз ҳар гӯшае акси садо медиҳад.

Дарк ва тафсири вазъи рӯз ба рӯз мушкилшудаистодаи ҷаҳонбинии як қисми фаъоли ҷомеа навъи ҳушдор аст, ки раванди онро аз нигоҳи методологӣ, ҳазор сол қабл Абуалӣ ибни Сино пешбинӣ ва хотирнишон мекунад: “Валекин ҳар он чӣ ба чизи ҳозирбуда далолат намояд, инчунин, ба чизи интизорбудаамон низ далолат мекунад” (Абӯалӣ Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 270).

Аз Шимолу Ҷанубу Шарқу Ғарб акси садои ҷаҳолат, ифротгароӣ ва терроризми идорашавандаи маҳсули адами адабу фарҳангу масъулияти ватандорӣ баланд мешавад. Ана ҳамин аст, ба назари мо, суоли матраҳ ба “пайравони (имрӯзаи) Айниву Турсунзода”, масъалаи коҳилии баҳсбарангези муҳандисони руҳ ва самтгирии маънавӣ дар мавзуи рӯз – фанатизми динӣ ва тантанаи шабаҳи фарогири бадбахтӣ.

**ХУЛОСА**

Чун Инқилоби соли 1917 ва 1920 мардуми тоҷикро аз ғуломӣ озод кард, ба ӯ ихтиёр, шароит ва раванди давлатсозӣ ато намуд, фарде доно ва нигорандае тавоно, зиндакунандаи руҳи Муқаннаъу Темурмалику Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҷомӣ, Восифиву Аҳмади Дониш ва даҳҳо дигар бузургони ҷодаи набарди руҳу ҷисми миллат – Садриддин Айнӣ ба ҳайси ҳимоятгари ин лаҳзаи мусоиди гардиши бузурги таърихӣ, лаҳзаи бедорию бедорсозӣ ба майдон бархост.

Дар шароити зарурати бозсозии рух, эҳтиром гузоштан ва афзалият бахшидан ба арзишҳои миллӣ, дар муқобили ҳама гуна равияҳои хурофотӣ, бегонапарастӣ ва ифротгароӣ, ки авҷи он рӯз ба рӯз нигаронкунанда ва харобиовар мегардад, адабиёту фарҳанг ниёз ба Рустами дунёи сухан, додгару додҷӯву хирадманд ва сафшикани руҳи Оҳарман доранд.

Мақсад – бо эҷоди асарҳои синну солӣ, публитсистика, очерк, қисса, ҳикоя, повест, роман, драматургия, саҳнасозӣ, филмҳои ҳуҷҷативу бадеӣ бо қаҳрамон, персонаж – образҳои бадеӣ бархостан, қад афрохтан ва қотеона ҳимоя кардани сохти давлатдории дунявӣ – давлатдории миллӣ аз бузургтарин вазифаи адабиёти имрӯз ба ҳисоб меравад.

Муҳим ба назар мерасад, мисли ҷонфидоиҳои устод Садриддин Айнӣ, ки раҳбарии инқилоби мадании тоҷикро сад сол қабл ба ӯҳда гирифта, дар он пирӯз гашта буд, тавонем, то бори дигар “ҷаҳонро ба бад наспарем”. Ангуштнамои таърих нагардем.

Мавзуи рӯзмарра ҳамин аст.

Ахиран, ягона аз ҳамасроне, ки Садриддин Айнӣ ӯро дар номаҳои худ, бо арзи эҳтиром ва истифода аз мартабаи “устод” (С. Айнӣ. Мактубҳо. – Душанбе: Дониш, 2024. – С. 242, 276, 294) ва “рафиқи шафиқ” ном мебарад, Абулқосими Лоҳутӣ мебошад. Ва доҳии адабиёти давр як шеъри бузургворонаи дӯсти ҷонии худро борҳо, эҳтиромона, ҳамчун шиор, рамзи дилсӯзиву мас- ъулияти ватандории ӯ ва ҷавобгӯи талаботи замон ёдоварӣ кардааст, ки ин аст:

**Бо ҳама нуқсу мавонеъ кор мебоист кард,**
**Тӯдаи тоҷикро бедор мебоист кард...**
**Сустию навмедӣ андар роҳи заҳматкаш хатост,**
**То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард.**

**Бознашр аз маҷаллаи академии илмӣ-оммавии “Илм ва Ҷомеа”, №2 (40), 2025**

**Силмон МАВЛОННАЗАРОВ,**
**устоди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор**



# ҲИФЗИ СОҲИБДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар замони муосир яке аз омилҳои асосие, ки метавонад, ба амнияти миллии давлатҳои соҳибистиқлол таъсири ҷиддӣ расонад, раванди ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ тамоюли асосии рушди ҷаҳони муосир ба шумор меравад. Дар баробари фароҳам овардани имконият барои суръат бахшидани рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳои соҳибистиқлол, раванди мазкур, инчунин, таҳдиду хатарҳои навро ба вуҷуд оварда, дар ин замина, таъмини амнияти миллӣ, дарёфти роҳу воситаҳои самараноки ҳимояи манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ аз масъалаи муҳим ва афзалиятнок маҳсуб меёбад.

Ҷаҳонишавӣ имрӯзҳо ба муҳимтарин масъалаи сайёра табдил ёфтааст ва дар баробари тараққиёти босуръати илму техника паёмадҳои манфиеро дар пай дорад, ки боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Мо – аҳли сайёраи Замин дар шароити хеле мураккаб, ки таҳдиду хатарҳои замони муосир ба низоми устувори кишварҳо рӯз ба рӯз афзуда истодааст, қарор дорем. Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, ин ҳаракатҳои ифротӣ бо истифода аз технологияи муосир, ки босуръат рушд меёбанд, тарзу усулҳои нави истифодабариро ба худ касб мекунанд.

Барои мисол, дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар қурбони амалҳои террористӣ ва экстремистӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу маслуқ ва миллионҳо инсони дигар овораву сарсон ва фирорию гуреза шудаанд. Ҳалокати мардуми осоиштаи сайёра, алалхусус, қисми осебпазири ҷомеа – занону кӯдакон ва пиронсолон гувоҳи он аст, ки тоифаи хувиятбохтаву тафаккурсӯхта бо амалу кирдори ваҳшиёнаи худ ба касеву чизе раҳм надоранд ва ҳамчун василаи амалӣ сохтани ҳадафу мақсадҳои нопок аз ҷониби як тӯдаи аз фарҳангу маърифат дур, бехирад ва ҷоҳилу нотавонбин истифода мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар ҳар як давлат муҳим мебошад. Дар ин замина метавон гуфт, ки технологияҳои иттилоотӣ ба рушди устувори ҳар як давлат бевосита таъсиргузор аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати комилҳуқуқу соҳибистиқлол бо таҳдиду чолишҳое, ки аз фазои маҷозӣ бармеоянд, дучор омада метавонад. Баъзе аз афрод бо сабаби маърифати динию ҳуқуқии комил надоштан, дар бештари мавридҳо ба ақидаҳои ифротгароӣ дучор мешаванд. Аз ин лиҳоз, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин раванд як қатор санадҳо қабул кардааст. Аз ҷумла, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон" (5.11.2003, №1174) ва Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (7.11.2003, №1175) ба тасвиб расидаанд, ки минбаъд сарчашма ва асоси ҳуқуқӣ дар ин соҳа гардиданд. Консепсияи мазкур ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва муҳимтарин самтҳои таъмини амнияти иттилоотии давлати миллиро инъикос мекунад. Мутобиқи мазмуни он «Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳолати амнияти манфиатҳои миллии он дар соҳаи иттилоот фаҳмида мешавад, ки бо маҷмуи манфиатҳои мутавозини шахс, ҷомеа ва давлат муайян карда мешавад». Дар идомаи ин ду санади муҳим: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот", "Дар бораи ҳифзи иттилоот", "Дар

бораи дастрасӣ ба иттилоот" қабул шуданд, ки дар онҳо ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои истифодабаранда дарҷ гардидааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур муносибатҳои ҳуқуқиро, ки дар раванди ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотии автоматикӣ ва шабакаҳо ба вуҷуд меоянд, инчунин, тартиби муҳофизат кардани захираи иттилоотӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои дар равандҳои иттилоотӣ иштироккунандаро муайян мекунад.

Номгӯи навъҳои таҳдидҳои иттилоотӣ ба давлати мо низ дар ҳамин консепсия муайян шудааст. Илова бар қонунҳои зикршуда, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин қонунҳо, аз қабили: «Дар бораи амният», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ», «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикис- тон», «Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» асос ёфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва чандин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ муқобили рухдоди номатлуби терроризм ва экстремизм ибрози назар намуда, аз ҷумла, ба таври қотеъ чунин баён доштанд: Террорист Ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои амнияти байналмилалии иттилоотӣ ва ҳифзи фазои иттилоотӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, роҳҳои ҳалли амалӣ дар ин самт аллакай мушоҳида мешаванд.

Бо дарназардошти таҳдиду чолишҳое, ки аз фазои киберӣ бармеоянд, таваҷҷуҳ ба чанд нуктаро ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим медонем:

• Ҳамкории давлатҳо дар самти тайёр кардани мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ ва идеологӣ дар доираи ИДМ, СҲШ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ;

• Бо дарназардошти таҳдидҳо ва ҷиноятҳое, ки аз фазои маҷозӣ бармеоянд, баланд бардош- тани саводнокии рақамӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани таълими фосилавӣ дар байни аҳолии Тоҷикистон, инчунин, табодули таҷриба дар ҳамкорӣ бо пешоҳангони ҷаҳон дар соҳаи технология, аз қабили Чин, Ҳиндустон ва Русия зарур аст;

• Таъсиси системаи филтри иттилоотӣ дар фазои киберфазо. Аз ҷумла, дастрасӣ ба захираҳое, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунанд, пурра ё муваққатан маҳдуд карда шавад;

• Тақвияти кори таблиғотӣ дар байни он қисми ҷавононе, ки ба ғояҳои радикалӣ тавассути ТИК таваҷҷуҳ доранд;

• Тарбия ва рушди таҳаммулпазирӣ дар байни аҳолӣ, махсусан, дар байни ҷавонон.

Ҳалли ин масъалаҳо кишвари моро, ки дар роҳи рушд қарор дорад, дар раванди мубоbизаҳои киберӣ, ки фарогири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи мутамаддин мебошанд, устувор сохта, истиқлоли давлатию суботи сартосарӣ ва ваҳдати миллии моро қавӣ мегардонад.

Хулоса, дар чунин шароити ҳассосу хатарзои глобалӣ ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бояд, пеш аз ҳама, зиракии сиёсиро аз даст надиҳад. Фарзандони ин марзи куҳанро лозим аст, ки шинохти ин сарзамини муқаддасро, ки зи дурии замонаҳо ба мо расидааст, комил намуда, онро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт кунанд ва арзишҳои демократию миллӣ ва диниеро, ки гузаштагони мо ба онҳо эътиқод доштанд, пос доранд. Ва ҳар яки мо дар якҷоягӣ ба муқобили ин рухдоди номатлуб камари ҳиммат баста, мубориза барем. Дар ин маврид аз панди гуҳарбори Сарвари дурандеши давлатамон бояд кор барем, ки гуфтаанд: **Раванди бисёр мураккабу пурпечутоби ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи замони муосир моро ҳушдор медиҳад, ки нисбат ба ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва давлати соҳибистиқлоли худро аз таъсири тазодҳои ҷаҳони имрӯза эмин нигоҳ дошта, ба хотири фардои ободу осуда саъю талоши бештар кунем.**

Самараи неки Истиқлол аст, ки Ватани хуршедию аҳуроии мо таҳти сарварии Пешвои муаззами миллат дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҷиҳати ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, пойдору бегазанд мондани он дар шароити нави ҷаҳонишавӣ тамоми нерӯи худро равона созем.

**Мусоҳиб Дилафрӯз ҚУРБОНЗОДА,**
**«Маърифати омӯзгор»**



# ДАР ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОН ҲАМАГОН МАСЪУЛАНД



Ҳамасола 1-уми июн ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон дар тамоми ҷаҳон таҷлил мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта ва эътироф шудааст, Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон бо шукӯҳу шаҳомати хосса ва басе хотирмон таҷлил мегардад. Ба муносибати ин рухдоди фараҳбахш суҳбате оростем бо сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоҷони Ҷаҳонгир, ки фишурдаи онро пешкашатон мегардонем.

**- Мехостем, нахуст дар бораи таърихи таъсиси Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон маълумоти мухтасаре ба хонандагони маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ироа мекардед.**

- Пеш аз ҳама, бояд зикр кунам, ки таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон фурсати муносиб барои бозбинӣ ва арзёбии тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон мебошад. Сабабу омилҳои пайдоиши ин рӯзи таърихӣ басо ҷолиб аст. Соли 1949 дар Париж ҳангоми баргузории конгресси занон пешниҳод гардид, ки аҳли олам барои сулҳи пойдор дар рӯи ҷаҳон ҳамбастагӣ нишон диҳанд, зеро танҳо сулҳ кафолати ҳаёти осоиштаву хушбахтии кӯдакон мебошад ва дар ин хусус, қарори Анҷумани Шурои Федератсияи байналмилалии демократии занон қабул гардид. Пешниҳоди мазкурро Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ намуд ва дар тамоми ҷаҳон, аз 1 июни соли 1950 инҷониб, ҳамасола Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҷлил карда мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» 1 июнро ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон муқаррар намудаст, аз ин рӯ, ҳар сол дар ҳошияи он дар ҷумҳурӣ чорабиниву тадбирҳои гуногун дар сатҳи баланд баргузор мешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин гуфтаанд: **Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон натанҳо рӯзи таърихӣ, балки айёми ба ҷомеа ёдовар шудан аз зарурати риоя ва эҳтироми ҳуқуқи кӯдак ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули ҷомеаи инсонпарвару адолатпарвар аст.**

Ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ҳуқуқи кӯдак аз зумраи арзишҳои олие ба ҳисоб меравад, ки ҳамеша дар ҳифзу ҳимояи он тамоми сохторҳои давлатӣ фаъолияти худро равона намудаанд. Агар ба таърих нигарем, пас, маълум мешавад, ки ҳуқуқи инсон на дар ҳар марҳилаи таърихӣ мавриди ҳимоя қарор дошт. Аммо мо - тоҷикон аз даврони Куруши Кабир ба ҳуқуқи инсон муносибати хосса дошта, ба ҳимояи он ҳамеша талош мекардем.

Бояд таъкид кард, ки кӯдакону наврасон бо сабабҳои хурдсол будан ва имкониятҳои ҷисмонию ақлониашон наметавонанд ҳуқуқу манфиатҳои худро мустақилона ҳифз кунанд. Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон, пеш аз ҳама, қишри калонсоли ҷомеаро дар бораи зарурати эҳтироми

ҳуқуқҳои кӯдакон ба ҳаёт, озодии ақида ва дин, таҳсилот, истироҳат ва фароғат, муҳофизат аз зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ, ҳифз аз истисмори меҳнати кӯдакон огоҳ намуда, барои рушду пешрафти ҷомеаи инсонмеҳвар саҳм мегузорад.

20 ноябри соли 1989 нахустин ҳуҷҷати ҳуқуқии байналмилалӣ - Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид, ки аз принсипҳои асосӣ: таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак, манъи табъиз, ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт, зинда мондан, рушд ва ҳуқуқ ба шунида шудан иборат аст. Ин конвенсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба тасвиб расидааст ва аз мавриди амал қарор гирифтани он алҳол 32 сол сипарӣ шудааст.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳуқуқҳои кӯдакон бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд. Бинобар ин, таъмини эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, фароҳам овардани шароити муносиб барои инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо, таъмини манфиатҳои кӯдакону наврасон яке аз ҳадафҳои муҳимму афзалиятноки сиёсати давлат ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд: **Барои давлат миллати солим, мардуми солим зарур аст. Кӯдакон ояндаи ҷомеа мебошанд, таъмини ҳуқуқҳои онҳо, ҳифзи саломатӣ, рушди солимию ҷисмонӣ ва равонии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳар давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад.**

**- Шумо дар боло аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ном бурдед. Тавре огоҳӣ дорем, қонуни мазкур дар бораи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакону наврасони кишвар нақши арзишманд гузошта истодааст...**

- Бисёр рамзист, ки имсол таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон ба 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» рост меояд. Ин санади муҳимму тақдирсоз, ки соли 2015 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст, ҳамчун асоси ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон дар ҷомеа мавқеи устувор пайдо намудааст.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқи кӯдак ва ҳифзи он диққати ҷиддӣ дода, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ ва яке аз аввалин давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 26 октябри соли 1993 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро ба тасвиб расонид. Дар баробари ин, Тоҷикистон ду протоколи иловагӣ ба конвенсияи мазкурро, ки яке ба манъи фурӯши кӯдакон... ва дигараш ба пешгирии иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона вобаста аст, ба тасвиб расонидааст.

Дар амал татбиқи конвенсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе қабули қонуни махсус мушкилиҳоро ба миён меовард. Аз ин рӯ, соли 2015 қонуни алоҳида, яъне, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» барои татбиқи талаботи ин конвенсия дар ҷумҳурӣ қабул карда шуд ва талаботи ин конвенсия пурра дар амал татбиқ шуда истодааст.

Ногуфта намонад, ки соли 2015 ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», зарурати муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар назди Ҳукумати кишвар ба миён омад. Ҳукумати ҷумҳурӣ 19 августи соли 2016 дар асоси қарори худ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак муайян намуд. Аз ин лиҳоз, дар назди Вазорати маориф ва илми кишвар зарурият ба миён омад, ки ниҳоди алоҳидаеро дар шакли раёсати мустақили воҳиди сохтории вазорат таъсис диҳад, ки ваколат ва функсияҳои вазоратро дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷумҳурӣ амалӣ намояд. Дар ин асно бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2019, таҳти № 634 ба сохтори вазорат тағйирот ворид карда шуда, раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҳамчун ниҳоди нав ташкил карда шуд.

Фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак пурбор буда, вазорат дар ин самт дар ҷумҳурӣ масъалаҳои зиёдро муайян намуда, баҳри ҳалли онҳо як қатор корҳоро ба анҷом расонида истодааст.

Аз соли 2015 то соли 2025 барои Ҷумҳурии

## 1 ИЮН - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ КӮДАКОН

Тоҷикистон аз ҷиҳати таърихи таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҳифзи кӯдакон дорои аҳаммияти хос аст. Зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба сифати санади ҳуқуқии миллӣ ҳадафи асосии худро дар таъмини ҳуқук, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон, пешгирии ҳама гуна зӯроварӣ нисбат ба онҳо ва ташкили муҳити амну осуда ва солим барои рушду тарбия ва камол расидани кӯдакон муайян намудааст. Қонуни мазкур дар заминаи сиёсату ҳадафҳои миллӣ, иродаи сиёсии Пешвои муаззами миллат ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, аз ҷумла, муқаррароти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак таҳия гардида, ҳадафи аслии он таъмини шароити муносиб барои зиндагӣ, рушд, таълим, ҳифзи иҷтимоӣ, нигоҳубин, муносибати баробар ва иштироки фаъоли кӯдакон дар ҳаёти ҷомеа мебошад.

**- Мегуфтед, ки тайи солҳои татбиқи қонуни мазкур дар ҷумҳурӣ чӣ пешрафту дастовардҳо ба чашм расиданд?**

- Боиси хурсандист, ки дар муддати даҳ соли амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» иқдомҳои мушаххаси давлативу ҷамъиятӣ роҳандозӣ гардиданд, ки барои беҳтарсозии вазъи кӯдакон дар кишвар замина гузоштанд. Аз ҷумла, муайян намудани Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, таъсиси вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, таъсиси комиссияҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таҳкими сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар вазорату идораҳо, таҳия ва амалисозии санадҳои зерқонунӣе, ки бевосита ва ё бавосита ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак равона шудаанд, тақвияти ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ аз қабили дастовардҳои муҳиму назаррас ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, дар ин раванд як қатор стратегия, консепсия, барнома ва нақшаҳои миллии амал қабул ва амалӣ шудаву мешаванд, аз ҷумла:

**• Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021;**

**• Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024;**

**• Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024;**

**• Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027;**

**• Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда барои солҳои 2023-2027;**

**• Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028;**

**• Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045;**

**• Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038.**

Татбиқи амалии қонун имкон дод, ки дар ҷумҳурӣ марказҳои дастгирии оила ва кӯдак таъсис дода шаванд, кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор ба дастгирии иҷтимоӣ фаро гирифта шаванд, маъракаҳои иттилоотӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак баргузор гарданд ва ҷиҳати барҳам доданони шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва зӯроварӣ нисбат ба онҳо қадамҳои устувор гузошта шаванд.

**- Ба андешаи шумо таваҷҷуҳи Роҳбари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, ки ояндаи миллат ба ҳисоб меравад, чӣ гуна аст?**

- Ғамхорӣ ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар сиёсати иҷтимоии давлат аз афзалиятҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Сарвари ғамхори кишвар барҳақ мефармоянд: **«Кӯдаконояндаи миллатанд. Маҳз ба ҳамин хотир давлат ва Ҳукумати мамлакат барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва нигоҳубини ҳамаҷонибаи онҳо иқдомҳои шоистаро амалӣ менамоянд то онҳо ҳамчун насли босаводу худшинос ба камол расанд ва оянда дар пешрафти Тоҷикистони азиз саҳми арзанда гузоранд».**

Бо дарназардошти ин, таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон дар кишвар ҳамасола бо баргузории маҷмуи чорабиниҳои тарбиявию

фарҳангӣ, маърифатию ҳуқуқӣ ва маросимҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Таҷлили 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» на танҳо далели рушди низоми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар кишвар аст, балки нишонаи устувории сиёсати давлат дар самти таъмини рушди ҳамаҷонибаи насли наврас мебошад. Маҳз тавассути таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва эҳтиёҷоти кӯдакон мумкин аст, ки ҷомеаи солим ва давлатдории устувор бунёд карда шавад. Дар ин замина, ҳамкорӣ ва ҳамбастагии сохторҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти муҳим дорад. Имрӯз ҳар як кӯдак бояд эҳсос кунад, ки ҳуқуқаш эҳтиром мегардад, садояш шунида мешавад ва фардои дурахшон дар интизораш аст. Бо итминон мегӯям, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ин 10 сол тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва тадбирҳои марбут иродаи сиёсӣ ва масъулияти иҷтимоии худро дар таъмини ҳуқуқ ва рушди насли наврас собит намуд.

**- Тавре қайд кардед, Вазорати маориф ва илм моҳи ноябри соли 2016 мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак муайян карда шудааст. Ҳамчунин, барои амалӣ намудани ваколатҳои худ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак Вазорати маориф ва илм раёсати махсусро бо номи «Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» таъсис дод. Дар бораи фаъолияти раёсат ва иҷрои рисолатҳои он чанд сухане мегуфтед.**

- Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда, тибқи Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, Нақшаи кори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи кори раёсати ҳифзи кӯдак корҳои муайянеро ба анҷом расонид. Аз ҷумла, раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илм дар шаш моҳи охир 4 лоиҳаи санади меъёри ҳуқуқиро таҳия намуда, баъд аз мувофиқа бо вазорату идораҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки аз ин теъдод 3 санади меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуданд. Як санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» мебошад, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Аз ҷониби раёсат 2 лоиҳаи санади меъёри ҳуқуқӣ таҳия гардида, дар мувофиқаи вазорату идораҳо қарор доранд. Ҳамзамон, ба 7 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба раёсат воридгардида хулосаҳои дахлдор дода шуд. Ҳамчунин, бо фармоиши вазири маориф ва илм аз ҷониби раёсат комиссия ва гурӯҳҳои корӣ ташкил гардида, тамоми муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии кишвар, новобаста аз шакли моликияташон мавриди санҷиш қарор мегиранд ва ба онҳо ёрии методӣ расонида мешавад.

Бо вуҷуди корҳои ба анҷом расида, боз ҳам вазифаҳои зиёд дар пешанд, аз ҷумла, қабули қонун дар бораи васоят ва парасторӣ, қабули барномаи фарогири ҳуқуқҳои кӯдак, таҳкими пурраи низоми адолати судӣ, дастрасии кӯдакони осебпазир ба хидматрасониҳои иҷтимоӣ, татбиқи механизми оилаи парастор, роҳандозии усулҳои муосири пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткории ноболиғон, мубориза бо ҳама гуна шаклҳои табъиз ва хушунат, таълими ҳуқуқии волидон, омӯзгорон ва густариши иштироки худи кӯдакон дар раванди қабули қарорҳо.

Бояд зикр кард, ки ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вазифаи танҳо давлат нест. Дар ташаккули бомуваффақияти шахсияти кӯдак, инчунин, ҷомеа, падару модар ва ҳар як фарди солимфикр нақши муҳим мебозанду ҳамагон масъуланд. Кӯдакони мо бояд дар муҳити меҳру муҳаббат, дар хонавода миёни ашхоси наздик ва меҳрубон ба воя расанд. Бузургсолонро мебояд барои ташаккули муқаррарии ҷисмониву ақлонии кӯдакон, омодагӣ ба ҳаёти мустақилона ва барои узви комилҳуқуқи ҷомеа гардиданашон шароити мусоиду муфид ва арзанда фароҳам оваранд.

Ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон, месазад боз як бори дигар таъкид намоям: Кӯдакон на танҳо оянда, балки имрӯз ва умеди зиндагии мо мебошанд.

**- Ташаккур барои суҳбати пурмуҳтаво.**

- Саломат бошед!

**А. ЗАРИФӢ,**
**М. УСМОНОВ,**
**омӯзгорони Коллеҷи политехникии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд**

# МУҲОФИЗАТИ ТАБИАТ ВАЗИФАИ ИНСОНИИ МОСТ

Табиат барои одам муҳити ҳаётӣ ва манбаи зиндагӣ аст. Одам дар ҳаёту фаъолияташ ҳамчун як навъи мавҷудоти биологӣ мисли дигар мавҷудот ба муҳити зист таъсир мерасонад. Таъсире, ки ҳоло одам ба табиат мерасонад, ниҳоят зиёд аст ва он метавонад мувозинати умумии табиатро халалдор созад. Дар замонҳои пеш одамизод гумон мекард, ки захираҳои табиӣ беохир аст ва дар натиҷаи фаъолияти нодурусти худ ба табиат зарари ҷиддӣ расонд. Минбаъд ӯ маҷбур шуд, ки барои истифодаи оқилона ва ҳифзи табиат кӯшиш намояд. Ҳифзи табиат маҷмуи низоми исботгаштаи илмӣ буда, барои истифодаи оқилона, аз нав барқароркунӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ, инчунин, барои ҳифзи минбаъдаи муҳити зист аз ифлосиву харобшавӣ равона шудааст. Ҳамаи ин барои наслҳои оянда зарур мебошад. Мақсади асосии ҳифзи табиат ташкили шароити муътадил барои ҳаёти одамон, инкишофи истеҳсолот, илм ва фарҳанги тамоми ҷаҳониён мебошад.

Ҳаво, об, хок, канданиҳои фоиданок, нури офтоб, иқлим, олами наботот ва ҳайвонот захираҳои табииянд. Захираҳои табиӣ ба ду қисм ҷудо мешаванд: тамомшаванда ва тамомнашаванда. Захираҳои тамомшаванда дар навбати худ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: барқароршаванда ва барқарорнашаванда. Захираҳои табиии барқароршаванда хок, олами набототу ҳайвонот, инчунин, намакҳои маъданӣ, ошӣ ва техникӣ мебошанд, ки дар кӯлҳо ва таҳшинҳои (лагуна) баҳрӣ мавҷуданд. Ин захираҳо метавонанд, дар шароити муътадил ва зиёд набудани меъёри истифодабарӣ аз нав барқарор шаванд. Барқароршавии захираҳо бо суръати гуногун мегузарад; барои ҳайвонҳо якчанд сол, барои ҷангалҳо аз 60 то 85 сол, барои хоке, ки ҳосилхезиашро гум кардааст, чандин ҳазор сол лозим меояд. Ба гурӯҳи захираҳои табиии барқарорнашаванда захираҳое мансубанд, ки аз нав пайдо намешаванд, ё бо суръате барқарор мешаванд, ки назар ба истифодаашон садҳо маротиба суст аст. Нафт, газ, ангиштсанг, хокҳои металлӣ ва дигар канданиҳои фоиданок аз ҳамин қабиланд. Захираҳои онҳо маҳдуд буда, ҳифзашон бо роҳи истифодаи оқилона имкон дорад. Захираҳои тамомнашаванда аз сарватҳои обӣ, иқлимӣ ва кайҳонӣ иборатанд. Захираҳои умумии об дар табиат тамомнашаванда аст ва асоси онҳоро обҳои шӯри уқёнусҳои дунё, ки кам истифода мешаванд, ташкил медиҳад. Дар баъзе минтақаҳо (ноҳияҳо) нафт, боқимондаҳои саноату хоҷагиҳо, моддаҳои химиявии заҳрдор шароити сабзиши рустаниҳою ҳайвонҳои баҳриро халалдор намуда, обҳои баҳрҳову уқёнусҳоро ифлос мекунанд. Оби ширин чун манбаи асосии ҳаётии одам захираи нотамом мебошад. Мушкилоти захира ва нигоҳдории обҳои ширин дар натиҷаи хушкшавии дарёву кӯлҳо, афзудани истифодаи заминҳои корам, рушди номутаносиби соҳаҳои саноат, нақлиёт ва ифлосшавӣ аз партовҳои саноатию маишӣ дучанд мегардад.

Бо мақсади нигоҳдорӣ ва ҳифзи табиат дар замони муосир аз усулҳои гуногуни илмию технологӣ истифода мебаранд.

Усули якум муайян месозад, ки ҳамаи ҳодисаҳо ва омилҳои табиӣ барои одам аҳамияти калон дорад. Дар ин маврид нисбат ба ҳар кадоми онҳо роҳҳои хосеро интихоб карда, талаботи соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва барқароркунии табиатро ташкил кардан лозим аст. Масалан, ҷангал, пеш аз ҳама, манбаи асосии маҳсулоти сохтмонӣ ва кимиёвӣ мебошад, лекин вай, ҳамчунин, хусусияти захираву танзимкунии об, ҳифзи хок ва ҳосил кардани ҳавои тозаро дорад. Бар замми ин ҷангал ҷойи зисти ҳайвоноту паррандагони гуногун ва истироҳати одамон ба ҳи-

соб меравад. Дар ин ҳолат аҳаммияти саноатии ҷангал дар ҷойи дуюм меистад.

Усули дуюми истифодаи захираҳои табиӣ ин шароити муҳити зисти аҳолии таҳҷойиро ба эътибор гирифтан лозим аст. Ҳоло дар табиат минтақаҳое мавҷуданд, ки аҳолиашон аз норасоии обҳои тоза танқисӣ мекашанд. Дар ҷойҳое, ки майдони ҷангалҳо зиёданду аз худ карда нашудаанд, истифодаи онҳоро иҷозат медиҳанд, вале дар минтақаҳои камҷангал онҳоро мувофиқи мақсад бо дарназардошти чораёни азнавбарқароркунӣ ва ҳифзи онҳо истифода кардан мумкин аст. Қоидаи минтақавӣ (регионалӣ), ҳамчунин, барои олами ҳайвонот низ мавҷуд аст. Масалан, як намуди ҳайвони шикорӣ дар як минтақа бинобар кам буданаш ҷиддан ҳифз карда мешавад. Дар минтақаи дигар бошад, аз сабаби зиёд будани шумора, баръакс, барои шикори он иҷозат дода мешавад. Мувофиқи қоидаи минтақавии ҳифзи экологӣ муносибат ба истифодаи захираҳои табиӣ аз сатҳи ҷойгиршавӣ ва пайдошавии онҳо вобастагӣ дорад.

Усули сеюми истифодаи захираҳои табиӣ он аст, ки ҳифзи як намуди захираҳои табиӣ маънои ҳифзи дигар манбаъҳои табииро дорад. Аз ҷумла, ҳифзи обанбор аз ифлосӣ маънои ҳифзи моҳиҳо ва организмҳои дигари обиро дорад. Ба воситаи ҷангал на фақат ҳаво тоза нигоҳ дошта мешавад, балки хок низ аз фарсоиш муҳофизат карда мешавад. Ҳифзи паррандаҳои ҳашаротхӯр ва макони мӯрчаҳо, инчунин, ҳифзи ҷангалҳо аз зараррасонҳо ба ин усул дохил мешавад. Дар табиат муносибати мутақобилаи байни ҳамдигарӣ ҷой доранд, ки ҳифзи як намуд бар зарари намуди дигар аст. Бояд ҳангоми ҳифзи як намуд ҳолату имконияти дигар намудҳо ба инобат гирифта шавад. Пас, ҳифзу истифодаи оқилонаи табиат барои чӣ зарур аст? Оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ гарави асосии рушд аст.

Қоида ва қонунҳои ҳифзи табиат аз тарафи одамон дар он вақт иҷро мешаванд, ки пояи қонунӣ дошта бошанд. Дар сиёсати давлатсозии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолият дар радифи истиқрори сулҳу Ваҳдати миллӣ, рушд додани иқтисодиёту иҷтимоиёт ба масъалаи экология аҳамияти хосса дода шуда, барои таъмини амнияти санитарию экологии шаҳру деҳоти кишвар ғамхориҳои доимӣ зоҳир мегардад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини фаъолият дар бахши муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ як қатор кодексу қонунҳо мавриди истифода қарор доранд. Пеш аз ҳама, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи табиат”, ки соли 1993 таҳия ва қабул шудааст. Бо мурури замон ва зарурати воқеӣ ба ин қонун солҳои 1994, 1996, 1997, 2002, 2004,2007 тағйиру иловаҳо ворид шуданд. Соли 2011 қонуни асосии соҳа дар таҳрири нав бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” таҳия ва қабул гардид, ки бо қонунгузории байналмилалӣ мутобиқ ва мувофиқ мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ кафолатҳои ҳуқуқии инсон ба муҳити зисти солим ва мусоид, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ пешгирии таъсири зараровари фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиат ва таъмини амнияти экологӣ равона шудааст.

Хулоса, омӯзиши экологияи муосир нишон дод, ки одам чун як ҷузъи таркибии табиат нафақат онро ҳаматарафа истифода барад, балки вазифадор низ ҳаст, ки қонуниятҳои табиатро омӯзад ва онро оқилона идора кунад. Аз омӯзиши экология ба мо маълум шуд, ки қонунҳои экологӣ инсонро барои ба куллӣ тағйир додани муносибаташ нисбат ба табиат водор месозад. Мо як қисми таркибии табиат ҳастем ва пурра ба он вобастагӣ дорем. Маҳз барои ҳамин омили асосии инкишофи инсоният на аз ҳукмронӣ ва поймол кардани он, балки аз муносибати оқилонаю бегаразона, ҳифзи тамоми ҷузъҳои олами органикӣ ва ғайриорганикӣ дар рӯи замин иборат мебошад. Инсоният дар айни замон вазифадор аст, ки тамоми фаъолияти худашро на бар зарари биосфера, балки барои бартараф кардани тамоми зарару зиёнҳо равона кунад. Фаромӯш набояд кард, ки биосфера то пайдоиши одам вуҷуд дошт ва бе он низ боқӣ хоҳад монд, вале одамон (ҷомеа) бе биосфера ҳаёт ба сар бурда наметавонанд.

**Шаҳноз КАРИМӢ,**
**мудири кафедраи методикаи таълими муассисаи томактабӣ ва миёнаи умумии филиали ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд**



# АЙБ АСТ, КИ ДАР ҲУНАР НАКӮШӢ...

Ҳунарҳои дастӣ аз зумраи он навъ ҳунарҳое мебошад, ки хоси миллатҳо буда, ба асолати фарҳангии ин ё он мардум мубаддал шудаанд.

Дар давраҳои пешин садҳо зардӯзони моҳир ба дӯхтани либосҳои қиматбаҳои дарбориён машғул буданд ва фақат як қисми ночизи маҳсулоти онҳо ба бозор бароварда мешуд. Либосҳои бо зардӯзӣ орода – ҷомаҳои мардона, камзӯлҳо, шалворҳо, пойафзол, тасма, каллапӯшҳо, ҷиҳози аспҳо танҳо бо фармоиши амир ва пайвандони ӯ омода мешуданд. Бо мурури замон берун аз дарбор низ устохонаҳо ташкил шуданд.

Дар доираи татбиқи иқдомоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ то имрӯз даҳҳо мактаби ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил шуда, фаъолият доранд. Ин марказҳои ҳунармандӣ таҳти роҳнамоии устоҳои машҳуру боистеъдод фаъолият мебаранд. Дар замони мо ҳунарҳое, ки замоне фаромӯш шуда буданд, эҳё гардида, арзиши маҳсулоти дастӣ нисбат ба молҳои оммавӣ меафзояд.

Инкишофи ҳисси зебоипарастии инсонро дар бозёфтҳои бостоншиносон, ба монанди китобу дастхатҳои нодир ва мусаввараҳо, ки дар онҳо фарҳанг, ҳунари меъморву рассомӣ, ҳамчунин, хусусияти рӯзгори маишии мардуми давраҳои қадим инъикос ёфтаанд, пайгирӣ метавон кард.

Дар замони мо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо дарназардошти таълими ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Ҳадафи олимон баҳодиҳӣ ва таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ ба ҷавонон, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад.

Санъати ороишӣ, ки бо зиндагии мо робитаи зич доранд, тариқи офаридани ашёи гуногун ва ороиши меъморӣ амалӣ мешавад. Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кашидадӯзӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Ҳар як нақшу нигор маънои хос дошта, аз ҷониби халқ номгузорӣ мешуд ва аксари онҳо нишони эътиқоду бовар ба урфу одате буданд. Масалан, соли 1960 санъатшиносон Н.Юнусова ва М. Рӯзиев дар деҳаи Сино тадқиқот гузаронида, нақши камзӯлчаи бачагонаро, ки тасвири ду мор ва моҳро дошт, таҳлил карданд. Маълум шуд, ки тибқи бовари мардуми ин маҳал ду мори ба шакли чиллик тасвиршуда бачаро аз иблис эмин медорад, моҳ ӯро чун моҳи нав зебо мекунад.

Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги давраҳои гузаштаро инъикос месозанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медиҳад. Тағйири намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши либоси миллӣ ва тағйири шаклҳои он робитаи либосро бо таърихи этникии миллӣ ошкор месозад.

Либоси анъанавии мардуми одӣ аз либо-

си намояндагони табақаҳои боло ва шахсони маъруф фарқ дошт. Тафовути сару либос на дар тарҳи он, балки дар навъи матоъ буд. Ин фарқ на танҳо дар сифати матоъ ва тарзи ороиши либос, балки маҷмуи либос зоҳир мешуд.

Таҳаввулоте, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ дар ҳаёти халқҳо рӯй медиҳанд, ба ҳастии моддӣ ва маънавии мардум дигаргуниҳо ворид мекунад ва бешак, ба либосҳои миллӣ низ таъсир мерасонад.

Умуман, меҳнат маҷмуи амалҳоест, ки тавассути он маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ зарур аст. Меҳнат инсонро офаридааст ва он аз мавҷудоти дигари зинда фарқ мекунад. Пас, ҳар як фард бояд ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин восита ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

Инсон бо он зинда аст, ки кор мекунад, эҳтиёҷашро қонеъ менамояд. Ҳамин тавр, сифатҳои мухталифи шахсият ташаккул меёбад. Яъне, онҳо ҳам меҳнат мекунанд ва ҳам зебоӣ меофаранд.

Дар дарсҳои кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии филиали Донишкада дар вилояти Суғд дарсҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат бо омӯзиши муҳит, ашёи тасвиршаванда, манзараҳои алоҳида ва ба назар гирифтани ҳамоҳангии рангу шакл, мазмуну метод бо ҳам иртиботи хос доранд, гузаронида мешавад. Умумияти онҳоро ба эътибор гирифта, ҳамгиро карда, номи фан “Санъат ва меҳнат” номида шудааст. Дарсҳо тавре ба нақша гирифта шудаанд, ки дар ҳар як машғулият шунавандагони курси такмили ихтисос (дар муассиса бо хонандагон) на танҳо бо як амалиёт, балки бо ду, се ва ё чор амалиёт машғул мешаванд. Онҳо тарзҳои композитсиониро ба нақша мегиранд, мушоҳида менамоянд, тасвир менамоянд, рангубор мекунанд, бо суробсозӣ, гулмонӣ машғул мешаванд. То охири соли таҳсил дар хонандагон доир ба намудҳои санъати тасвирӣ, дар бораи рассомони Тоҷикистон ва асарҳои онҳо, корҳои моделсозӣ, ороишӣ бояд тасаввурот ҳосил шавад. Ҳамин тарик, санъати тасвирӣ ва таълими меҳнат мантиқан алоқамандand.

Мақсади асосии таълими фан дар филиали донишкада:

- мунтазам инкишоф додани малакаи меҳнатӣ, рассомӣ, ороиш ва эҷодкорӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;
- тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;
- шиносоӣ бо намудҳои санъати графикӣ ва касбии мактабиён;
- ташаккули маҳорати тасвири графикӣ дар хонандагон, бедор кардани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;
- омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф;
- инкишофи қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодӣ.

Объекти асосии таълимро тасвир ва сохтани маснуот аз асл, ороиши нақшу нигор ва кор бо матоъ, тасвир ва сохтани маснуот мувофиқи мавзуъ, корҳои омехта, моделсозии техникӣ, корҳои кишоварзӣ ва саёҳат ташкил медиҳад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне, ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – расмкашӣ ва қисми дуюм - меҳнат ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзуъ вобаста аст. Агар ҳаҷми кор зиёдтар бошад, муаллим метавонад, як дарси пурраро ба санъати тасвирӣ ва ё ба таълими меҳнат бахшад.

Дар маҷмуъ, яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат» ин инкишоф ва ҷалби хонандагон ба меҳнат, зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводи кор, мақсаднок ва мунтазам ба роҳ мондани омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат» хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр намуда, хонандаро на танҳо барои дарси оянда, балки барои кори мустақилона дар ҷомеа омода месозад.

Аз лаҳзаҳои аввали таълими фанни санъ-

ат ва меҳнат моро лозим меояд, ки оид ба намудҳои гуногуни коғаз, мавқеъ, сифат ва аҳаммияти он маълумот диҳем. Донистани хусусиятҳои коғаз ба шахс имкон медиҳад, ки кори дастии худро босифат созад.

Ҳангоми фаъолият бо картон бештар ин усулҳо истифода бурда мешаванд:

Сохтан бо роҳи буридан, ширеш кардан. Ин намуди фаъолият бо истифода аз қайчӣ ва ширеш иҷро мешавад. Масалан, сохтани қуттича, хонача, мошин... Омӯзгор сохтани онҳоро бояд қадам ба қадам нишон дода, тарзи дуруст иҷро намудани қадамҳоро аз тарафи хонандагон назорат кунад ва ба хонандагоне, ки душворӣ мекашанд, ёрдам кунад, ё ба назди хонандаи фаъол шинонда, ба ӯ вобаста кунанд. Намунаи қадамҳои сохтани қуттӣ аз картон:



Гулмонӣ (апликатсия) аз коғаз як намуди фаъолият буда, бо роҳи буридан ва ширеш кардан истифода мешавад. Тафовути ин усул аз усули якум дар он аст, ки дар ин намуди фаъолият ашё сохта намешавад, балки тавассути он манзараҳои зебо ё гулҳо омода мешаванд. Яъне, аз як намуди коғаз гул, барг, ё ягон ашёи дигар бурида шуда, ба коғази дигар ширеш карда мешавад. Масалан, бо усули гулмонӣ омода намудани манзараи баҳор:

Омӯзгор чанд навъи омода кардани гулҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон дода, сипас, ба онҳо супориш медиҳад, ки худашон ягон гулро эҷод кунанд. Супориш бояд ба қобилияти эҷодии хонандагон равона карда шавад. Ба маснуоти табиӣ барги гул, чӯбчаҳои дарахтон, ҷалғӯза, пӯчоқи чормағз, писта, зироатҳо, сангчаҳо дохил мешаванд. Ин намуди фаъолият барои инкишофи тафаккури эҷодӣ ва моторикаи хурд (ҳаракати панҷаҳо)-и кӯдак мусоидат менамояд.

Усулҳои тайёр кардани матоъ ба одамон ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маъмул аст. Кофтуковҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки аҷдодони мо дар асрҳои XV-пеш аз мелод ба бофандагӣ, яъне, тайёр кардани матоъ машғул буданд.

Техникаи корҳои ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ буда, танҳо дар асрҳои миёна рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аз дуку чарха то ҳалоҷӣ, аз ҳалоҷӣ то дастгоҳҳои одӣ, аз он то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шудааст.



Маснуоти асосии корҳои бофандагӣ: пахта, мӯина, пилла, зағирпоя, канаб, чут (гиёҳе, ки дар Ҳиндустон мерӯяд ва аз он матоъҳои дағал ва ресмону банд тайёр мекунанд). Аз моддаҳои кимиёвӣ низ матоъ тайёр мешавад, ки онҳоро сунъӣ мегӯянд.

Муаллим ба хонандагон дар бораи чанд фарқияту монандии коғазу матоъ маълумот медиҳад: коғазу матоъ - маводи тунуканд, ғафсии онҳо дар муқоиса бо бар ва дарозӣ беохир аст; коғазу матоъ маводеанд, ки аз нахҳо иборатанд, танҳо дар коғаз ин нахҳо омехтаанд, дар матоъ нахҳо ба монанди тору пуд омадаанд. Ҳангоми омӯхтани гулдӯзӣ аввал бо қалам дар рӯйи матоъ тасвир намудани накшҳо, баъд тарзи дуруст дӯхтани онро омӯзгор нишон медиҳад.

Хулоса, ҳунар ганҷинаи пурзар ва ҳунарманд заргари бузургест, ки бо офаридаҳои ҷолибаш мафтунгари дилҳои инсонист. Шоир барҳақ фармудааст:

**Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,**
**Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.**
**Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст.**
**Дар дидаи мардумон азиз аст.**

**Сомон СОИБЗОДА,**
**муовини директор оид ба корҳои тарбия, омӯзгори фанни географияи МТМУ №42, ноҳияи Дарвози ВМКБ**



# БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАРСРО ШАВҚОВАР МЕКУНАНД

Донишҳои географӣ дар шахсияти хонандагон як навъ фарҳанги географиро эҷод менамоянд, ки ин дар навбати худ як ҷузъи фарҳанги инсонӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши фанни география ба хонандагон, дар ҷустҷӯйи раванди илмӣ ба таври муфид, барои ҳалли масъалаҳо коромад мебошад. Барои ноил шудан ба омӯзиши пурраи донишҳои географӣ китоб, аёният, воситаҳои техникӣ кифоя буда наметавонад. Барои ҳалли масъалаҳои илмӣ хонандагон, ҳамчунин, ба фикррониии мантиқӣ ниёз доранд, ки инро наметавон аз китобҳо ва манбаъҳои илмӣ пурра аз худ кард.

Ба ҳамин хотир роҳҳои дигареро низ барои омӯзиши фанни география бояд ҷустуҷӯ намуд. Пеш аз ҳама, бояд муносибати омӯзгору хонанда бо дигар тарз ба роҳ монда шавад. Ин тарзи омӯзиш бояд имкон диҳад, ки хонанда бештар ба омӯзиш, ҷустуҷӯ сафарбар карда шавад ва омӯзгор фақат роҳнамо бошад. Мақсади асосии бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои география ин ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди дарс мебошад.

Омӯзиши дарс ба воситаи бозиҳо яке аз равишҳои муассири педагогӣ ба шумор меравад. Бозӣ бо дигар намуди омӯзишҳои методӣ дар шаклҳои гуногун барои омӯзиши фанни география як воситаи хуби ёрирасон ба ҳисоб меравад. Онҳоро метавон дар шакли дарс, семинар, маҳфил ва ба шакли вазифаи хонагӣ ба хонандагон таълим дод. Истифодаи ин усулҳо хонандаро фаъол мегардонад ва қобилияти дарккуниашонро баланд мебардорад.

Дар мактабҳои муосир ба фаъолкунии хонанда дар раванди дарс бештар ба ҷанбаҳои зерин диққат дода мешавад:

**- ба сифати технологияи мустақилона аз худ кардани мафҳуми мавзуъ;**

**- дарс ва қисмҳои он ( мақсад, баёни мавзуъ, мустаҳкамкунӣ);**

**- дарси беруназсинфӣ.**

Бозӣ дар дарс бо мақсади омӯзиши мавзуи додашуда гузаронида мешавад. Намудҳои бозӣ дар дарс бо ёрии методҳои махсус гузаронида мешавад, ки хонандаро фаъол гардонида, дарккуниашро беҳтар менамояд.

Ба воситаи бозӣ дарс шавқовар ва ба зеҳни кӯдак фаҳмо мегузарад. Аз ин рӯ, дарккунии дониш ва маҳорати онҳо зиёд мегардад.

## МАҚСАДҲОИ БОЗӢ

**- ҷаҳонбинии хонанда васеъ мешавад;**

**- маҳорату малакаи махсус, ки дар кори таҷрибавӣ зарур аст, пайдо мешавад;**

**- дониши хонанда инкишоф меёбад;**

**- хонанда соҳибихтиёр ва озод тарбия карда мешавад;**

**- дар хонанда қобилияти ҳамкорӣ бо дигарон, муносибати хуб бо гурӯҳ пайдо мегардад;**

**- инкишофи мақсадноки дарс муайян мешавад.**

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ БОЗӢ

Бозиҳо омӯзишро шавқовар ва ҷолиб мегардонанд, хонандагонро ҷалб ва ҳавасманд мекунанд. Мушкилот, мукофот ва ҷанбаҳои иҷтимоии бозиҳо бозингаронро ба худ ҷалб мекунанд ва таҷрибаи омӯзишро ҷолиб мегардонад.

Бозиҳои таълимӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад, ки барои осон кардани таҳсил ба таври ҷолиб тарҳрезӣ шудаанд. Чанд намуди бозиҳои омӯзишӣ дар дарси география манзур мешавад:

**№1. Бозии "Кӣ тезтар меёбад?"**

Омӯзгор синфро ба 2 гурӯҳ ҷудо карда, 2 нафарро ба назди харита даъват мекунад. Кадоме аз онҳо аз рӯи харита супориши муаллимро тезтар ёбад, ғолиб дониста мешавад.

**№2. Бозии "Занҷири номҳо"**

Шарти бозӣ чунин аст: хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Онҳо номҳои шаҳр, дарё, кӯлҳоро интихоб менамоянд. Номи шаҳри аввал ба кадом ҳарфе анҷом ёбад, шаҳри навбатӣ аз

ҳамон ҳарф оғоз мешавад. Масалан, шаҳри Душанберо агар номбар кунем, шаҳри навбатӣ аз ҳарфи "Е" оғоз меёбад.

**№3. Бозии "Шумо харитаро медонед?"**

Шарти бозӣ чунин аст: ҷойҳои додашударо аз харита нишон диҳед!

1) Халиҷи Карпентария;
2) Баландтарин қулла дар Америкои Ҷанубӣ;
3) Ҷазираи Зеландияи нав.

**№4. Бозии "Пурсиши шавқовар"**

1) Кадом кишвар ҳайвонҳои халтадор дорад? (Австралия)
2) Кадом ҷазира бо гирифтани як ҳарфи номаш фигураи геометрӣ мешавад? (Куба)
3) Кадом давлат номи кӯлҳоро дорад? (Панама)

**НАМУНАЕ АЗ ТАҶРИБАИ ХУДАМ**

Омӯзиш дар асоси бозӣ як усули таълимиест, ки онро барои баланд бардоштани фаҳмиш ва хотира истифода мебарад. Бозӣ раванди таълимро ба як саёҳати ҳаяҷонбахш табдил медиҳад, ки ҳангоми аз худ кардани малакаҳо ва донишҳои нав лаззат баранд.

Ман аз таҷрибаи шахсиям чанд намуди истифодаи бозиҳоро дар дарси география ин ҷо пешниҳод намудаам. Аз ҷумла:

- Шумо харитаро медонед?
- Занҷири номҳо.
- Пурсиши шавқовар.
- Бозӣ бо варақчаҳо.

Ин бозиҳоро бо хонандагон ҳангоми дарсҳо мегузаронам. Инчунин, дар рафти гузаронидани бозиҳои таълимӣ аз технологияи иттилоотӣ истифода мебарам, то ки рафти бозиҳо барои хонандагон шавқовар бошад. Масалан, истифодаи бозӣ дар дарси такрорӣ, ҳангоми омӯзиши географияи синфи 8.




Хонандагон аз тахтаи электронии синфӣ рақами дилхоҳро интихоб намуда, онро зер мекунанд, дар он савол намудор мешавад. Хонандагон ба савол ҷавоб дода, метавонанд дурустии ҷавоби худро санҷанд. Агар ҷавоб нодуруст бошад, метавонанд, ҷавоби дурустро низ аз тахтаи синфӣ пайдо кунанд. Ҳамин хел хонандагон дар бозӣ фаъолона иштирок мекунанд. Намунаи гуфтаҳо дар расм нишон дода шудааст.




**Бозии дигар:** Дар ҷойи хатҳо ҳарфҳоеро гузоред, ки номи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шаванд.

Мавзуъҳои "Обҳои дохилии Тоҷикистон" ё "Шумо харитаро медонед?"-ро дар шакли бозӣ мегузаронам.




Хулоса, омӯзиш дар асоси бозӣ як усули таълимиест, ки хонандагонро фаъол намуда, барои баланд бардоштани фаҳмиш ва хотираи онҳо таъсири мусбат мерасонад. Бозӣ раванди таълимро ба як саёҳати ҳаяҷонбахш табдил медиҳад, ки ҳангоми аз худ кардани малакаву донишҳои нав лаззат баранд.



**Саодат САТТОРӢ,
омӯзгори МТМУ №43,
ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**



# НАҚШИ ЛУҒАТОМӮЗӢ ДАР ТАШАККУЛИ НУТҚИ ГУФТОРИИ НАСЛИ НАВРАС

Луғатомӯзӣ дар раванди дарс яке аз усулҳои муфид дар роҳи ташаккули осонбаёнӣ, равонбаёнӣ, озодфикрӣ ва хушгуфторӣ буда, сухани хонандаро ширину таъсиргузор, равону дилкаш ва сертаъсир менамояд. Бояд таъкид кард, ки яке аз омилҳои аслии забондонию саводнокӣ, доштани маҳорати баланди суханварию сухандонӣ маҳз луғатомӯзӣ мебошад.

Дар ин нигошта як раванди дарс оид ба луғатомӯзӣ аз фанни забони модарӣ манзур карда мешавад, ки бовfarманд ҳастем, бар нафъи омӯзгорон, хусусан, омӯзгорони ҷавон хоҳад буд.

### МАВЗУЪ

Нақши луғатомӯзӣ дар раванди таълим дар омӯзиши мавзуи «Як пулу сад ғавғо»

### МАҚСАДИ ДАРС

Ба хонандагон омӯзондани луғат дар раванди таълим ва комил гардонидани захираи луғавии онҳо; фаҳмонидани аҳаммияту моҳияти луғат дар нутқи гуфторӣ; ошноии хонандагон ба осори гаронбаҳои шоирони классику муосири тоҷик; тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва инсондӯстиву арҷ гузоштани ба муқаддасоти миллӣ.

### ИМЛО

Дуруст навиштани калимаҳои душворфаҳм. Ҳарфи калон дар исмҳои хос. Бо луғатҳои гуногун навиштани ҷумла ва навиштани луғатҳои азхудкарда.

### МАВОД

Замима барои китоби дарсӣ, Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (дастур барои омӯзгор), Модули 3, Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ, Фарҳанги забони тоҷикӣ, расм ва дигар маводи таълимӣ, ки дорои шеър, ҳикоя ва луғату чистон мебошанд.

### ҚИСМАТИ ТАШКИЛИИ ДАРС

Шунидани ҳисоботи навбатдори синф, санҷидани ҳолати санитарии синф.

Пурсиши вазифаи хонагӣ:

1. Азёд гуфтани шеъри «Суруди байналмилалии кӯдакон»
2. Маънидод кардани шеъри «Суруди байналмилалии кӯдакон».
3. Дар расм чанд кӯдак тасвир ёфтааст? Чанд писару чанд духтар?
4. Онҳо чӣ кор карда истодаанд? Ба фикри шумо онҳо кистанд?
5. Якдилӣ ва муттаҳидӣ чист?
6. Ҷаро аҳли олам ҳамеша тарафдори сулҳанд?

### БАЁНИ МАВЗУИ НАВ

Дониши луғавӣ захираи калимаҳоест, ки тавассути он шахс ба таври босамар бо атрофиён муошират мекунад. Захираи луғавӣ дар ду самт ташаккул меёбад:

**1. Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ,**
**2. Захираи луғавии нутқи хаттӣ.**

Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ маҷмуи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми муошират истифода мебарад ва ҳангоми гӯш кардан маънои онро дарк мекунад.

Захираи луғавии нутқи хаттӣ маҷмуи калимаҳоест, ки шахс ҳангоми хондани матн маънои онро дарк мекунад ё ҳангоми навиштан истифода мебарад. Низомии Ганҷавӣ дар ин маврид мегӯяд:

**Он луғати дил, ки баёни дил аст,**
**Тарҷиматаш ҳам ба забони дил аст.**

Луғат барои дониши бошуурона аҳаммияти калон дорад. Хонанда агар маънои аксари калимаҳоро надонад, маънои матни хондаашро дарк карда наметавонад. Вақте ки хонанда матнҳои мураккабро мехонад, бояд маънои калимаҳои нофаҳморо дарк кунад.

Мо имрӯз аз боби 10, мавзуи дуюм – «Ҳамдиливу ҳамзабонӣ», «Як пулу сад ғавғо»-ро мегузарем. Матн аз осори гаронбаҳои Ҷалолиддини Балхӣ буда, дар бораи мардони мусофире, ки забонро намедонистанд, сухан меравад. Пеш аз хондани матн, дар тахтаи синф луғатҳои додашуда: – изҳори матлаб – мақсадро баён кардан, инаб – ангур, истофил – ангур, узум – ангур-ро менависем.

**Саволу ҷавоб доир ба матн бо хонандагон**

Машқҳоро менависем ва ғалатҳояшро ислоҳ мекунем. Онҳо чунинанд:

**Дӯстони якҷиҳатро дур гаштан бок нест,**
**Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност.**
**А. Бедил**

Дӯстони якҷиҳат – дӯстони ҷонӣ;
Бок – тарс.

**Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,**
**Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.**
**А. Фирдавсӣ**

Анҷуман – маҷлис.

**То мард сухан нагуфта бошад,**
**Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.**
**С. Шерозӣ**

Нуҳуфта – ноаён, пинҳон.

Хонандагон суруди «Девори Бухоро»-ро сароида, калимаҳои мушкилфаҳми матни шеърашро таҳлил мекунанд.

**СКАНВОРД**

**Л****-- далер, шуҷоъ, пурдил.
Посух: Диловар

* У***** -- соф кардашуда, тоза ва холис кардашуда.
Посух: Мусаффо

* Ғ**-- аввали ҳар чиз, ибтидо, нахуст.
Посух: Оғоз

А***-- хулқи нек ва писандида, хушрафтор.
Посух: Адаб

Т*****-- парвариш, таълим, адаб омӯхтан.
Посух: Тарбия.

Ба хонандагон варақҳои сафед дода, хоҳиш мекунем, ки луғатҳои медонистаашонро бинависанд. Барои иҷрои ин супориш ба онҳо се дақиқа вақт дода мешавад. Хонандагоне, ки бештар луғат менависанд, ғолиби озмун мешаванд.

**Саҳнача дар бораи донистани луғат ва ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ**

Тахтаи синф ба се қисм ҷудо карда мешавад ва дар онҳо номи ашёе, ки омӯзгор номбар мекунад, аз тарафи хонандагон навишта мешавад:

**1. Далер, диловар, шуҷоъ, мардона, матин, нотарс.**

**2. Меҳр, муҳаббат, хушбахтӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, бародарӣ, дӯстӣ.**

**3. Об, рӯшноӣ, покӣ, сафокорӣ, соф, мусаффо.**

**ИСТИФОДАИ ДИАГРАММАИ ВЕН**

Хислатҳои инсон бо калимаҳои зидмаъно:

Покӣ – касифӣ, хурсандӣ – нохушӣ, диловарӣ – буздилӣ, хушмуомила – бадмуомила.

**Саволҳо:**

**1. Чаро Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш дар бораи омӯхтани забонҳои русӣ ва хориҷӣ аҳаммияти махсус доданд?**

**2. Чаро «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» мегӯем?**

**3. Оё донистани луғат дунёи ботинии шуморо равшан мекунад?**

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Хондани мавзуъ, аз худ кардани луғатҳои мавзуъ.

**АРЗЁБӢ**

Эълони баҳо ва таҳлили донишу қобилияти азхудкунии хонандагон.

Бо чунин равиш дарс хатм мешавад, ки барои омӯзиши донишомӯзон, ба таҳлили мо, ҳам ҷолиб ва ҳам пуртаъсир мебошад.

**Хайрулло РАҲИМОВ,**
**Аълочии маорифи Тоҷикистон,**
**ноҳияи Варзоб**



# МАВЗУИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ ҲАБИБ ЮСУФӢ

Дар бораи мавзуи Ватан ва шеърҳои ватандӯстонаи Ҳабиб Юсуфӣ, ки дилбохтагии шоирро нисбат ба манзараҳои табиати он нишон медиҳад, хонандагони синфи 11 ҳанӯз аз ду дарси қаблӣ маълумоти нахуст мегиранд. Дар ин дарс бошад, омӯзгор баробари ба синф ворид шудан овезаи коғазини қаблан тайёркардаи худро, ки дар он яке аз шеърҳои шоир навишта шудаанд, дар тахтаи синф овехта, супориш медиҳад, ки мазмуни порчаро дар дафтари адабиёт нависанд. Баъд аз ду-се дақиқа нақшаи дарси навро, ки чунин аст:

**1. Мафҳуми Ватан дар шеърҳои Ҳ. Юсуфӣ;**

**2. Ғояи муҳофизати Ватан ва ватандӯстӣ дар лирикаи шоир;**

**3. Манбаъҳои илҳоми Ҳ. Юсуфӣ ва ҳаётдӯстӣ дар ашъори ӯ;**

**4. Таъсири воқеаҳои давр ба эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ** - эълон намуда, аз хонандагон мепурсад, ки чаро Ҳ. Юсуфӣ дар шеъри «Ба Ватан» оҷиз будани худро баҳри васфи он изҳор кардааст? Хонандагон ҷавоб хоҳанд дод, ки дар бораи Ватан мисраъ ё байти тозае эҷод намудан кори саҳл набуд. Ҳ. Юсуфӣ, ки нав ба майдони адабиёт даромада буд, камбудии шеърҳои навқаламонаашро ҳис намуда, хонандаро бовар мекунонад, ки рӯзе мисли С.Айнӣ устоди шеър мегардад ва дар васфи Ватан мисраъҳои шоирона хоҳад гуфт.

Ин дарс бидуни пурсиши дарси гузашта гузаронида хоҳад шуд. Яъне, муаллим онро тавассути қироати байти:

**Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,**
**Забони ман зи ҳама пештар «Ватан» гӯяд.**

оғоз карда, ба шогирдон мефаҳмонад, ки мавзуи Ватан ва муҳаббати бепоён доштан ба он тамоми ҳис ва шуури шоирро фаро гирифта буд. Агар мо Юсуфиро тараннумгари Ватан, сарояндаи ишқи он номем, хато нахоҳем кард. Зеро ҳар як шеъри ба Ватан бахшидаи ӯ дорои моҳияти хос ва мазмуну мундариҷаи махсус аст. Инчунин, набояд фаромӯш кард, ки Ҳ. Юсуфӣ чун шоири ватанпарвар дар ашъори худ ғояи ватандӯстиро, ки ба адабиёти имрӯзаи мо аз адабиёти классикӣ дар қатори беҳтарин анъанаҳои он мерос мондааст, бо маҳорати хоси худ давом додааст. Ватане, ки шоир васфаш мекунад, муқаддас аст; ватанест, ки метавонад, касро бахтиёр кунад, чун модар азизу меҳрубон, ғамхор аст. Аз ин рӯ, шоир ҳозир буд ҳар амре, ки Ватан диҳад, бо камоли майл адо кунад ва баҳри он, ҳатто, зарур шавад, ҷонашро фидо хоҳад сохт. Ҳамин маъно дар байти зер чунин ифода ёфтааст:

**Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,**
**Ватан ҳар чӣ гӯяд адо мекунем.**

Омӯзгор мазмуни байтро тавзеҳ дода, илова хоҳад кард, ки шоир зиндагии бидуни Ватанро баробар ба марг медонист. Ба қавли ӯ, ҳар кӣ дар сина ишқи Ватан дорад, тавоноӣ дар бадан, ифтихор дар дил, осоишу айши мудом дорад. Вагарна мурғи дар кунҷе қарор гирифтаро монад, ки на дӯстрӯй асту на дӯстдор дорад:

**Бе ишқи ту дар дилам чӣ буду чӣ набуд!**
**Ранҷу ғаму шодию шараф буду набуд.**

Гузашта аз ин, Ҳ. Юсуфӣ Ватанро дар шеъри «Ишқи Ватан» - «модар», «ҷону ҷаҳон», «боғу бӯстон»-и худ номида, дар роҳи ҳифзи он ба ҷонфидоӣ омода буданашро бо дили аз муҳаббат саршор ва мисраъҳои оташбор тасвир кардааст.

**Ватанро бинозам, маро дар канор,**
**Чу модар гирифту намуд бахтиёр.**

**Ватан ҷони ман ҳам ҷаҳони ман аст,**
**Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.**

Дар баробари ин омӯзгор дар бораи сарчашмаҳои илҳоми шоир сухан ронда, бояд зикр кунад, ки ӯ ҳиссиёти ватандӯстонаи худро дар тасвири манзараҳои табиати Ватан – кори кишоварзон, меҳнати фидокорона, ҷасорату мардонагӣ, пешрафтҳои нав ба нави эҷодӣ ва зебогии маънавии ҷавонон низ бо назокат ва самимияти хос ифода кардааст.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо шеърҳои «Бунафшаҳо, шукуфаҳо», «Манзараи тирамоҳи ҷануб», «Ба қаҳрамони қутб», «Духтари ҳавопаймо»-ро мисол овардан кифоя аст. Ҳ. Юсуфӣ дар ин шеърҳо бо ҳиссиёти ватандӯстона ва муҳаббати бепоён ба баҳори пурфайзи Тоҷикистон, тирамоҳи зарнисори он ва меҳнати сазовори таҳсин, қаҳрамонию ҷасорат ва хислатҳои неку зебои ҷавонон бо ифтихор сухан рондааст. Дар баробари ин, шоир дар шеъри «Маъзур» баробари тасвири зебогиҳои Тоҷикистони офтобиямон ҳамқаламонашро дар наомӯхтану надонистани диёри худ, сарзаниш карда, онҳоро даъват кардааст, ки табиати диёри худро пурра омӯхта, аз он илҳом гиранд.

Дар ин маврид омӯзгор бояд зикр кунад, ки манбаи илҳоми эҷодии Ҳ. Юсуфӣ тапиши набзи ҳаёт низ мебошад. Ӯ дар шеъри «Як замон аз паҳлуи шамсу қамар ҳам бигзарем» дар бораи дигаргуниҳои куллии кишвари худ, кудрату тавоноии одамон ва илму техникаи он, ки ҳатто табиатро ба итоат даровардааст, бо ифтихор сухан меронад.

Омӯзгор, инчунин, дар бораиояндабинии Ҳ. Юсуфӣ сухан гуфта, бо такя ба илму техника ба фазо парвоз кардани одамро таъкид кардааст:

**Гар Ватан ин асту кор ин асту давр ин аст, мо**
**Як замон аз паҳлуи шамсу қамар ҳам бигзарем.**

Бо ҳамин равиш, омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки Ҳ. Юсуфӣ ошиқи ҳаёт буд. Вай дар шеърҳои «Дар шаъни ҳаёт», «Ҳаёт медаваду меравад» бо ҳиссиёти басо баланд, самимияти амиқ аз номи қаҳрамони лирикии «ман» дар бораи ҳаётдӯстии одамон, зебоии зиндагӣ, хубрӯёни он ва тапиши набзи ҳаёт сухан ронда, дар шеъри «Мубориз бош!» бо муҳаббат ва ҳаяҷони руҳафзо ба воситаи саволи риторикӣ барои ҳаёти нағзро ҳимоя кардан омодагии худро таъкид намуда, қуввати ҳар фардро дар мубориза нишон додааст:

**Шарафи мову ту бувад дар он,**
**Ки ману ту муборизони ҳаёт.**
**Мо мусаллаҳ шавем дар майдон,**
**Зидди манҳус душманони ҳаёт.**
**Душмани инчунин ҳаёти нағз,**
**Кист?**
**Охир бидеҳ ба ман шамшер!**

Агар такрор шавад ҳам, дар ин ҷо муаллим қайд бояд кунад, ки «ман»-и шоир образи ҳам фард ва ҳам кулл аст, «ман» ва «мо»-и ӯ тамоми халқи шуроӣ буда, ҳамчун як тану ҷон дар муборизаи умумӣ аз ҳам ҷудонашавандаанд. Ба ин маънӣ ӯ дар байти:

**Аз ман-маниям магӯ, ки як ҷону танам,**
**Ман яксаду ҳаштоду се миллион "ман"-ам!**

симои ҳақиқии қаҳрамони лирикиашро хеле барҷаста кушодааст.

Зимнан, омӯзгор бояд ёдовар шавад, ки эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ дар солҳои 1938-40 тадриҷан такмил ва инкишоф меёфт. Вай акнун ҳар як ҳодисаи ҷамъиятиро амиқ дарк карда, аз пояи реализм инкишофи револютсионии онро нишон медод. Масалан, ӯ дар шеъри «Ин Ватан зинда дар ҷаҳон мебод!» ҳодиса ва воқеаҳои Ғарбу Шаркро бо рамзу киноя баён карда, ба хонанда сарчашмаи ин моҷароҳоро, ки буҳрони иқтисодии империализми ҷаҳонӣ буд, кушода медиҳад. Ва ба шогирдон тавсия мекунад, ки шеърро аз китоб хонанд.

Вазъи ногувору печидаи вақт шоири дӯст- доштаи мо Ҳабиб Юсуфиро ба ҳаяҷон оварда, хавфи Ҷанги дуюми ҷаҳонро ҳис намуда, аз номи «Яксаду ҳаштоду се миллион ман» гуфта буд:

**Нестам ман муборизи ин ҷанг,**
**Ман ватанбони олами озод.**
**На барои харобӣ овардан**
**Ватанам дод найзаву пулемёт.**
**Чун шавад ҷанг – зидди ҷанг эълон**
**Ман кашам наъра, ки:**
**- Бизан акнун!**

Дар фарҷом, баъди санҷиши дониши аз худ намудаи хонандагон ба онҳо супориш додан лозим аст, ки аз китоби «Роҳи нотамом» шеърҳои солҳои 1937-40 навиштаи шоирро хонда, порчаҳо аз ёд кунанд ва ба навиштани иншои хонагӣ омода шаванд.

**Маҳбуба БОБОМУРОДОВА,**
**дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБ

Солҳои охир дар партави дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ҳамчун омили асосии ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Вазорати маориф ва илми кишвар ҳадафҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки калидӣ будани соҳаро бори дигар собит месозанд. Яке аз чунин иқдом гузариш ба раванди муносибати босалоҳият ба таълим аст. Муносибати босалоҳият ба таълим равандест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ) равона мешавад. Раванди муносибати босалоҳият ба таълим ба саволҳои зерин: "Омӯзгор чӣ кор карда метавонад?", "Омӯзгор кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?" – ҷавоб медиҳад. Инчунин, ҳангоми санҷидан диққати асосӣ ба сифати иҷрои амал равона мегардад. Яъне, салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат мебошад.

Ин навъи таълим бештар ба мавзуъҳои проблемагузорӣ ва роҳҳои ҳалли он аз нигоҳи хонанда ва инкишофи тафаккури интиқодии он сарчашма мегиранд. Хонанда дар асоси марҳалаҳои ибтидоии донишомӯзӣ аз қабули мушкилот (Оё ман метавонам?) то дарки вазъият, дарёфти фарзия (қоидасозӣ), дар асоси ғалатҳои худ роҳ ба сӯйи салоҳиятҳо меҷӯяд. Муносибати босалоҳият ба таълим ба хонанда маърифат додан, иҷро карда тавонистан, зистан ва якҷоя зиста тавонистанро талқин менамояд. Омӯзгоронро зарур аст, хонандаро натанҳо ба шароити дохилии Тоҷикистон, балки берун аз он низ омода созанд. Бо сабабҳои идомаи таҳсилу кор дар хориҷ аз кишвар ба ҷавонони мо мушкилоти забонӣ, салоҳияти касбу кори гуногун ва мутобиқшавиро ба вуҷуд меорад, аз ин рӯ, муносибати босалоҳият ба таълим дар асоси стандартҳои байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои судманд заминаи мусоид мегузорад.

Пешрафти илмию техникӣ, ки хоси марҳалаи кунунии ҷомеаи инсонист, ҳамарӯза дар инкишофу дигаргуниҳост. Рушди соҳаҳои гуногуни илм дар кори таълиму тарбия низ таъсири амиқ расонида, боиси ба вуҷуд омадани вожаю истилоҳоти нав мегардад. Ин истилоҳи нав бо вуҷуди дар аввал андаке бегонаю дурушт намудан, баъдтар истифодаашон маъмул мегардад. Мавриди таҳқиқ қарор гирифтан ин маънои луғавии вожаи "салоҳият" аст.

Салоҳият чист? Барои дақиқ намудани мафҳуми салоҳиятнокӣ онро мебояд аз нуқтаи назари этимология ва дигар тааллуқияти соҳавӣ таҳлил намуд.

Салоҳият қобилият, малака ва маҳорат буда, "салоҳият"-ро таълим намедиҳанд, балки он дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳорат дар шуури хонанда ташаккул меёбад. Дар фарҳангҳо "салоҳият" бо маънохои 1) "полномочие", 2) "способность" (қобилият) шарҳ ёфтааст. Дар "Луғати русӣ-тоҷикӣ" вожаи "компетентность" ба маънои салоҳият доштан, салоҳиятдор, соҳибҳуқуқ будан оварда шудааст. Шакли дигари ин калима, яъне, "компетенция" ба маънои кордонӣ, қодир будан омадааст.

Имрӯз ин калима дар зеҳну забони ҳар як омӯзгору мутахассиси соҳа хуб нишаст ва ба таври фаровон истифода мегардад. Номзади илми филология, равоншод Азим Байзоев нигошта буданд: "Дар баробари худи калимаи "салоҳият" имрӯз калимаҳои дигари сохта - "босалоҳият", "салоҳиятнок", "салоҳиятнокӣ" ва ибораҳое, ки дар таркибашон ин ибораро доранд, пайдо шуданд. Он чӣ моро нигарон кар-

даast, мавҷуд набудани ягонагӣ дар фаҳмиш ва истеъмоли ин истилоҳот аст. Ҳатто дар дохили ҳамон як мақола истифода шудани шаклҳои гуногуни истилоҳоти мавриди назар ба мушоҳида мерасад. Ҳамаи ин моро водор месозад, ки дар раванди ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим, пеш аз ҳама, ягонагӣ ва дурустии истифодаи истилоҳотро таъмин намоем".

Устод Садриддин Айнӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ" вожаи "салоҳият"-ро чунин шарҳ додааст: "Салоҳият - аҳл будан дар коре (фалонӣ дар ин кор салоҳият надорад, яъне, аҳли ин кор нест" (ҷ.12, 1976, с.330).

Дар "Қомуси дарӣ ба русӣ" (нашри соли 1978) чунин тарҷума шудааст: "Салоҳият" 1) пригодность, соответствии; 2) компетентность; 3) полномочие - салоҳият доштан - быть компотентным..." (с. 498).

Дар "Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ" (соли 2006 зери таҳрири Д. Саймиддинов, С. Д. Холматова, С. Каримов), вожаи мавриди назар чунин тарҷума шудааст: "Салоҳият - 1) компетентность, компетенция; 2) полномочие; прерогатива; 3) соответствие, годность, пригодность; - салоҳият доштан а)быть компатентным; иметь полномочия; б) годится, соответствовать; Салоҳиятдор 1) компотентный, авторитетный; мақомоти-компетентные органы; 2) полномочый" (с. 515).

Дар "Фарҳанги форсии Амид" вожаи салоҳият ин тавр тафсир шудааст: "Салоҳият - солеҳ будан, дархур будан, шоистагӣ" (2535, Теҳрон, с.702). Дар "Фарҳанги форсӣ", ки ба қалами Муҳаммад Муин тааллуқ дорад, салоҳият чунин эзоҳ ёфтааст: Салоҳият 1) шоиста будан, аҳлият доштан; 2) шоистагӣ, сазоворӣ, 3) ихтиёре, ки қонун ба додгоҳе медиҳад, ки ба муҷиби он ба даъвое расидагӣ кунад, ба иборати дигар шостагии қонуни додгоҳ, барои расидагӣ ба даъвои хос.

Салоҳиятдор - салоҳиятдоранда - шоиста барои расидагӣ ба амре, дархури иҷрои амале, додгоҳи салоҳиятдор, мақомоти... (ҷ. 2, 1375, Теҳрон, с. 2159). Дар "Луғатнома"- и Деҳхудо низ вожаи "салоҳият"-ро чунин шарҳу эзоҳ додаанд: "Салоҳият" - ба маънои шоистагӣ, сазоворӣ, дархурӣ, аҳлият.

Инчунин, мафҳуми "салоҳият" дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" - шоистагӣ, қобилият, лаёқат тафсир шудааст. Дар баъзе аз сарчашмаҳо мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" аз ҳамдигар тафовут доранд. Зери мафҳуми "салоҳиятнокӣ" - воқиф будан, ваколат доштан фаҳмида шуда, мафҳуми салоҳият чун доираи саволҳое, ки фард бо истифода аз ваколатҳои худ амали муайянеро иҷро мекунад, дар назар дошта мешавад. Дар адабиёти илмӣ муҳаққиқон Т. Е. Исаев ва Е. И. Огарев чунин нигоштаанд: "Махсусияти салоҳиятнокӣ ин аст, ки шахс бо истифода аз донишу малака ва таҷрибаи андӯхтааш ҳодисаҳоро бо воқеияти кунунӣ муқоиса намуда, хулосаи асоснок ҳосил менамояд".

Махсусан, Е. И. Огарев чунин менигорад: "Салоҳиятнокӣ ин нишондиҳандаи арзишӣ буда, ба устод имконияти сайқал додани дониш, қабули қарор, банақшагирӣ ва дигар имконияти расидан ба ҳадафҳоро мефаҳмонад. Салоҳиятнокӣ дар таҳсилот раванди бошууронаи фаъолият ба шумор рафта, дар доираи ваколати муқарраршуда ба амал баровардa мешавад ва натиҷаи он арзёбии фаъолияти устод дар чараёни таълим мебошад. Салоҳият ва салоҳиятнокӣ ба ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра мекунанд".

Барои амалӣ гаштани барномаи салоҳиятноккунии маориф ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ, пеш аз ҳама, омӯзгорони дарсдиҳанда бояд ҳатман босалоҳият - лоиқ, сазовор ва шоистаи касби хеш бошанд. Агар омӯзгор босалоҳият набошад, дар бораи ташаккули салоҳият ҳоҷати сухан гуфтан ҳам нест. Омӯзгори имрӯзаро зарур аст, дар асри XXI хонандаро на танҳо ба шароити имрӯзаю ояндаи Тоҷикистон, балки ба зиндагӣ дар тамоми ҷаҳон омода созад. Хонандагони имрӯза мувazzафанд, ки ҳам донанд ва ҳам тавонанд. Муносибати босалоҳият ба таълим тағйир додани раванди таълим набуда, балки дигар намудани муносибат ба таълим аст.

Хулоса, ҳар дигаргунӣ ва иқдоме, ки дар соҳаи маориф амалӣ мегардад, ҳадафҳои худро дорад. Ин ҳадафҳо вақте амалӣ мегарданд, ки мо - омӯзгорон дастҷамъона, бо дили гарм барои бароварда сохтани он камари ҳиммат бандем ва эҷодкорию масъулиятшиносӣ ҳамроҳамон бошад.

**Маҳмадлатиф МИРЗОЗОДА,**
**омӯзгори фанни математикаи Литсейи №4**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# МЕТОДҲОИ МУҚОИСАИ АДАДҲО

Ҳангоми ҳал кардани муодилаҳо ва нобаробариҳо баъзан лозим меояд, ки аз ду (ё якчанд) адад кадоме хурдтар ва кадоме калонтар буданашонро нишон диҳем.

Дар поён таъриф ва тарзи муқоисаи ададҳо бо мисолҳоро нишон медиҳем.

***Таъриф.*** *Адади $a$ аз адади $b$ калон аст ( $a > b$ ), агар фарқи $a - b$ адади мусбат бошад, адади $a$ аз адади $b$ хурд аст, ( $a < b$ ), агар фарқи $a - b$ адади манфӣ бошад, агар фарқи $a - b$ баробари сифр шавад, он гоҳ ададҳои $a$ ва $b$ ададҳои бо ҳам баробар мебошанд ($a = b$).*

Аз ин таъриф бармеояд, ки ҳар гуна адади мусбат аз сифр калон ва ҳар гуна адади манфӣ аз сифр хурд мебошад. Инчунин, барои ададҳои дилхоҳи $a$ ва $b$ аз нобаробариҳои $a = b$, $a > b$, $a < b$ *танҳо* яктоаш ҷой дорад.

***1. Муқоисаи ададҳои ратсионалӣ***

*Барои муқоисаи ду адади ратсионалии $\frac{m}{n}$ ва $\frac{p}{q}$ фарқи ин ададҳоро ҳисоб мекунем:*

$$\frac{m}{n} - \frac{p}{q} = \frac{mq - np}{np}.$$

*Агар ин фарқ аз нул калон бошад $\frac{m}{n} > \frac{p}{q}$ ва агар аз нул хурд бошад, пас $\frac{m}{n} < \frac{p}{q}$ мебошад.*

***Мисоли 1.*** *Касрҳои $\frac{5}{6}$ ва $\frac{7}{9}$ – ро муқоиса мекунем.*

***Тарзи якум:*** Барои муқоисаи ин ададҳо фарқи онҳоро дида мебароем:

$$\frac{5}{6} - \frac{7}{9} = \frac{15 - 14}{18} = \frac{1}{18} > 0, \qquad \frac{5}{6} - \frac{7}{9} > 0.$$

Аз нобаробарии охир чунин бармеояд:

$$\frac{5}{6} > \frac{7}{9}.$$

***Тарзи дуюм:*** Аввал махраҷҳои онҳоро якхела менамоем:

$$\frac{5}{6} = \frac{5 \cdot 3}{6 \cdot 3} = \frac{15}{18} \quad \text{ва} \quad \frac{7}{9} = \frac{7 \cdot 2}{9 \cdot 2} = \frac{14}{18}.$$

Акнун суратҳои ин касрҳоро муқоиса карда, муайян мекунем, ки сурати кадоме аз инҳо калон аст:

$$15 > 14,$$

бинобар ин, $\frac{5}{6} > \frac{7}{9}$ мебошад.

***Мисоли 2.*** *Ададҳои ратсионалии $\frac{11}{12}$ ва $\frac{17}{18}$ –ро муқоиса менамоем:*

Барои ин фарқи онҳоро дида мебароем:

$$\frac{11}{12} - \frac{17}{18} = \frac{33 - 34}{36} = -\frac{1}{36} < 0, \qquad \frac{11}{12} - \frac{17}{18} < 0,$$

Яъне, $\frac{11}{12} < \frac{17}{18}$ мебошад.

***2. Муқоисаи ададҳои ирратсионалӣ***

*Дар аксар ҳолат барои муқоисаи ду адади ирратсионалии $\sqrt{a}$ ва $\sqrt{b}$ $(a, b > 0)$ ё ин ки як адади ирратсионалӣ ва як адади ратсионалӣ чунин рафтор мекунем: фарз мекунем, ки яке аз ин ададҳо аз дигараш калон аст (масалан, $a > b$), баъд нобаробариҳои эквивалентиро тартиб медиҳем. Агар дар охир нобаробарии дуруст ҳосил шавад, пас фарзияамон дуруст аст (яъне, $a > b$ мебошад), вале агар нобаробарии нодуруст ҳосил шавад, он гоҳ фарзияи кардаамон нодуруст аст, бинобар ин, онро ба аломати баръаксаш иваз мекунем (яъне, $a < b$ мешавад).*

***Мисоли 3.*** *Муайян мекунем, ки кадоме аз ададҳои $\sqrt{15} - \sqrt{8}$ ва 1 калон аст.*

Фарз кардем, ки $\sqrt{15} - \sqrt{8}$ аз 1 хурд аст, яъне,

$$\sqrt{15} - \sqrt{8} < 1.$$

Азбаски ҳарду тарафи ин нобаробарӣ мусбат аст, бинобар ин, ҳар ду тарафи онро ба дараҷа бардошта, аломати нобаробариро бетағйир мегузорем:

$$\left(\sqrt{15}-\sqrt{8}\right)^2 < 1^2, \quad 15-2\sqrt{120}+8<1, \quad 22<2\sqrt{120}, \quad 11<\sqrt{120}.$$

Боз як маротибаи дигар ҳарду тарафи нобаробарии охирро ба дараҷа бардошта, ҳосил мекунем:

$$11^2 < \left(\sqrt{120}\right)^2, \qquad 121 < 120.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки фарзияи кардаамон нодуруст аст, барои ҳамин фарзияи дараҷаамонро бо аломати баръакс иваз менамоем, яъне, $\sqrt{15}-\sqrt{8}>1$.

***Мисоли 4.*** *Ададҳои* $\sqrt{15}-\sqrt{5}$ *ва* $\sqrt{13}-\sqrt{3}$ *–ро муқоиса мекунем.*

Барои ин фарз мекунем, ки

$$\sqrt{15}-\sqrt{5}<\sqrt{13}-\sqrt{3}$$

аст. Аз сабаби мусбат будани ҳарду қисми нобаробарӣ метавонем ҳарду тарафи онро ба дараҷа бардорем:

$$\left(\sqrt{15}-\sqrt{5}\right)^2<\left(\sqrt{13}-\sqrt{3}\right)^2, \quad 15-2\sqrt{75}+5<13-2\sqrt{39}+3,$$

$$4<2\left(\sqrt{75}-\sqrt{39}\right), \quad 2<\sqrt{75}-\sqrt{39}, \quad \sqrt{75}-\sqrt{39}>2.$$

Боз ҳарду тарафи ин нобаробариро ба дараҷа мебардорем:

$$\left(\sqrt{75}-\sqrt{39}\right)^2>2^2, \quad 75-2\sqrt{2925}+39>4, \quad 110>2\sqrt{2925},$$

$$55>\sqrt{2925}, \quad 55^2>(\sqrt{2925})^2, \quad 3025>2925.$$

Чуноне, ки аз нобаробарии охир дида мешавад, фарзияи кардаамон дуруст аст, яъне,

$$\sqrt{15}-\sqrt{5}<\sqrt{13}-\sqrt{3}.$$

***3. Муқоисаи ададҳо бо ёрии ҳисоббарориҳои тақрибӣ***

Якчанд мисолҳоро бо ин усул дида мебароем.

***Мисоли 5.*** *Ададҳои зеринро муқоиса менамоем:*

$$\log_2 5 \quad \text{ва} \quad \log_3 7.$$

Барои муқоиса кардан, аввал ададҳои 5 ва 7 – ро ба намуди зерин менависем:

$$2^2<5<2^3, \qquad 3^1<7<3^2.$$

Азбаски функсияи $\log_a x$ ҳангоми $a>1$ будан, функсияи монотонӣ – афзуншаванда аст, бинобар ин:

$$\log_2 2^2<\log_2 5<\log_2 2^3, \qquad \log_3 3^1<\log_3 7<\log_3 3^2,$$

$$2<\log_2 5<3, \qquad 1<\log_3 7<2.$$

Аз нобаробариҳои охир бармеояд, ки $\log_2 5>\log_3 7$ аст.

***Мисоли 6.*** *Ададҳои* $\log_3 5$ *ва* $\log_2 3$ *–ро муқоиса мекунем.*

Барои ин ададҳои 5 ва 3 –ро ба намуди зерин менависем:

$$3^1<5<3^{\frac{3}{2}}, \qquad 2^{\frac{3}{2}}<3<2^2.$$

Асоси логарифмҳо аз 1 калон аст, бинобар ин, аломати нобаробарҳо тағйир намеёбад:

$$\log_3 3^1<\log_3 5<\log_3 3^{\frac{3}{2}}, \qquad \log_2 2^{\frac{3}{2}}<\log_2 3<\log_2 2^2,$$

$$1<\log_3 5<\frac{3}{2}, \qquad \frac{3}{2}<\log_2 3<2.$$

Аз нобаробариҳои охир дида мешавад, ки $\log_3 5<\log_2 3$ мебошад.

***Мисоли 7.*** *Ададҳои* $\sin 1$ *ва* $\sin 1°$ *–ро муқоиса менамоем.*

Барои ин $\sin 1$ радианро ба градус мегардонем. Маълум ки

$$1 \text{ радиан} = \frac{180°}{\pi} \approx 57°17'45'' \approx 57°18' \qquad (1)$$

аст, бинобар ин, $\sin 1=\sin 57°18'$. Акнун ададҳои $\sin 57°18'$ ва $\sin 1°$ –ро муқоиса мекунем. Ҳардуи ин ададҳо дар чоряки якум ҷойгир буда, дорои аломати мусбат мебошанд. Маълум, ки функсияи $\sin x$ дар чоряки якум афзуншаванда аст, бинобар ин, $\sin 57°18'>\sin 1°$ мебошад, яъне, $\sin 1>\sin 1°$.

***Мисоли 8.*** *Ададҳои зеринро муқоиса мекунем:*

$$\sin 2 \quad \text{ва} \quad \sin 2°.$$

Аз (1) бармеояд, ки 2 радиан $\approx 114°36'$ аст, бинобар ин, $\sin 114°36'$ ва $\sin 2°$ – ро муқоиса менамоем. $\sin 114°36'$ дар чоряки дуюм ҷойгир буда, $\sin 2°$ бошад, дар чоряки якум ҷойгир аст, вале аломати ҳардуи инҳо мусбат мебошанд. Мо дар ин маврид онҳоро

муқоиса карда наметавонем, барои он ки ин корро карда тавонем, лозим меояд, онҳоро табдил диҳем, то онҳо дар чорякҳои якхела қарор гиранд. Барои ин формулаи фарқи кунҷҳоро истифода менамоем:

$$\sin 2° = \sin(180° - 178°) = \sin 178°.$$

Акнун $\sin 178°$ ва $\sin 114°36'$ –ро муқоиса мекунем, ки ҳардуи инҳо дар чоряки дуюм ҷойгиранд. Дар ин чоряк $\sin x$ камшаванда аст, бинобар ин, $\sin 178° < \sin 114°36'$ мебошад, яъне,

$$\sin 2° < \sin 2.$$

***4. Муқоисаи ададҳо бо истифодаи хосиятҳои асосии нобаробариҳо ва нобаробариҳои маъмул.***

Бо ин усул якчанд мисолро дида мебароем.

**Мисоли 9.** *Ададҳои* $99^{40}$ *ва* $9999^{20}$ *–ро муқоиса менамоем.*

Онҳоро дар шакли зерин менависем:

$$99^{40} = 99^{20+20} = 99^{20} \cdot 99^{20}, \qquad 9999^{20} = (99 \cdot 101)^{20} = 99^{20} \cdot 101^{20}.$$

Азбаски $99^{20} < 101^{20}$ мебошад, бинобар ин, $99^{20} \cdot 99^{20} < 99^{20} \cdot 101^{20}$, яъне,

$$99^{40} < 9999^{20}.$$

**Мисоли 10.** *Кадоме аз инҳо калон аст:*

$$\int_0^{\pi} e^{\sin^2 x}\, dx \qquad \text{ё} \qquad \frac{3\pi}{2}?$$

Барои ин қимати $\int_0^{\pi} e^{\sin^2 x}\, dx$ – ро меёбем:

$$l = \int_0^{\pi} e^{\sin^2 x} dx = \int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 x} dx + \int_{\frac{\pi}{2}}^{\pi} e^{\sin^2 x} dx = \int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 x} dx + l_1. \qquad (2)$$

$$l_1 = \int_{\frac{\pi}{2}}^{\pi} e^{\sin^2 x} dx = \left| \begin{matrix} \pi - x = y \\ x = \pi - y \\ dx = -dy \\ y_1 = \pi - \frac{\pi}{2} = \frac{\pi}{2} \\ y_2 = \pi - \pi = 0 \end{matrix} \right| = -\int_{\frac{\pi}{2}}^{0} e^{\sin^2(\pi - y)} dy = \int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 y} dy = \int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 x} dx.$$

Қимати $l_1$ –ро дар (2) мегузорем:

$$l = \int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 x} dx + \int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 x} dx = 2\int_0^{\frac{\pi}{2}} e^{\sin^2 x} dx = \left| e^{\sin^2 x} > 1 + \sin^2 x \right| > 2\int_0^{\frac{\pi}{2}} (1 + \sin^2 x) dx =$$

$$= 2\int_0^{\frac{\pi}{2}} dx + \int_0^{\frac{\pi}{2}} (1 - \cos 2x) dx = 3\int_0^{\frac{\pi}{2}} dx - \int_0^{\frac{\pi}{2}} \cos 2x\, dx = \frac{3\pi}{2}.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $\int_0^{\pi} e^{\sin^2 x}\, dx > \frac{3\pi}{2}$.

**Мисоли 11.** *Ададҳои* $3^{200} + 4^{200}$ *ва* $5^{200}$ *–ро муқоиса мекунем.*

Нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$4^{200} > 3^{200}.$$

Ба ҳар ду тарафи ин нобаробарӣ $4^{200}$ – ро ҷамъ менамоем:

$$4^{200} + 4^{200} > 3^{200} + 4^{200},$$

$$2 \cdot 4^{200} > 3^{200} + 4^{200}. \qquad (3)$$

Фарз мекунем, ки нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$5^{200} > 2 \cdot 4^{200}, \qquad \left(\frac{5}{4}\right)^{200} > 2.$$

Маълум ки $\left(\frac{5}{4}\right)^4 = \frac{625}{256} > 2$ аст, бинобар ин:

$$\left(\frac{5}{4}\right)^{200} > \left(\frac{5}{4}\right)^4.$$

Дида мешавад, ки фарзи кардаамон дуруст аст, яъне,

$$5^{200} > 2 \cdot 4^{200}. \qquad (4)$$

Аз нобаробариҳои (3) ва (4) мувофиқи хосиятҳои асосии нобаробариҳо (ниг. ба §2) чунин бармеояд:

$$5^{200} > 3^{200} + 4^{200}.$$

***Мисоли 12.*** *Ададҳои зеринро муқоиса мекунем:*

$$55! \quad \text{ва} \quad 28^{55}.$$

Барои муқоисаи ададҳо аз *нобаробарии Коши* истифода менамоем, ки он чунин намудро дорост:

$$\sqrt{ab} \le \frac{a+b}{2}.$$

Ҳар ду тарафи ин нобаробариро ба дараҷа мебардорем:

$$ab \le \left(\frac{a+b}{2}\right)^2.$$

Дар асоси ин нобаробарӣ 55! – ро чунин навишта метавонем:

$$55! = 1 \cdot 2 \cdot 3 \cdot \ldots \cdot n = (1 \cdot 55) \cdot (2 \cdot 54) \cdot (3 \cdot 53) \cdot \ldots \cdot (27 \cdot 29) \cdot 28 <$$

$$< \left(\frac{1+55}{2}\right)^2 \cdot \left(\frac{2+54}{2}\right)^2 \cdot \left(\frac{3+53}{2}\right)^2 \cdot \ldots \cdot \left(\frac{27+29}{2}\right)^2 \cdot 28 =$$

$$= 28^2 \cdot 28^2 \cdot 28^2 \cdot \ldots \cdot 28^2 \cdot 28 = 28^{55},$$

Яъне, $55! < 28^{55}$ мебошад.

***Мисоли 13.*** *Кадомаш калон аст:*

$$82^{10} \quad \text{ё} \quad 26^{13}\ ?$$

Ададҳои $82^{10}$ ва $26^{13}$ – ро дар шакли зерин менависем:

$$82^{10} > 81^{10} = (3^4)^{10} = 3^{40}, \qquad 26^{13} < 27^{13} = (3^3)^{13} = 3^{39}.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $82^{10} > 26^{13}$.

***Мисоли 14.*** *Кадоме аз ин ададҳо калон аст:*

$$19! \quad \text{ё} \quad 10^{19}\ ?$$

Чуноне ки маълум аст: миёнаи арифметикии $n$ ададҳои ғайриманфӣ аз миёнаи геометрии онҳо хурд нест, яъне,

$$\sqrt[n]{a_1 a_2 a_3 \ldots a_n} \le \frac{a_1 + a_2 + a_3 + \ \ldots + a_n}{n}.$$

Дар ин нобаробарӣ $a_1 = 1$, $a_2 = 2$, $a_3 = 3$, … , $a_n = n$ гузошта, ҳосил мекунем:

$$\sqrt[n]{\mathrm{n}!} \le \frac{\mathrm{n}+1}{2}.$$

Ҳарду тарафи ин нобаробариро ба дараҷаи $n$ мебардорем:

$$n! \le \left(\frac{\mathrm{n}+1}{2}\right)^{\mathrm{n}}. \qquad (5)$$

Аломати баробарӣ танҳо дар ҳолати $n = 1$ будан ҷой дорад. Барои муқоисаи ададҳои $19!$ ва $10^{19}$ аз нобаробарии (5) истифода менамоем:

$$19! < \left(\frac{19+1}{2}\right)^{19} = 10^{19}, \qquad \text{яъне} \qquad 19! < 10^{19}.$$

***Мисоли 15.*** *Кадоме аз ин ададҳо калонанд:*

$$\frac{10^{1985}+1}{10^{1986}+1} \quad \text{ё} \quad \frac{10^{1986}+1}{10^{1987}+1}\ ?$$

Аз ҳардуи ин ададҳо $\frac{1}{10}$ –ро тарҳ мекунем:

$$\frac{10^{1985}+1}{10^{1986}+1} - \frac{1}{10} = \frac{10^{1986}+10-10^{1986}-1}{10(10^{1986}+1)} = \frac{9}{10(10^{1986}+1)},$$

$$\frac{10^{1986}+1}{10^{1987}+1} - \frac{1}{10} = \frac{10^{1987}+10-10^{1987}-1}{10(10^{1987}+1)} = \frac{9}{10(10^{1987}+1)}.$$

Маълум ки $\frac{9}{10(10^{1986}+1)} > \frac{9}{10(10^{1987}+1)}$ мебошад, бинобар ин,

$$\frac{10^{1985}+1}{10^{1986}+1} > \frac{10^{1986}+1}{10^{1987}+1}.$$

***5. Муқоисаи ададҳо бо ёрии дохил кардани функсияҳо.***

Ададҳоеро дида мебароем, ки барои муқоисаи онҳо функсия дохил намуда, онро тадқиқ карда, аз тадқиқи он муайян менамоем, ки кадоме аз ин ададҳо калон аст.

***Мисоли 16.*** *Ададҳои* $\pi^e$ *ва* $e^\pi$ – ро *муқоиса менамоем.*

Функсияи $y=\frac{\ln x}{x}$ – ро дохил карда, онро тадқиқ менамоем. Барои ин аввал $max$ ва $min$ –уми ин функсияро меёбем:

$$y'=\left(\frac{\ln x}{x}\right)'=\frac{1-\ln x}{x^2},$$

$$y'=0,\qquad \frac{1-\ln x}{x^2}=0,\qquad 1-\ln x=0,\qquad \ln x=1,\qquad x=e.$$



Аз ин ҷо бармеояд, ки функсияи $y=\frac{\ln x}{x}$ дар нуқтаи $e$ дорои $max$ мебошад, бинобар ин,

$$f(e)>f(\pi),\qquad \frac{\ln e}{e}>\frac{\ln\pi}{\pi},\qquad \pi\ln e>e\ln\pi,\qquad \ln e^\pi>\ln\pi^e,$$

пас $e^\pi>\pi^e$.

***Мисоли 17.*** *Ададҳои зеринро муқоиса мекунем:*

$$\sqrt[2001]{a_1^{2001}+a_2^{2001}+\ \dots+a_n^{2001}}\quad \text{ва}\quad \sqrt[2002]{a_1^{2002}+a_2^{2002}+\ \dots+a_n^{2002}},$$

*ки дар ин ҷо* $a_1, a_2, a_3, \dots, a_n$ *ададҳои бутуни мусбат мебошанд.*

Барои муқоисаи ин ададҳо функсияи зеринро дохил намуда, онро тадқиқ менамоем:

$$f(x)=(a_1^x+a_2^x+\ \dots+a_n^x)^{\frac{1}{x}}.$$

Бигузор $a_1=max(a_1,a_2,a_3,\dots,a_n)$ бошад, ишораи $b_i=\frac{a_i}{a_1}$ – ро дохил карда, функсияи $f(x)$ – ро ба намуди зерин меорем:

$$f(x)=a_1(1+b_2^x+b_3^x+\ \dots+b_n^x)^{\frac{1}{x}}.$$

Ҳангоми $0<x_1<x_2$ будан нобаробарии зеринро ҳосил мекунем:

$$f(x_1)=a_1\left(1+b_2^{x_1}+b_3^{x_1}+\ \dots\ +b_n^{x_1}\right)^{\frac{1}{x_1}}>a_1\left(1+b_2^{x_2}+b_3^{x_2}+\ \dots\ +b_n^{x_2}\right)^{\frac{1}{x_2}}=f(x_2)$$

Дар ин ҷо $0\le b_i\le 1$, $i=\overline{2,n}$ мебошад. Пас ҳангоми $x_1<x_2$ будан $f(x_1)>f(x_2)$ мешавад, яъне, функсияи $f(x)$ ҳангоми $x>0$ будан, функсияи монотонӣ камшаванда аст, бинобар ин, $f(2001)>f(2002)$, яъне,

$$\sqrt[2001]{a_1^{2001}+a_2^{2001}+\ \dots+a_n^{2001}}>\sqrt[2002]{a_1^{2002}+a_2^{2002}+\ \dots+a_n^{2002}}.$$

## МИСОЛҲО БАРОИ КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*Ададҳои зеринро муқоиса кунед* (1 – 25)*:*

***1.*** $\log_5 2$ *ва* $\log_6 3$;
***2.*** $7^{100}$ *ва* $2^{100}+5^{100}$;
***3.*** $7777^{10}$ *ва* $77^{30}$;
***4.*** $\frac{8}{9}$ *ва* $\frac{11}{12}$;
***5.*** $\sqrt{17}$ *ва* $\sqrt{8}+\sqrt{3}$;
***6.*** $\frac{3\pi}{2}$ *ва* $\int_0^\pi e^{\cos^2 x}dx$;
***7.*** $31^{11}$ *ва* $17^{14}$;
***8.*** $\sqrt{4+\sqrt{7}}$ *ва* $\sqrt{4-\sqrt{7}}+\sqrt{2}$;
***9.*** $27!$ *ва* $14^{27}$;
***10.*** $\log_9 25$ *ва* $\log_{12} 40$;
***11.*** $\cos 7$ *ва* $\cos 7°$;
***12.*** $99^{30}$ *ва* $9999^{15}$;
***13.*** $4^{200}+6^{200}$ *ва* $8^{200}$;
***14.*** $49!$ *ва* $25^{49}$;
***15.*** $\log_{11} 36$ *ва* $\log_7 23$;
***16.*** $555^{15}$ *ва* $55^{30}$;
***17.*** $50^{99}$ *ва* $99!$;
***18.*** $4^{100}$ *ва* $2^{100}+3^{100}$;
***19.*** $\sin 10°$ *ва* $\sin 10$;
***20.*** $\sqrt{17}-\sqrt{3}$ *ва* $\sqrt{2}+\sqrt{3}$;
***21.*** $3^{24}$ *ва* $2^{51}$;
***22.*** $202^{303}$ *ва* $303^{202}$;
***23.*** $\frac{17}{11}$ *ва* $1{,}63$;
***24.*** $\sqrt{15}$ ё $3+\sqrt{2}$;
***25.*** $3^{34}$ *ва* $2^{51}$

**Ҷавонмехр ИСМАТОВ,**
**омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**



# МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ - АСОСИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШҶӮЁН



Дар марҳилаи ҳозираи инкишофи илму техника барои ҳамқадами замон будан, эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» амали зарурӣ ва саривақтист, ки ин мо - омӯзгоронро водор менамояд, то ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ чораҳои зарурӣ баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати донишандӯзии хонандагон аз фанни химия чораҷӯӣ намоем.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим истифода намудани усул ва технологияи нави таълим дар ин раванд нақши калидӣ мебозад. Дар ҷараёни таҳсил дар муассисаҳои таълим фанни химия ҷойгоҳи муайянро ишғол намуда, дар тавсеаи ҷаҳонбинии донишҷӯён ҷиҳати рағбат пайдо кардан ба илмҳои табиатшиносӣ заминаи муносиб фароҳам месозад.

Имрӯз барои амалӣ гардидани таълими инфиродӣ, ҳангоми ташкили фаъолияти таҷрибавии донишҷӯён, ба вуҷуд овардани омодагии таҷрибагузаронии курсҳои болоӣ дар кабинетҳои химия, ки истифода намудани таҷҳизоти муосир танҳо барои гузаронидани таҷрибаҳои фронталӣ пешбинӣ шудааст, як қатор мушкилиҳо ба назар мерасад.

Таълими фанни химияро танҳо дар намуди машғулияти назариявӣ ба роҳ мондан ғайриимкон аст. Ҳатман бо машғулиятҳои амалӣ назарияро алоқаманд кардан аз манфиат холӣ нест. Тавре ки ба мо маълум аст, дар асоси барномаи таълими химия барои донишҷӯён машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ баъди ба итмом расидани ҳар як боб, мавзуъ ба нақша гирифта шудааст. Аз тарафи омӯзгорон ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявие, ки пешакӣ омӯхта буданд, бо илова намудани маълумоти нав, мустаҳкам кунанд.

Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки дар раванди таълими химия дар вақти баёни мавзуи нав гузаронидани таҷрибаи химиявӣ барои хонандагон аҳаммияти муҳим дорад. Аз ҷумла, баъзе аз хосиятҳои химиявии моддаҳоро ба тариқи таҷрибавӣ фаҳмонидан хеле осон аст. Зеро тавре ки дар урфият мегӯянд «Шунидан кай бувад монанди дидан». Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои вобаста ба тайёр кардани маҳлулҳо, ҳосил кардани оксиген, гидроген, оксидҳо, кислотаҳо, асосҳо, намакҳо, диссосиатсияи электролитӣ, металлҳои ишқорӣ, ишқорзаминӣ, ҳосил кардани оксиди карбон, аммиак таҷрибаи химиявиро истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ, мебояд аз тарафи омӯзгорон мавқеъ ва мақсади намоиши таҷрибаҳои химиявӣ муайян карда шавад.

Методи таҷриба дар ҷараёни таълими фанни химия дар муассисаҳои таълимӣ хусусиятҳои махсус ва фарқкунанда доранд, ки дар асоси талаботи педагогию дидактикӣ се вазифаи муҳимро иҷро менамояд: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофи дониш.

Дар вақти гузаронидани таҷрибаи химиявӣ ба чанд самти тарбия, монанди тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ, экологӣ диққати махсус дода, дар дили хонандагон, инчунин, ташаккули маърифатӣ, яъне, эмотсия, ҷаҳонбинӣ, диққат,

хотира, тафаккур низ сайқал дода мешавад.

Дар таърихи инкишофи марҳалаҳои илми химия, аввалин таҷрибаҳои химиявӣ дар озмоишгоҳҳои химиявӣ, дар осору ашъори муҳаққиқону мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла, Ҷобир ибни Хайёни Тӯсӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва амсоли онҳо рӯи қалам оварда шудаанд. Ба ақидаи Ҷобир ибни Хайён дар ҷараёни омӯзиши фанни химия гузаронидани корҳои озмоишӣ, амалӣ ба манфиати кор аст. Зеро ҳангоми ба эътибор нагирифтани он муҳаққиқ ба ягон муваффақият ноил намегардад. Дар рафти таҷрибаҳои худ Ҷобир ибни Хайён аввалин шуда, кислотаҳои ғайриорганикиро ҳосил кардааст ва назарияи падид овардани металлҳои нав, аз ҷумла, тиллоро ба миён гузошта, ранги гуногунро барои матоъ ва пӯст ихтироъ намудааст. Ҷобир ибни Хайён яке аз талқинкунандагони тадқиқоти таҷрибавӣ буда, ба илми химия замина гузошта чунин навиштааст: «Агар ту хоҳӣ, ки кимиёгариро аз худ кунӣ, бояд корҳои таҷрибавиро бештар гузаронӣ».

Мазмун ва мундариҷаи гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки маълумоти навро дар заминаи донишҳои андӯхта ба роҳ монанд. Ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ боиси ташаккули тафаккури мантиқию эҷодии хонандагон мегардад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаҳое, ки аз тарафи омӯзгор интихоб ва гузаронида мешавад, бояд мазмун ва мундариҷаи ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва тадқиқотӣ дошта бошанд. Масалан, ба хонандагон чунин савол дода мешавад: «Ҳангоми ба об таъсир кардани металли калий кадом модда ҳосил мешавад?» Посухи хонандагон ба савол чунин аст: «Ишқори калий». Ё саволи дигар: «Ишқори ҳосилшударо чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?» Ҷавоб: «Ҳангоми таъсири фенолфталеин бо ишқори калий ранги маҳлул бунафш мегардад». Саволи омӯзгор: «Муодилаи реаксияи таъсири металли калий бо обро тартиб дода, онро баробар кунед». Хонанда муодилаи реаксияи химиявиро дар тахтаи синф навишта, онро дар асоси қонуни бақои массаи моддаҳо баробар мекунад ($2K+2H2O=2KOH+H2$), ки дар натиҷа ишқори калий ҳосил шуда, гидроген хориҷ мешавад.

Вобаста ба мазмуни таҷриба бо хонандагон саволу ҷавоб намуда, дониши онҳо мустаҳкам карда мешавад. Инчунин, донишҷӯён ҳангоми мушоҳида кардани рафти таҷрибаи химиявӣ маълумоти заруриро ба даст меоранд. Саволи аз тарафи омӯзгор пешниҳодшуда донишҷӯёнро водор менамоянд, ки мустақилона фикри худро баён намоянд. Ҳангоми гузаронидани реаксияи химиявии байни металли калий бо об донишҷӯён бори аввал ба рафти гузариши реаксия шинос мешаванд.

Аксар вақт аз ҳисоби кам будани асбоб ва реактивҳои химиявӣ таҷрибаҳои намоиширо худи омӯзгор ва баъзан хонандагон мегузаронанд. Вазифаи асосии таҷрибаи намоишӣ аз инҳо иборат аст:

**1. Ба донишҷӯён фаҳмонидани моҳияти ҳодисаи химиявӣ;**

**2. Нишон додани моҳият ва вазифаи таҷҳизоти лабораторӣ (асбоб, дастгоҳ, зарфҳои химиявӣ, реактивҳо);**

**3. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор дар лабораторияи химиявӣ ва фаҳмондани усули иҷрои корҳои экспериментали.**

Таҷрибаи химиявии намоишӣ имкон медиҳад, ки ба намуди зоҳирии объекти химиявӣ ва моҳияти он шинос шавем. Агар донишҷӯён хосияти алоҳидаи таҷрибаи лабораторӣ ва таҷҳизоти химиявиро дарк ва омӯзанд, он гоҳ самти гуногуни чунин машғулиятҳоро бо пуррагӣ меомӯзанд. Агар таҷрибаҳои химиявӣ аз ҷониби худи омӯзгор намоиш дода шавад, дар ин маврид хонандагон мазмуни онҳоро хуб дарк намекунанд. Аз ин рӯ, аз тарафи донишҷӯён ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ натиҷаи хуб медиҳанд.

Дар мавриди баёни мавзуи нав ба омӯзгор зарурат пайдо мегардад, ки барои аз ҷониби донишҷӯён ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ асбоб ва реактивҳои заруриро пешакӣ омода намоянд ва ба дурустии он боварӣ ҳосил намуда, барои иҷрои кор ба донишҷӯён аз тарафи омӯзгор иҷозат дода шавад. Бинобар ин, ба омӯзгор лозим меояд, ки баҳри ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо, донишҷӯёнро бо роҳу усул ва истифодаи мақсадноки методи эксперимент ҳамаҷониба шинос кунад.

Мувофиқи талаботи барномаи таълимии фанни химия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи

умумӣ дар раванди омодагӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо, хонандагон бояд бо моддаҳои химиявӣ (оксидҳо, кислотаҳо, ишқорҳо, намакҳо), ҳолатҳои агрегатӣ, гармӣ, сардӣ ва ҳатто тамъи онҳо, яъне, қанд, глюкоза, крахмал, глитсерин шиносоӣ пайдо намоянд. Масалан, хонандагон крахмалро байни ангуштонашон соиш дода, лағжонакии онро ҳис мекунанд. Ин амал нишон медиҳад, ки хонандагон дар рафти иҷрои корҳои лабораторӣ дар бисёр маврид ба воситаи узвҳои ҳиссиёти худ, дар бораи ранг, бӯй ва тамъи моддаҳои химиявӣ низ маълумоти зарурӣ пайдо менамоянд.

Дар заминаи гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ дар ниҳоди донишҷӯён маҳорату малакаи шиносоӣ ва салоҳияти кор бо реактивҳо ва асбобҳои химиявӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ донишҷӯён бо сохт ва хосиятҳои моддаҳои газшакл, моеъ ва сахт шиносоӣ пайдо намуда, аз ҳамдигар чӣ фарқият доранд, маълумот пайдо менамоянд. Барои гузаронидани кор хонандагон, пеш аз ҳама, аз рӯи расми дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда асбобҳои аёнӣ тартиб дода, таҷҳизоти химиявиро омода ва ба дурустии он боварӣ ҳосил менамоянд. Дар ин ҳолат донишҷӯён дарёфти роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои таҷрибавиро дарк ва аз худ менамоянд.

Ҳангоми омӯзиши фанни химия ва бештар гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар ниҳоди донишҷӯён салоҳияти мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ пайдо мегардад. Ин яке аз муҳимтарин шаклҳои судманди таълим ба ҳисоб рафта, боиси ташаккулёбии фаъолияти ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва тадқиқотии онҳо мегарданд:

**- аз тарафи омӯзгор муайян кардани мавзуи корҳои мустақилонаи донишҷӯён;**

**- алоқаманд кардани кори мустақилонаи донишҷӯён бо таҷрибаи намоишӣ дар раванди таълими бобҳои алоҳидаи фан;**

**- муайян намудани меъёри таҷрибаҳо ва нақшаи таҳқиқотӣ, чӣ гуна мавқеъ доштани онҳо;**

**- кадом таҷрибаҳо бояд ҳамчун намуна бошанд;**

**- шароитеро муҳайё кардан зарур аст, ки дар раванди таҷрибаҳои химиявӣ мустақилияти донишҷӯёнро дучанд кунад.**

Ташкил ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, пеш аз ҳама, ба мазмуни маводи таълим ва ба шароитҳои зерин вобаста аст:

**- тайёрии пешакии донишҷӯён ба кори оянда (кор бо китоби дарсӣ дар хона);**

**- мушоҳидаи таҷрибаи химиявӣ ва хулосабарорӣ (дар вақти дарс);**

**- истифодаи китоби дарсӣ ва дастурҳое, ки муаллим вобаста ба кори таҷрибавӣ тартиб медиҳад;**

**- омӯхтани моддаҳое, ки ба як гурӯҳ тааллуқ доранд, санҷиш ва ба ҳам муқоиса кардани хосияти моддаҳо. Масалан, донишҷӯён бо аксари моддаҳои органикӣ шинос буда, дар асоси гузаронидани таҷрибаи химиявӣ оид ба хосиятҳои физикии чарбҳо, қанд, крахмал, глитсерин, собун, кислотаҳои органикӣ хулосабарорӣ мекунанд.**

Дар вақти гузаронидани машғулиятҳои амалӣ таҷрибае, ки дар дарс нишон дода мешавад, ба донишҷӯён маводи назариявии химияи органикиро равшан фаҳмондан мумкин аст. Дар ин асос сохти карбогидрогенҳои ҳаднок, спиртҳои якатомаю бисёратома, алдегидҳо, карбогидратҳо, кислотаҳои органикӣ ва ғайраро исбот карда метавонем. Илова бар ин, чунин таҷрибаҳо имкон медиҳанд, ки донишҷӯён бештар мушоҳидакор шаванд ва фарзияҳои пешниҳодшударо дурусту возеҳ ҳал намоянд. Таҷрибаҳои намоишӣ то дараҷаи муайян ҳамаи вазифаҳои таҷрибаҳои химиявиро ҳал намуда, воситаи асосии мустаҳкам кардани дониши назариявии донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Агар чанд навъ таҷрибаи химиявӣ дар алоқамандӣ ва ба маврид истифода гардад, он ҳамчун усули пешқадам татбиқ гардида, боиси дар ниҳоди донишҷӯён салоҳияти аз худ намудани маводи таълимӣ ва шавқу ҳавас нисбати омӯзиши фанни химия пайдо мегардад. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ савияи дониши онҳо боз ҳам баланд шуда, фанни химияро хуб аз худ менамоянд. Ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, мустақилона, амалӣ ба ташаккули равияи илмӣ - назариявӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад.

**Саидвалӣ САЙДАЛИЗОДА,**
**дотсенти факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**



# ТАЪСИРИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ИНКИШОФ - БРАССИНОСТЕРОИД БА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОРФОФИЗИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВИИ РАСТАНИИ КАРТОШКА ДАР ШАРОИТИ СТРЕСС (NACL)

Солҳои охир танзимкунандагони инкишофи растаниҳо дар якҷоягӣ бо микроэлементҳо ва ситокининҳо бахри паст гардонидани дараҷаи таъсири стресси намак бо мақсади баланд бардоштани устувории растаниҳо дар шароити стрессҳои экологӣ, ба монанди норасоии об, хушкӣ ва шӯрӣ, беш аз пеш истифода мешаванд. Тахмин меравад, ки пас аз 30 сол миқдори намак дар таркиби хок 0,8-1% зиёд шуда, табиист, ки дар таркиби хок бор низ зиёд мешавад ва ба растаниҳои хоҷагии қишлоқ таъсири марговар мерасонад. Дар Тоҷикистон низ майдонҳои кишти васеъ бо сабаби нодуруст обёрӣ намудан ва таъсири омилҳои ногувори муҳит ба шӯршавӣ дучор гардидаанд. Муайян карда шудааст, ки шӯрӣ ба тағйироти ҷиддии равандҳои биохимиявию физиологӣ ва ҳосилнокии растаниҳо оварда мерасонад. Механизми устувории растаниҳо ба таъсири шӯрӣ дар аксари растаниҳои хоҷагиҳо кам омӯхта шудааст. Мутаассифона, инро нисбат ба навъҳои нави картошкаҳои ватанӣ тасдиқ карда наметавонем, чунки масъалаи омӯзиши механизми устуворӣ ба омилҳои ногувор дар навъҳои нави картошка қариб дар кишвари мо дида намешавад. Дар ҳоле, ки картошка аз рӯйи арзиши ғизоӣ дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм қарор дошта, дар бехатарии ғизоӣ ва устувории ҷомеа аҳаммияти бузург дорад. Бинобар ин, коркарди усулҳои самараноки инноватсионӣ барои баланд кардани устувории растаниҳои кишоварзӣ ба хушкӣ ва шӯрӣ, хусусан, дар шароити стресси ҳарорати иқлими тағйирёбанда, диққати таҳқиқотчиёни муосирро ҷалб кардааст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар растаниҳои гуногун системаҳои мураккаби морфологӣ, физиологӣ ва биохимиявии механизмҳои мутобиқшавӣ ба шӯрӣ фаъолият мекунанд. Аксарияти ин равандҳо дорои хосияти ишоравӣ буда, таҳқиқотҳои дақиқро талаб мекунанд. Ҳамзамон, дар ин самт нақши танзимкунандагони инкишофи нав, ситокининҳо дар якҷоягӣ бо металлҳои вазнин, тақрибан омӯхта нашудаанд.

**Мавод ва методҳои таҳқиқот**

Таҳқиқот дар растаниҳои Solanum tuberosum L., навъи нави ба шӯрӣ устувор – Тоҷикистон ва навъи ба намак (NaCl) ноустувори Пикассо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст, гузаронида шудаанд. Картошкаи навъи Тоҷикистон ҳосили хуб дошта, ба як қатор бемориҳои вирусӣ тобовар мебошад. Қад ва дарозии байнибуғумҳои растаниҳоро дар варианти назоратӣ ва таҷрибавӣ тариқи парвариши растаниҳои найчашишагӣ дар муҳити ғизоии МС илова намудани танзимкунандаи инкишоф - брассиностероид (БС) ё эпин бо консентратсияи 20-60мкл/л дар шароити **in vitro** муайян намудем.

**Муайян кардани фаъолнокии каталаза**

Фаъолнокии каталазаро бо усули Aebi H.; фаъолнокии СОД-ро бо усули C.N.Giannopulitis ва S.K.Ries бо дарназардошти тағйироти О.К. Полесской ва ҳамкоронаш; қобилияти обнигоҳдории баргҳоро бо усули Генерозова И.П. муайян намудем. Дар ҷадвалҳо ҳисоби миёнаи арифметикии се вариант (зарфҳои вегетатсионӣ)-ро ҷой додем. Коркарди омории маълу-

мотро бо усули Доспехов Б.А. гузаронидем. Маълумотро, ҳангоми P<0,05 будан, саҳеҳ ҳисоб намуда, такроран гузаронидани таҷрибаҳоро 3 маротибагӣ муқаррар кардем.

**Натиҷа ва муҳокимаи таҳқиқот**

Маълумот оид ба таъсири NaCl ба инкишофи растанӣ аснои мавҷудияти танзимкунандаи табиии инкишофи растаниҳо - брассиностероид (БС) ва хлориди натрий (NaCl) дар муҳити ғизоии Мурасиг ва Скугро дар ҷадвали 1 овардем.

**Ҷадвали 1. Таъсири танзимкунандаи инкишоф - брассиностероид (БС) ва хлориди натрий ба нишондиҳандаҳои морфофизиологии растании картошка**

| Вариант | Баландии растанӣ, см | Вазни растанӣ, г. | Дарозии реша, см. | Шумораи микролунда-ҳо дар растанӣ |
|---|---|---|---|---|
| Назоратӣ | 12,8±0,33 | 3,1±0,11 | 1,53±0,02 | 1,80 |
| *NaCl,* %: 0,5 | 14,1±0,34 | 3,5±0,13 | 1,55±0,02 | 1,33 |
| 1,0 | 13,5±0,41 | 3,3±0,14 | 1,62±0,02 | 1,14 |
| 1,5 | 11,2±0,28 | 2,5±0,13 | 1,44±0,02 | 0,92 |
| 2,0 | 6,9±0,31 | 7,9±0,11 | 0,92±0,2 | 0,88 |
| Танзимкунандаи инкишоф (БС): 20мкл (л) | 9,2±0,2 | 3,8±0,17 | 1,88±0,03 | 1,92 |
| 40 мкл (л) | 8,8±0,3 | 4,1±0,22 | 2,25±0,03 | 2,25 |
| 60 мкл (л) | 8,1±0,4 | 3,6±0,25 | 7,35±0,02 | 1,18 |

**Эзоҳ: Растанӣ-регенеранти навъи Тоҷикистон**

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки растании навъи Тоҷикистон ба таъсири NaCl усувории баланд зоҳир мекунанд ва ба муҳити ғизоии МС илова кардани танзимкунандаи инкишоф - БС ба он таъсири хуб расонд. Консентратсияҳои 0,5-1,5%-и NaCl-и иловакардашуда боиси ногаҳон қатъшавии инкишофи растанӣ нагардиданд. То 2,0% зиёд кардани консентратсияи намак боиси 40% манъи қадкашии растаниҳо шуд. Инкишофи решаҳо тахти консентратсияи 2%-и NaCl суст шуда, 20-25%-ро ташкил дод. Ҳангоми ба 0,5-1,0% баробар будани консентратсияи NaCl вазни тари растаниҳо тағйир наёфт. Танҳо ҳангоми консентратсияи баланди намак дар муҳити ғизои МС тағйироти вазни як растанӣ дар маҳлули 1,5%-и NaCl - 14% ва дар консентратсияи 2,0%, нисбат ба варианти назоратӣ - 25%-ро ташкил намуд. Таъсири манфии хлориди натрий на танҳо дар инкишофи поя ва реша мушоҳида шуд, балки дар шароити **in vitro** ба ҳосилшавии микролунда дар растанӣ низ ба қайд гирифта шуд. Дар шароити консентратсияи пасти хлориди натрий ба ҳисоби миёна дар як растанӣ 1,6 дона лунда ҳосил гардид. Ҳангоми 2% будани консентратсияи NaCl ҳосилшавии микролундаҳо ба таври ногаҳонӣ то ду маротиба (0,9 д/растанӣ) паст шуд. Илова кардани танзимкунандаи инкишоф БС ба муҳити ғизоии МС ба нишондиҳандаҳои морфофизиологӣ ба таври мусбат таъсир расонд. Ҳамин тариқ, бо зиёд кардани консентратсияи БС дар муҳити ғизоӣ инкишофи поя оҳиста-оҳиста суст мегардад. Ҳангоми ба 20 мкл/л баробар будани консентратсияи БС сустшавии инкишофи поя тахминан 25% шуда, то 60 мкл/л зиёд кардани консентратсияи БС инкишоф то 40% суст шуд. Вазни растаниҳо низ ҳангоми ба муҳити ғизоӣ илова кардани БС тағйир ёфт. Вазни як растанӣ то 12% бештар гардид ва ҳангоми то 40 мкл/л зиёд кардани консентратсияи БС вазни растанӣ 33% зиёд шуд. Зиёд кардани консентратсияи

БС (то 60 мкл/л) баръакс, ба зиёдшавии вазни растаниҳо таъсир намерасонад. Тағйири вазни растаниҳо боиси зиёдшавии шумораи микролундаҳо дар растанӣ гардид. Маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, ки консентратсияи муътадили БС барои ҳосилшавии микролунда 40 мкл/л мебошад.

Дар чунин шароит шумораи микролундаҳо дар растанӣ аз ҳама бештар буда, 2,25 дона дар як растаниро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба варианти назоратӣ 56% зиёд аст. Мо чунин натиҷаҳоро пештар, ҳангоми истифодаи танзимкунандаи инкишофи паклобутразол низ ба даст оварда будем. Танзимкунандаи инкишоф ба вазни пояҳои навъҳои Пикассо ва Тоҷикистон таъсири назаррас расонд. Консентратсияи муътадили танзимкунандаи инкишоф барои баланд кардани равандҳои физиологии растанӣ-регенерантҳо дар шароити in vitro 50 мкг/л мебошад ва ҳангоми баланд кардани консентратсияи он дар растаниҳои таҷрибавӣ тағйироти назаррас ба амал намеояд. Дар баробари ин, бояд зикр кард, ки дарозии байни буғумҳо пас аз илова кардани танзимкунандаи инкишоф дар растаниҳои ҳар ду навъ ба кӯтоҳшавӣ майл намуданд. Ҳамин тавр, маълумоти пайдошуда аз он шаҳодат медиҳад, ки танзимкунандаи табиии инкишоф БС таъсири манфии хлориди натрийро ба баъзе аломатҳои морфофизиологии растании картошка ба таври назаррас кам карда, навъи Тоҷикистон намунае барои омӯзиши механизмҳои мутобиқшавии растаниҳо ба таъсири стрессорҳо мебошад.

Яке аз нишондиҳандаҳои аз шӯрӣ ҳифзкунандаи растаниҳо серобии бофтаҳо, хусусан, қобилияти обнигоҳдории онҳо аст. Тавре аз ҷадвали 2 дида мешавад, дараҷаи норасоии об дар баргҳои навъҳои таҳқиқотии мо фарқ дошт. Дар навъи Тоҷикистон норасоии об вобаста ба консентратсияи NaCl дар муҳити ғизоии МС оҳиста тағйир ёфт. Ҳангоми 1% будани NaCl дар навъи Тоҷикистон тахминан 20% норасоии об ва ҳангоми 1,5% ва 2,0% будани консентратсияи NaCl норасоии об -27-32% ба мушоҳида расид.

**Ҷадвали 2. Таъсири БС ба қобилияти обнигоҳдории баргҳои картошка дар муҳити ғизоии МС**

| Вариант | Норасоии об (%) дар навъи: | | Бо %, нисбат ба варианти назоратӣ дар навъи: | |
|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон | Пикассо | Тоҷикистон | Пикассо |
| Назоратӣ | 18,8±0,22 | 29,40±0,49 | 100 | 100 |
| *NaCl*, %: 1,0 | 22,4±0,27 | 38,8±0,53 | 019 | 032 |
| 1,5 | 23,7±0,26 | 44,4±0,67 | 047 | 051 |
| 2,0 | 25,8±0,36 | 48,2±0,71 | 053 | 063 |
| БС 40мкл/л+1,0% *NaCl* | 12,2±0,16 | 30,4±0,46 | 183 | 127 |
| + 1,5 % *NaCl* | 14,4±0,19 | 35,5±0,33 | 192 | 125 |
| + 2,0 % *NaCl* | 18,8±0,26 | 41,2±0,44 | 157 | 116 |

Навъи Пикассо ба таъсири NaCl нисбатан ҳассос буда, дар он норасоии об ҳангоми 1% будани консентратсияи NaCl ба 32%, ҳангоми 1,5% будан ба 51% ва ҳангоми 2,0% будан ба 63% баробар мебошад. Дар варианти назоратии навъи Тоҷикистон норасоии об 18%-ро ташкил намуд ва дар навъи Пикассо бошад, 29%-ро ташкил дод, ки онҳо маҳз бо ҳамин аломатҳо аз ҳамдигар ба таври назаррас фарқ намуданд.

Ҷолиби диққат аст, ки таъсири танзимкунандаи инкишоф ба вариантҳои назоратӣ ва дар шароити стресс (NaCl) қарордоштаи ин навъҳо гуногун аст. Таъсири аз ҳама бештари БС ҳангоми консентратсия аз 20 мкл/л то 40 мкл/л дар маҳлули ғизоӣ будан ба мушоҳида расид. Тавре аз натиҷаҳои ҷадвали 2 бармеояд, консентратсияи БС таҳти 40 мкл/л, ҳангоми

дар муҳити ғизоӣ ба 1,0-1,5% баробар будани NaCl, қобилияти обнигоҳдории дар навъи Тоҷикистон то 180-190% зиёд ва дар навъи Пикассо бошад, он қадар назаррас нест (то 130%).

Дар натиҷаи то 0,5% зиёд намудани миқдори NaCl, тағйироти ногаҳонии фаъолнокии супероксиддисмутаза ва каталаза ба амал намеояд, лекин, ҳангоми то 1,0-1,5% зиёд намудани миқдори NaCl, фаъолнокии ин ферментҳо якбора баланд мегардад. Пастшавии фаъолнокии ферментҳо таҳти консентратсияи 2,0%-и NaCl ба амал меояд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Таъсири хлориди натрий ба фаъолнокии супероксид-дисмутаза ва каталаза дар растаниҳои картошка пас аз 3-юм рӯзи стресс**

| | Фаъолнокии ферменти: | | | |
|---|---|---|---|---|
| | супероксиддисмутаза, воҳиди шартӣ/г вазни тар | | каталаза, мкмол $H_2O_2$ /г вазни тар 1 дақ. | |
| | Тоҷикистон | Пикассо | Тоҷикистон | Пикассо |
| Назоратӣ | 73,3±0,75 | 51,2±0,47 | 278±9,2 | 187±7,7 |
| *NaCl*, %: 0,5 | 76,4±0,72 | 54,6±0,48 | 288±11,4 | 191±7,9 |
| 1,0 | 82,2±0,82 | 62,2±0,65 | 325±11,9 | 233±10,1 |
| 1,5 | 87,4±0,77 | 55,2±0,71 | 391±10,9 | 195±11,2 |
| 2,0 | 72,2±0,92 | 48,0±0,55 | 281±10,1 | 134±10,2 |
| БС 40 мкл/л | 89,5±0,44 | 62,2±0,5 | 312,2±12 | 222,1±14 |
| БС 40мкл/л+0,5% *NaCl* | 95,5±0,51 | 77,7±0,6 | 317,4±11 | 139,9±15 |
| + 1,0 % *NaCl* | 112,2±0,69 | 85,5±0,7 | 334,4±12 | 345,5±14 |
| + 1,5 % *NaCl* | 113,4±0,81 | 78,8±0,6 | 322±11 | 202,2±11 |
| + 2,0% *NaCl* | 110,4±0,82 | 66,6±0,7 | 279,9±12 | 177,7±14 |

Чунин тамоюли тағйирёбии фаъолнокии ферментҳо дар навъҳои Тоҷикистон ва Пикассо ба қайд гирифта шуд. Бояд қайд кард, ки фаъолнокии ферментҳо дар растании навъи Тоҷикистон нисбат ба навъи Пикассо зиёдтар буд. Ба муҳити ғизоӣ илова намудани танзимкунандаи инкишоф БС, ҳангоми то 1,0-2,0% зиёд намудани шӯрӣ, ферментҳои антиоксидантиро дар вариантҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ хеле фаъол мегардонад. Хулоса, фаъолнокии супероксиддисмутаза дар муҳити ғизоии дорои 0,5 ва 1,0% NaCl 10 ва 40% нисбат ба варианти назоратӣ зиёдтар буд, аммо зиёд кардани консентратсияи NaCl ба фаъолнокии ферментҳо ягон таъсире накард. Чунин хусусият дар ферменти СОД дар навъи Пикассо ба назар расид, аммо фаъолнокии СОД дар ҳамаи вариантҳои таҷрибавии навъи Тоҷикистон нисбат ба Пикассо зиёдтар буд. Ҳангоми таъсири миқдори кам (0,5%)-и NaCl фаъолнокии каталаза дар ҳар ду навъҳои картошка тағйир намеёбад. Дар ҳама вариантҳо танзимкунандаи инкишоф (БС) фаъолнокии ферментҳои антиоксидантии СОД ва каталазаро ба таври назаррас баланд мегардонад. Бояд гуфт, ки фаъолнокии СОД ва каталаза зери таъсири стресс (NaCl) нисбат ба варианти назоратӣ зиёд буд. Илова кардани танзимкунандаи инкишоф БС ба муҳити ғизоӣ фаъолнокии СОД ва каталазаро дар вариантҳои назоратӣ ва таҷрибавии навъҳои Тоҷикистон ва Пикассо ба таври назаррас пурзӯр менамояд. БС таъсири боздорандаи NaCl-ро вобаста ба дараҷаи шӯрӣ (0,5-2,0%) дар навъи Тоҷикистон то 30-50% паст мегардонад. Дар навъи Пикассо бошад, таъсири боздорӣ ҳангоми 0,5-1,5% будани миқдори NaCl то 10-15% паст гардида, дар натиҷаи баланд кардани консентратсияи NaCl танзимкунандаи инкишоф БС ягон таъсир намерасонад. Ҳамин тавр, маълумоти бадастоварда нишон медиҳанд, ки ин

картошка аз ҳамдигар бо баъзе нишондиҳандаҳои физиологӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Навъи Тоҷикистон аз рӯи реаксияи ҷавобӣ ба таъсири намак аз навъи Пикассо бартарӣ дорад. Ин навъҳо таҳти таъсири стресс аз рӯйи фаъолнокии СОД ва каталаза низ фарқ мекунанд. Илова кардани БС дар шароити мўътадил ва ҳангоми таъсири стрессор (NaCl) ба баландшавии фаъолнокии ферментҳои антиоксидантӣ оварда мерасонад. Муқоисаи ин навъҳо дар шароити таъсири стрессорҳо нишон дод, ки навъи Тоҷикистон дорои системаи нисбатан самараноки мутобиқшавӣ мебошад. Танзимкунандаи инкишоф - брассиностероид (БС) нишондиҳандаҳои морфофизиологиро тағйир дода, қобилияти фаъолнокии ферментҳои антиоксиданти (СОД, каталаза)-и растании картошкаро пурзӯр намуд. Танзимкунандагони инкишоф (БС) фаъолнокии СОД-ро дар ҳама генотипҳо баланд мекунанд, аммо фаъолнокии СОД дар генотипи устувор нисбат ба генотипи ба стресс ҳассос баландтар буд. Дар шароити стресси намак баландшавии фаъолнокии СОД дар генотипҳои омӯхташудаи картошка гуногун ба назар мерасид, аммо илова кардани танзимкунандаи инкишоф фаъолнокии ферментро дар навъи Тоҷикистон то 170-230% баланд намуд. Дар навъи ба намак ҳассоси Пикассо бошад, фаъолнокии СОД таҳти таъсири танзимкунандаи инкишоф то 150% баланд мегардад. Ҳангоми дар муҳити дорои БС кишти растаниҳои назоратӣ дар генотипҳои таҳқиқшавандаи картошка, нововбаста аз дараҷаи ба шўрӣ устувори онҳо вазни тари пояҳо нисбатан зиёд мегардад. Таъсири танзимкунандагони инкишоф дар муҳити дорои NaCl боиси нисбатан зиёд шудани вазни тари пояҳо дар навъи ба намак устувори Тоҷикистон ва дар навъи Пикассо бештар зиёд шудани вазни тар гардид. Ба муҳити кишт илова кардани БС бо консентратсияҳои 50 мкг/л – 40 мкг/г нишондиҳандаҳои инкишофро то ба ҳадди максималӣ қатъ мегардонад ва зиёд кардани консентратсияи онҳо таъсири назаррасе намерасонад.

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки илова кардани танзимкунандаҳои инкишоф дар муҳити парваришии **in vitro** боиси ба таъсири намак баланд шудани устувории растании картошка мегардад. Ин хосият бо зиёд шудани вазни поя дар зери таъсири консентратсияи баланди NaCl нисбат ба варианти назоратӣ (бе илова кардани БС) дар навъи ба намак ҳассоси Пикассо хеле назаррас мебошад. Аён аст, ки БС дар растаниҳои найчашишагӣ дар шароити in vitro биосинтези моддаҳои қадкашӣ ва гормонҳоро танзим мекунанд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки илова кардани танзимкунандаи инкишоф боиси паст гардидани таъсири манфии намак (NaCl) ба вазни реша ва поя мегардад. Пояҳои чунин растаниҳо кӯтоҳ ва баргҳои онҳо нисбат ба растаниҳои коркарднашуда, хурдтар мешаванд.

Хулоса, илова кардани танзимкунандагони инкишоф (БС) ба маҳлули ғизоии МС ба нишондиҳандаҳои морфофизиологии растаниҳо ба таври мусбат таъсир мерасонад. Бо баланд шудани консентратсияи БС қадкашии пояҳо оҳиста суст мегардад. Дар консентратсияи 20 мкл/л қатъшавии сабзиши пояҳо 25%-ро ташкил намуда, ҳангоми 60 мкл/л зиёд кардани консентратсияи БС боздории инкишоф ба 40% баробар мешавад. Дар зери таъсири танзимкунандаи инкишоф вазни растаниҳо низ тағйир меёбад, вазни як растаниро то 12% таъсири консентратсияи 20 мкл/л БС ва ҳангоми консентратсияи 40 мкл/л то 33% зиёд мегардонад. Ҳангоми 60 мкл/л зиёд кардани консентратсияи БС вазн тағйир наёфта, шумораи лундаҳо зиёд мешавад. Ба муҳити ғизоӣ илова намудани танзимкунандаи инкишоф-БС фаъолнокии ферментҳои антиоксидантиро дар варианти назоратӣ ва таҷрибавии дорои 1,0-2,0% намак ба таври назаррас баланд мекунад. Фаъолнокии супероксиддисмутаза дар варианти дорои 0,5 ва 1,0% NaCl, нисбат ба варианти назоратӣ 10 ва 40% зиёд аст ва минбаъд баланд кардани консентратсияи NaCl ба фаъолнокии ферментҳо бе таъсир мемонад. Фаъолнокии ферменти СОД-и таркиби навъи Пикассо низ бетағйир монд. Аммо дар умум, фаъолнокии ферменти СОД-и таркиби навъи Тоҷикистон нисбат ба ферменти СОД-и навъи Пикассо дар ҳама вариантҳои таҷриба баландтар мебошад.

**Техрон НАҶМИДДИНОВ,**
**магистранти бахши дуюми**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**



# РУШДУ ТАШАККУЛИ ИХТИРОЪКОРӢ ДАР БАЙНИ ХОНАНДАГОН ВА ДОНИШҶӮЁН

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлолӣ ба марҳилаи нави рушд қадам гузошта, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Дар ин даврон Ҳукумати кишвар барои ба вуҷуд овардани заминаҳои мусоид ва ҷалби ҷавонон ба илмомӯзию донишандӯзӣ як қатор тадбирҳо андешида, барои бунёди мактабу дабистон, таъсиси донишгоҳу дигар макотиби олӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нав, омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун талошҳои самаровари зиёд намуд. Дар баробари дигар самтҳои кишвардорӣ барои пешбурди илму маориф, саноату кишоварзӣ, тандурустӣ ва иқтисод шароити мусоид муҳайё шуд, ки ҷавонон имкон пайдо намуданд, қобилияти зеҳнии худро истифода карда, рӯ ба донишомӯзӣ оваранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз роҳҳои рушд ва тараққӣ додани иқтисодиёти кишварро рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ арзёбӣ намуда, ҷалби шахсони лаёқатмандро ба навоварию ихтироъкорӣ, вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, баланд бардоштани савияи дониш, иттилоотнокии ҷомеа, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳоро дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷа шуморида, таъкид намуданд: **Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 -2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд.**

Дар асоси ин иқдоми Пешвои миллат дар кишвар чораҳои зарурӣ андешида шуда, дар радифи чопи китобу дастурҳо ва нашрияҳои соҳавӣ, инчунин, дар мамлакат озмуни ҷумҳуриявии "Илм - фурӯғи маърифат" гузаронида мешавад. Мақсади асосии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», пеш аз ҳама, ҷалби ҷавонон ва аҳли зиёву табақаҳои гуногуни ҷомеа ба илмҳои бунёдӣ, ба монанди кимиё, биология, физика, математика, информатика, география ва ихтироъкориву навоварӣ мебошад. Ба ин васила, метавон нигоҳи аҳли ҷомеаро ба ин самт, самти илму маърифат равона кард, ки дар натиҷа, сатҳу сифат ва касбияти мутахассисон баланд шуда, илму маорифи кишвар устуворона рушд ва заминаи мустаҳкам бо донишҳои қавӣ пойдор мегардад.

Бо мақсади иҷрои ҳадафҳои барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040» тибқи нақшаи тасдиқгардида дар доираи баргузории «Ҳафтаи ихтироъкорӣ ва навоварии кӯдакону наврасон» миёни хонандагон озмунҳои гуногуни илмиву эҷодӣ ва зеҳнӣ, дарсу машғулиятҳои таҷрибавию озмоишӣ, намоиши ихтироот ва навоварии хонандагон дар муассисаҳои таълимии пойтахт баргузор карда мешаванд. Мақсад аз баргузории ҳафтаи мазкур баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ, омӯзиши амиқи илмҳои дақиқ ҷалб намудани наврасону ҷавонон, ташаккули сатҳи фарҳанги техникӣ, ҷорӣ намудани техникаю технологияи муосир дар раванди таълим ва дастгирии ихтироъкорон мебошад.

Дар ин радиф барномаҳои гуногуни давлатӣ қабул шуда, барои мустаҳкам намудани пояҳои моддӣ - техникии муассисаҳои таълимӣ амал мекунанд. Аз ҷумла, Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 яке аз чунин барномаҳо мебошад. Ҳадафи аслии ин барнома донистан ва пешниҳод намудани маълумоти фарогир оид ба олами органикӣ ва ғайриорганикӣ бо истифода аз асбобҳои аёнӣ, маълумоти муосир оид ба сохти олами зинда, системаи офтобӣ бо ёрии асбобҳои аёнӣ, донистан ва пайдо кардани тасаввурот оид ба олами атроф, мушкилоти умдаи инсоният дар шароити ҷаҳонишавӣ, алоқамандии инсон ва системаи экологӣ дар миқёси масъалаҳои ҷаҳонишавии инсоният, мавқеи илмҳои табиатшиносӣ дар ҷомеаи инсонӣ, тарбияи эстетикӣ ва маънавии хонандагон ба ҳисоб рафта, дар баланд бардоштани савияи дониши хонандагон заминаи мусоидро фароҳам меорад.

Амалӣ гардидани ин барнома, ки асоси онро ташаккули тафаккури техникию табиии хонандагон ва донишҷӯён ташкил менамоянд, ба тараққиёти илму техника то як андоза тавонист, мусоидат намояд. Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ ба масъалаҳои саноатикунонии мамлакат, истеҳсолот ва рушди иқтисодиёт диққати махсус дода, ба ин васила, сатҳи зиндагии аҳолиро зина ба зина баланд мебардорад. Бо дарназардошти ҳамаи ин, дар кишвар мақсад гузошта шуд, ки фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ рушду тақвият ёбанд. Бо ин мақсад, «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» мавриди татбиқ қарор дорад.

Маврид ба зикр аст, ки бидуни ташаккули зеҳнияти хонандагон, бе омӯзонидани донишҳои замони муосир, таълими электронӣ, таъсиси озмоишгоҳҳо ва ворид намудани технологияи замонавӣ дар ҷаҳони муосир ҳеҷ ҷомеа наметавонад, ба ҳадафҳои некуояндасози худ ноил шуда, рушди минбаъдаи сармояи инсониро таъмин намояд. Асри XXI асри илм ва технология дониста шуда, дар замони ҷаҳонишавӣ ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ танҳо мутахассисони ҷавобгӯи бозори меҳнат ва соҳибкасб метавонанд, дар пешрафт ва ҳифзи арзишҳои миллии ҳар як давлат саҳми бориз дошта бошанд. Миллати тоҷик фарзонагон, олимону донишмандон, кайҳоншиносон ва ҷаҳоншиносон, аз қабили Шайхурраис ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Муҳаммади Хоразмӣ, ҳаким Умари Хайём, Абурайҳони Берунӣ ва садҳои дигар аз машоҳир ва абармардони илму маорифу фарҳангро ба дунё ҳадя намудааст, ки номи онҳо дар саҳифаҳои таърихи олам бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст.

Хулоса, дар даврони Истиқлоли давлатӣ таҳти сарварии Пешвои дурандеши миллат низоми маорифу илми мамлакат рушд намуд ва барои баланд бардоштани сатҳи омӯзиш ва донишандӯзии ҷавонону наврасон имконияту шароити мусоид фароҳам карда шуд. Бо истифода аз ин имкониятҳо наврасону ҷавононро мебояд, ки барои аз худ намудани донишҳои замонавӣ талош намоянд, нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои байналмилалӣ омӯхта, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшида шавад. Дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, забономӯзии насли наврас низ аз масъалаҳои муҳим мебошанд, зеро сатҳу сифати омодасозии мутахассисони оянда аз ҳамин омилҳо вобастагӣ дошта, ин имкон медиҳад, ки соҳаи маориф ба натиҷаҳои боз ҳам бештар ноил гардад. Бояд гуфт, ки ояндаи ободи Ватан ба донишандӯзии имрӯзаи наврасону ҷавонон вобастагии амиқ дорад. Илму дониш дар байни тоҷикон аз қадим мақоми хос дошт ва мардуми бофазлу ҳунари тоҷик ба ин манбаи маърифат ҳамеша арҷ мегузоштанду мегузоранд.

Бо пайравӣ аз ин суннатҳои неки гузаштагон аз усулҳои муосири таълиму тарбия истифода намуда, доираи донишу маърифат ва камолоти маънавии насли наврасу ҷавон бояд таҳким бахшида шавад.

**Муҳаммад САФАРОВ,**
**мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**



# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ДАРСҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон тавассути дарсҳои берунаазсинфии физика яке аз вазифаҳои муҳим дар тарбияи шахс ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Усули кор зимни ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ тавассути дарсҳои берунаазсинфии физика аз инҳо иборатанд:

**1. Лоиҳаҳои гурӯҳӣ.** Ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои физикӣ хонандагон дар гурӯҳҳо кор мекунанд, ки ин ҳамкорӣ ва иртиботи самаранокро талаб мекунад. Намуна: Таҳияи модели системаи офтобӣ ё таҷриба бо истифода аз қонунҳои механика.

**2. Маҳфилҳои илмӣ.** Ташкили маҳфилҳои физика, ки хонандагон метавонанд, донишҳои худро мубодила кунанд ва бо масъалаҳои нави илмӣ шинос шаванд. Инчунин, муҳокимаи мавзуъ дар гурӯҳҳо қобилияти гӯш кардан ва мубодила кардани андешаро тақвият мебахшад.

**3. Озмунҳо ва олимпиадаҳо.** Озмунҳои физикаи амалӣ, ки дар он хонандагон метавонанд бо ҳамдигар рақобат кунанд ё ба як мақсади умумӣ кор кунанд. Ин фаъолият малакаи ҳамкорӣ, масъулият ва идоракунии вақтро ташаккул медиҳад.

**4. Саёҳат ва ё сафарҳои илмӣ.** Ташкили сафарҳо ба расадхонаҳо, озмоишгоҳҳо, паркҳои инноватсионӣ, лабораторияҳо ё дигар муассисаҳои илмӣ, ки дар он хонандагон метавонанд, ҳамроҳ омӯзанд ва таҷриба пайдо кунанд.

**5. Ҳалли мушкилоти амалӣ.** Додани масъалаҳои воқеӣ, ки ҳалли онҳо донишҳои физикӣ ва ҳамкориро талаб мекунад. Намуна: Ҳалли масъалаҳои экологӣ ва ё чен кардани барқу об дар хона бо истифода аз қонунҳои физика.

**6. Намоиш ва таҷрибаҳо.** Иштироки хонандагон дар намоиши таҷрибавӣ ва корҳои лабораторӣ, ки дар гурӯҳҳо гузаронида мешаванд. Ин фаъолият малакаи ҳамкорӣ ва иртиботро инкишоф медиҳад.

**7. Баҳсу мунозираҳо.** Муҳокимаи мавзуъҳои илмӣ, ки гуногунандешӣ ва эҳтиром ба андешаҳои дигаронро тақвият мебахшад.

Натиҷаи ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ тавассути дарсҳои берунаазсинфии физика: рушди малакаҳои ҳамкорӣ; баланд бардоштани қобилияти ҳалли мушкилӣ; тақвияти малакаҳои коммуникативӣ; баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва масъулият; таҳкими муносибати иҷтимоӣ ва ҳамоҳангӣ дар гурӯҳ.

Дар маҷмуъ, истифодаи корҳои берунаазсинфӣ имкон медиҳад, ки омӯзиш на танҳо аз рӯи назария, балки тавассути таҷриба ва ҳамкорӣ гузаронида шавад, ки ин дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон нақши муҳим мебозад. Аснои рушди салоҳияти иҷтимоӣ усули зерин истифода бурда мешавад:

1.**Лоиҳаи дастаҷамъона.** Мақсад: Хонандагон дар гурӯҳҳо масъалаҳои физикиро ҳал мекунанд. Масалан: Тарҳрезии ягон таҷриба барои санҷиши қонуни Нютон ва Паскал.

Натиҷа ва манфиат: Рушди малакаи кор дар гурӯҳ, ҳамоҳангсозӣ ва масъулиятшиносӣ.

**2. Мунозира ва баҳсҳои илмӣ.** Мақсад: Ҳавасманд кардани хонандагон барои ҳимояи фикри худ. Масалан: мавзуъҳо, ба мисли “Оё зиндагӣ дар кайҳон имконпазир аст?”.

Натиҷа ва манфиат: Такмили малакаҳои муошират ва таҳлили ақидаҳо.

**3. Ҳалли мушкилот дар гурӯҳ.** Мақсад: Пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилоти амалӣ ва озмоишӣ. Масалан: Чӣ тавр энергияи аз чараёни шамол ё Офтоб гирифташударо самаранок истифода бурдан мумкин аст?

Натиҷа ва манфиат: Омӯзиши малакаҳои ҳамкорӣ ва фикррониии эҷодӣ.

**4. Истифодаи бозиҳои таълимӣ.** Мақсад: Ҳавасманд кардани хонандагон ба ҳамкорӣ дар вақти бозӣ. Масалан: Иҷрои бозиҳои интерактивӣ дар заминаи қонунҳои физика.

Натиҷа ва манфиат: Такмили малакаи иҷтимоӣ ва ҷалби бештар.

**5. Масъулияти муштараки синфӣ.** Мақсад: Имкон додан ба хонандагон барои нақшҳои гуногун. Масалан: Роҳбарони гурӯҳ, назоратгарон, шореҳон ва муҳаррирони натиҷаҳои таҷрибаҳо.

Натиҷа ва манфиат: Тақвияти малакаҳои роҳбарӣ ва ҳамкорӣ.

**6. Омӯзиши ҳолатҳо.** Мақсад: Таҳлили масъалаҳои воқеӣ дар заминаи илм. Масалан: Таҳлили нури Офтоб ва бод барои истеҳсоли неруи барқ.

Натиҷа ва манфиат: Омӯзиши фикрронӣ ва муҳокимаронӣ дар гурӯҳ.

**7. Муносибати таълим ба ҳаёти воқеӣ.** Мақсад: Намунаҳои амалӣ аз ҳаёт барои таҳкими дониш. Масалан: Чӣ тавр фишори ҳаво ба парвози ҳавопаймо таъсир мерасонад?

Натиҷа ва манфиат: Афзоиши ангезаи иҷтимоӣ, ҳавасмандӣ ва шавқоварии омӯзиш.

Бо истифода аз ин усулҳо, омӯзгор метавонад тавассути дарсҳои беруназсинфии физика фазои ҳамкорӣ ва омӯзишро беҳтар кунад ва салоҳияти иҷтимоии хонандагонро инкишоф диҳанд.

Натиҷа ва манфиати рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар ҷомеа.

**1. Такмили малакаҳои муошират:**

- фикру ақидаи худро озодона ва фаҳмо баён кардан;

- беҳтар дарк кардани дигарон ва қобилияти гӯш кардани онҳо.

**2. Рушди ҳамкорӣ ва кор дар гурӯҳ:**

- омӯзиши ҳамоҳангсозӣ ва ҳалли мушкилӣ дар гурӯҳ;

- омодагӣ ба ҳамкорӣ дар муҳити корӣ ва иҷтимоӣ.

**3. Такмили малакаҳои ҳалли мушкӣ:**

- рушди қобилияти баҳогузорӣ ба вазъият ва оқилона ёфтани роҳи ҳалли он;

- омӯзиши идора кардани зиддиятҳо ва бартараф намудани онҳо.

**4. Пешрафт дар худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ:**

- дарк кардани нақш ва арзиши шахсияти худ дар ҷомеа;

- инкишоф додани эътимод ба худ ва қобилияти роҳбарӣ.

**5. Баланд бардоштани масъулиятшиносӣ:**

- ҳисси масъулият барои вазифаҳои худ ва таъсири амалии худ ба дигарон;

- қобилияти идора кардани вақт.

**6. Омодагӣ ба ҳаёти воқеӣ:**

- дорои салоҳияти иҷтимоӣ дар таҳсили оянда ва ҳаёти касбӣ;

- рушди малакае, ки ба навоварӣ, эҷодкорӣ ва ҳалли мушкилӣ боис мешавад.

**7. Рушди эмпатия ва таҳаммулпазирӣ:**

- эҳтирому ҳамдигарфаҳмӣ ва зиддияти иҷтимоӣ дар ҳаёт;

- қобилияти кор бо одамони дорои фарҳангу дин ва ақидаи гуногун.

**8. Беҳтар кардани натиҷаи таълимӣ:**

- ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ аз муҳити мусбати омӯзиш ва сатҳи самаранокии таълим.

Натиҷаҳои амалӣ:

- Тарбия ёфтани шаҳрвандони масъулиятшинос ва фаъол.

- Таҳкими муҳити солими иҷтимоӣ дар мактаб ва ҷомеа.

- Омодагӣ ба роҳҳои мураккаби ҳаёти шахсӣ ва касбӣ.

Рушди салоҳияти иҷтимоӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки афроди муваффақ, масъул ва дорои малакаҳои универсалӣ шаванд. Он дар таълими физика ҳамчун маҷмуи малакаҳо ва сифатҳое баррасӣ мешаванд, ки ба хонандагон имкон медиҳад, ки то бо дигарон ҳамкорӣ намуда, масъалаҳои муштаракро ҳал кунанд ва дар ҷомеа фаъол бошанд.

Тавассути дарсҳои беруназсинфии физика чунин малакаҳо рушд меёбанд:

- Малакаҳои ҳамкорӣ: кор дар гурӯҳҳои хурд барои иҷрои лоиҳаҳои лабораторӣ, мубодилаи идеяҳо ва ҳалли мушкилӣ дар муҳокимаҳои гурӯҳӣ, тақсими вазифаҳо ва масъулият миёни узви гурӯҳ.

- Муоширати самаранок: ифодаи фикр ва ҳалли масъалаҳои физикӣ бо истифода аз истилоҳи илмӣ, пешниҳоди ҳисобот ва натиҷаи таҳлилӣ бо шарҳи дақиқ ва возеҳ, шунидани андешаҳои

дигарон ва баҳодиҳии мантиқӣ ба онҳо.

- Ҳалли мушкилӣ: дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои амалӣ бо истифода аз қонуну қоидаҳои физика, рушди малакаҳои фикррони мантиқӣ ва таҳлилӣ барои қабули қарорҳои муштарак.

- Эҳтиром ба гуногунандешӣ: қабули андешаҳои гуногун ва баррасии нуқтаи назари дигарон ва омӯзиши роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо тавассути ҳамкорӣ бо ҳамсабақон.

- Масъулиятшиносӣ: ҷавобгарӣ ба иҷрои вазифаҳои таълимӣ дар доираи лоиҳаҳои даставӣ ва ҳисси масъулият нисбат ба натиҷаи кори гурӯҳӣ.

- Рушди малакаҳои роҳбарӣ: роҳбарӣ дар ташкили кори гурӯҳӣ, ҳавасманд кардани узви гурӯҳ барои фаъолият ва саъю кӯшиш.

- Огоҳӣ ва аҳаммияти иҷтимоию экологӣ: баррасии таъсири кашфиёти физикӣ ба ҷомеа ва муҳити зист.

- Масъулияти илмӣ: мулоҳиза дар бораи масъулияти илм ва технология дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ.

Ин малакаҳо на танҳо дар раванди омӯзиши физика, балки дар ҳаёти воқеӣ низ барои ҳамгироӣ бо ҷомеа ва ҳаллу фасли мушкилии гуногун хеле зарурӣ ва муҳим мебошанд. Барои рушди салоҳияти иҷтимоӣ тавассути дарси физика, метавон мисолу масъалаҳоеро пешниҳод кард, ки хонандагонро ба ҳамкорӣ, муошират ва ҳалли мушкилии муштарак ҷалб мекунанд, чунин машқҳо ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Чанд намуна:

**1. Мушкилоти гурӯҳӣ** (ҳамкорӣ ва муошират).

Масъала: Дар як гурӯҳ (5-6 нафар) таҷҳизоти заруриро барои чен кардани қувваи соиш истифода баред.

Мақсад: Чен кардани қувваи соиши байни ду сатҳи гуногун ва таҳлили натиҷаҳо.

Тартиби иҷрои кор: Гурӯҳҳо вазифаҳои худро: чен кардан, ҳисоб кардан ва хулоса баровардан тақсим мекунанд.

Натиҷаҳо ва муҳокимаҳо дар як ҳисоботи ягона пешниҳод мешаванд. Ин гуна машқҳо малакаҳои ҳамкорӣ, масъулиятшиносӣ ва таҳлилиро рушд медиҳад.

**2. Ҳалли масъала бо истифода аз гуфтугӯи дастаҷамъӣ** (эҳтиром ба гуногунандешӣ).

Масъала: Чӣ гуна метавон неруи бод ва офтобро ҳамчун манбаи энергияи барқароршаванда самаранок истифода кард?

Шарти кор: Гурӯҳҳо пешниҳодҳои худро бо мисолҳо ва далели илмӣ таҳия мекунанд.

Ҳар гурӯҳ фикри худро ба дигарон пешниҳод мекунад ва он муҳокима карда мешавад. Ин усул муоширати самаранок, гуногунандешӣ ва таҳлили экологиро ташаккул медиҳад.

**3. Лоиҳа: "Шаҳри энергетикӣ"** (масъулиятшиносӣ ва роҳбарӣ).

Вазифа: Лоиҳаеро тарҳрезӣ кунед, ки дар он шаҳри хурдро бо истифода аз манбаи энергияи барқароршаванда таъмин намояд.

Марҳалаҳо: Таҳқиқи манбаъҳои энергияи мавҷуда.

Ҳисоб кардани самаранокии манбаъҳои гуногуни энергия. Пешниҳоди нақшаи ниҳоӣ ба ҳайати доварон (омӯзгор ва хонандагон). Дар ин усул малакаҳои роҳбарӣ, масъулиятшиносӣ ва шуури иҷтимоӣ рушд меёбад.

**4. Таҷрибаҳои амалӣ** (эҳтиром ба табиат ва муҳити зист).

Масъала: Санҷиши самаранокии истифодаи энергияи гармӣ барои гарм кардани об.

Вазифа: Гурӯҳҳо бо истифода аз асбоб энергияи гармиро чен мекунанд.

Дар натиҷаи ченкунӣ дар бораи таъсири истифодаи энергияи анъанавӣ ба муҳити зист муҳокима мешаванд. Дар таҷрибаҳои амалӣ шуури экологӣ ва ҳамкорӣ ташаккул меёбад.

**5. Муносибати илм ба масъалаҳои иҷтимоӣ** (шаффофият ва таҳлили иҷтимоӣ).

Масъала: Бо истифода аз донишҳои физикӣ шарҳ диҳед, ки ҷаро дар нақбҳои калон шамол мевазад ва чӣ гуна онро барои коҳиш додани ифлосшавӣ истифода бурдан мумкин аст.

Шарти кор: Гурӯҳҳо сабаби илмии ҳодисаро таҳқиқ ва баррасӣ мекунанд. Тарҳҳои пешниҳодшударо барои истифодаи ҳодиса дар масъалаҳои иҷтимоӣ омода мекунанд. Дар ин маврид малакаи таҳлили иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ рушд меёбанд. Зикр кардан зарур аст, ки ин гуна мисолу масъалаҳо на танҳо дониши физикӣ, балки малакаҳои иҷтимоии муҳимро тақвият дода, барои рушди шахс ва ҳамгироӣ бо ҷомеа хеле заруранд.

**Азизбек ЗУМРАТОВ,**
**омӯзгори фанни химияи Литсейи №3**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# ТАШКИЛИ ОЗМУНИ “БЕҲТАРИН КАБИНЕТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ” ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ




Дар шароити рушди ҷаҳони муосир, таълими босифат яке аз омили асосии пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дорад. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва ҳамзамон, фароҳам овардани шароити муносиби таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори №114 аз 3 апрели соли 2021 “Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025”-ро ба тасвиб расонд. Ин барномаи муҳимми давлатӣ ба таъмин ва муҷаҳҳазсозии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти фаннӣ, озмоишгоҳӣ ва воситаҳои муосири таълимӣ равона гардида, барои такмили раванди таълим, ҷалби хонандагон ба фаъолиятҳои амалӣ ва таҳқиқотӣ ва таҳкими тафаккури илмии наврасону ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аҳамияти ташкили озмуни “Беҳтарин кабинети муассисаи таълимӣ”. Татбиқи самараноки Барномаи давлатӣ на танҳо ба таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти зарурӣ вобаста аст, балки ба истифодаи мақсаднок ва босамари ин таҷҳизот аз ҷониби омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳо низ иртибот дорад. Бо ин назардошт, ташкили озмуни дохилимуассисавӣ таҳти унвони “Беҳтарин кабинети муассисаи таълимӣ” иқдоми саривақтӣ, муҳим ва муассир арзёбӣ мегардад.

Мақсадҳои асосии ташкили чунин озмун инҳо мебошанд:

– тақвияти истифодаи мақсаднок ва ҳадафманди таҷҳизоти таълимии фаннӣ;

– рушди базаи моддию техникии кабинетҳо ва мутобиқгардонии онҳо ба талаботи муосири таълим;

– баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии кормандони таълимӣ дар нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти таҷҳизот;

– ҷалби хонандагон ба корҳои амалӣ, таҳқиқотӣ ва лабораторӣ;

– ташаккули фазои эҷодӣ ва илмӣ дар муҳити таълим.

– Маҳорати омӯзгор – омили асосии рушди кабинет.

Таҳқиқоти соҳаи педагогика ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки таъсирбахшии таҷҳизоти муосири таълимӣ танҳо дар ҳолате муяссар мегардад, ки омӯзгор тавонад, онро дар амал бо равишҳои навоваронаи методӣ истифода барад.

Озмун ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки таҷриба ва дониши худро такмил бахшида, усулҳои муосири таълимро амалӣ намоянд, маводи таълимӣ таҳия кунанд ва муҳити омӯзишро ҷолиб, фаъолу созанда гардонанд. Дар баробари ин, истифодаи таҷҳизоти замонавӣ ва ҷалби хонандагон ба раванди озмоишӣ ва таҳқиқотӣ, ки яке аз ҳадафҳои таълими муосир мебошад, густариш меёбад.

**Пешниҳод**

Барои таъмини объективият ва шаффофияти озмун зарур аст, ки он дар шакли чанд номинатсия гузаронида шавад. Аз ҷумла:

“Беҳтарин кабинети табиатшиносӣ (биология, химия, физика)”;

“Беҳтарин кабинети фанҳои риёзӣ (математика, технологияи иттилоотӣ)”;

“Беҳтарин кабинети технология”;

“Беҳтарин озмоишгоҳи таълимӣ (озмоишгоҳҳои байнифаннӣ)”.

Меъёрҳои баҳогузорӣ метавонанд чунин бошанд:

1. Дараҷаи муҷаҳҳаз будани кабинет бо таҷҳизоти фаннӣ ва воситаҳои таълимии муосир;
2. Муратгабии ҳуҷҷатҳо ва маводҳои методӣ (нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои корӣ, варақаҳои амалӣ);
3. Навоварӣ дар истифодаи таҷҳизот ва таҳияи маводҳои худсоз;
4. Риояи қоидаҳои бехатарӣ ва гигиенӣ дар раванди таълим;
5. Ҷалби фаъоли хонандагон ба озмоишҳо, корҳои амалӣ ва таҳқиқотӣ;
6. Намунаҳои муваффақи фаъолият (натиҷаҳои хонандагон, иштирок дар озмунҳо, лоиҳаҳо);
7. Зебоӣ ва эстетикаи кабинет;
8. Истифодаи воситаҳои рақамӣ (IT) дар раванди таълим;
9. Муҳити ташаккулдиҳандаи тафаккури илмӣ;
10. Ҳамкории омӯзгорон бо муассисаҳои илмӣ ва ташкилоти берунамактабӣ.

Мусоидат ба татбиқи барномаи давлатӣ тавассути озмун

Таҷрибаи ташкили озмунҳои дохилимактабӣ ва ноҳиявӣ нишон медиҳад, ки чунин ташаббусҳо на танҳо сатҳи омодагии муассисаҳои таълимиро ба намоиш мегузоранд, балки таҳқиқоти амалӣ ва методиро низ ҳавасманд мекунанд. Ғолибони озмун метавонанд дар марҳилаҳои минбаъдаи шаҳрӣ (вилоятӣ) ва ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, таҷрибаи худро ба дигар омӯзгорон пешниҳод намоянд.

Ин озмун:

– шароити мусоид барои тақвияти фаъолияти омӯзгорон фароҳам меорад;

– заминаи рушди муҳити илмӣ ва таҳқиқотиро дар муассисаҳои таълимӣ мустаҳкам месозад;

– фазои рақобатии солимро байни муассисаҳо ва омӯзгорон инкишоф медиҳад;

– ҷалби фаъолонаи хонандагонро ба омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ таъмин менамояд.

Дар натиҷа, озмун метавонад, ба баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва татбиқи босамари барномаи давлатӣ мусоидат намуда, як модели намунавии рушди устувори соҳаи маориф гардад.

Низомномаи мазкур ҳамчун намуна пешниҳод мегардад ва дар ҳолати ташкил ва баргузории озмун, шахсони масъул метавонанд, вобаста ба талабот ва шароити мавҷуда ба он тағйирот ворид намуда, баъзе нуктаҳоро илова ё ихтисор намоянд.

## НИЗОМНОМАИ

озмуни "Беҳтарин кабинети муассисаи таълимӣ"

**1. Муқаррароти умумӣ**

1.1. Озмуни "Беҳтарин кабинети муассисаи таълимӣ" тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №114 аз 3 апрели соли 2021 ва дар доираи татбиқи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 роҳандозӣ мегардад.

1.2. Озмун дар сатҳи муассисавӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ баргузор шуда, ҳадафи он баланд бардоштани сифати таълим, истифодаи мақсадноки таҷҳизоти таълимӣ ва рушди муҳити таҳқиқотию эҷодии муассисаҳои таълимӣ мебошад.

**2. Ҳадаф ва вазифаҳои озмун**

2.1. Тақвияти истифодаи ҳадафмандонаи таҷҳизоти фаннӣ ва воситаҳои таълимии муосир.

2.2. Рушди базаи моддию техникии кабинетҳо ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи муосир.

2.3. Баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон ва кормандони таълимӣ нисбат ба ҳифзу истифодаи таҷҳизот.

2.4. Ҷалби хонандагон ба корҳои амалӣ, озмоишӣ ва таҳқиқотӣ.

2.5. Ташаккули муҳити созандаи таълим ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон.

**3. Шакл ва марҳилаҳои озмун**

3.1. Озмун дар чор марҳила баргузор мегардад:

- марҳилаи муассисавӣ;
- марҳилаи ноҳиявӣ;
- марҳилаи шаҳрӣ (вилоятӣ);
- марҳилаи ҷумҳуриявӣ.

3.2. Дар ҳар марҳила, комиссияи махсуси баҳодиҳӣ бо таркиби мувофиқ ташкил дода мешавад.

**4. Номинатсияҳо**

Озмун дар шакли номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:

"Беҳтарин кабинети табиатшиносӣ (химия, биология, физика)";

"Беҳтарин кабинети фанҳои риёзӣ (математика, технологияи иттилоотӣ)";

"Беҳтарин кабинети технология";

"Беҳтарин озмоишгоҳи таълимӣ".

5. Меъёрҳои баҳогузорӣ

5.1. Дараҷаи муҷаҳҳаз будани кабинет бо таҷҳизоти фаннӣ ва воситаҳои таълимии муосир;

5.2. Мураттабии ҳуҷҷатҳои методӣ ва маводҳои таълимӣ;

5.3. Навоварӣ дар истифодаи таҷҳизот ва таҳияи маводҳои худсоз;

5.4. Риояи қоидаҳои бехатарӣ ва гигиена;

5.5. Ҷалби фаъолонаи хонандагон ба фаъолиятҳои озмоишӣ ва таҳқиқотӣ;

5.6. Натиҷаҳои муваффақи хонандагон дар озмунҳо ва лоиҳаҳо;

5.7. Зебоӣ, эстетика ва тарҳи дохилии кабинет;

5.8. Истифодаи воситаҳои рақамӣ (технологияҳои иттилоотӣ);

5.9. Муҳити эҷодӣ ва илмию таҳқиқотӣ;

5.10. Ҳамкории омӯзгорон бо муассисаҳои илмӣ ва ташкилотҳои берунаазмактабӣ.

**6. Ҳавасмандгардонӣ**

6.1. Ғолибони ҳар номинатсия бо диплом ва туҳфаҳои арзишманд сарфароз гардонида мешаванд.

6.2. Таҷрибаи беҳтарини онҳо дар дигар муассисаҳо татбиқ гардида, омӯзгорон ҳамчун устодони намунавӣ муаррифӣ карда мешаванд.

**7. Муҳлат ва шартҳои баргузорӣ**

7.1. Муҳлати ҳар марҳилаи озмун аз ҷониби мақомоти дахлдор муайян мегардад.

7.2. Иштироки кабинетҳо дар озмун ихтиёрӣ буда, бо пешниҳоди рӯйхати ҳуҷҷатҳо ва маводи тасвирӣ амалӣ мешавад.

**8. Тавсияҳо**

8.1. Маъмурияти муассисаҳо вазифадоранд, ки омӯзгоронро барои омодагӣ ва иштирок дар озмун дастгирӣ намоянд.

8.2. Озмун ҳамчун платформаи мубодилаи таҷриба ва рушди тахассусии омӯзгорон истифода гардад.

Хулоса, ташкили озмуни "Беҳтарин кабинети муассисаи таълимӣ" на танҳо имкони ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва баланд бардоштани сатҳу сифати истифодаи таҷҳизоти таълимиро фароҳам меорад, балки замина барои густариши муҳити эҷодӣ, таҳқиқотӣ ва илмии муассисаҳои таълимӣ низ мебошад. Ин ташаббус бо роҳандозии марҳилавӣ, номинатсияҳои мухталиф ва меъёрҳои мушаххаси баҳогузорӣ фазои солими рақобат ва мубодилаи таҷрибаи беҳтаринро дар байни омӯзгорон таъмин менамояд.

**Мураттиб Саъдӣ ҚОСИМӢ,
профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# ҶАШНИ ФУРӮҒИ ХУРШЕД ВА ПИРӮЗӢ




**Нигоҳе ба вожаи “Тиргон”**

Тиргон калимаи тоҷикӣ-форсӣ буда, аз ҷузъҳои “тир” ва “гон” иборат аст. Тир ба маънои номи моҳест, ки ба фасли тобистон рост меояд. Пасванди “гон” бо решаи “тир” тобиши маънои мансубиятро ифода мекунад. Ба таъбири дигар, Тир номи эзади борон дар боварҳои Эрони бостон буда, дар Авесто дар шакли Тиштарйа, дар паҳлавӣ Тиштар ва дар форсии навин бо номҳои Тиштар ва Тир зикр шудааст. Тиштар, инчунин, номи ситораи рахшонтарин буда, бо номи ситораи Сириуси юнонӣ ҳамреша аст.

Тиргон яке аз ҷашнҳои аҷдодӣ дар тиррӯз аз тирмоҳ, баробар бо 13-уми Тир, дар ҳоли ҳозир аз 21 июн то 21 июл баргузор мешавад. Ин ҷашн дар гиромидошти Тиштар (ситораи бороновар) аст. Чӣ тавре ки шоир Шамсии Фахрӣ навиштааст:

**Ба рӯзи тиру моҳи тир азми шодӣ кун,
Ки аз сипеҳр туро фатҳу нусрат омад тир.**

Агар ҷашни Сада марбут ба зимистон бошад, Наврӯз – иди баҳорӣ ва Меҳргон дар тирамоҳ ҷашн гирифта шавад, пас Тиргон ҷашни тобистонаи мардумони эронитабор буд, ки мутобиқ ба 1-уми июли тақвими григорианӣ таҷлил мешуд.

Тиргон ҳамчун ҷашни тобистонӣ, дар маҷмуъ, ҷашни сулҳу ваҳдат, ҷашни моҳу рӯз, ҷашни борону об бар зидди хушксолӣ, ҷашни оини обпошон, ҷашни пӯхтани меваю гандум, ҷашни ситораи нависандагон буда, аз ҳикмати нурофари ориёитаборон шаҳодат медиҳад.

**Сайри таърихии Тиргон**

Вазифаи Тиштар об гирифтан аз дарёи Фарохкарт ва онро дар шакли борон резонидан ба заминҳои аҳуроӣ омадааст. Дар яшти ҳаштуми Авесто («Тир-яшт») Тиштар ситораи сапеду дурахшон ва тавоност, ки сиришти об дораду нажодаш аз Апам Напат (Эзади обҳо) аст. Тиштар ба колбадҳои марди ҷавони неруманд, аспи сафеди зарringӯш ва гови зарриншох медарояд ва бо деви хушксолию бебoронӣ Апаоша, ки мехост, ҷаҳонро аз беобӣ табоҳ созад, мубориза мебарад. Дар набарди аввал Апаоша ғолиб меояд ва пеши дарёи Фарохкартро мебандад, абрҳои бороноварро пора мекунад, аммо дар набарди дуюм Тиштар деви хушксолиро шикаст медиҳад. Аз он пас абрҳо пурбор шуда, боронҳои фаровон ба кӯҳу дашту даман меборанд ва табиат сарсабз гашта, ҳаёти осудаву хуррам оғоз мешавад.

Дар замони шоҳигарии Пирӯзи Сосонӣ дар Эрон ҳафт сол хушксолӣ рӯй дода, борон намеборид. Мардумону ҷонварон ва гиёҳон аз ин хушксолӣ маҳв мешуданд. Ин вазъро дида, шоҳ Пирӯз фармон дод, ки дар оташкада барои даъвати борон ба ибодат пардозанд. Ниҳоят, баъди ҳафт сол дар рӯзи Тир борон борид. Ба хотири ин борони таърихӣ Пирӯзшоҳ амр намуд, ки ин рӯзро Обрезгон ном гузоранд ва онро ҳар сол ҷашн бигиранд.

Дар ин ҷашн эрониёни қадим даруну беруни хонаро об пошида, мерӯфтанд, либоси тоза пӯшида, суфраи идона мекушоянд. Дар он меваю шириниҳо ва хӯришҳои гуногун мегузоранд.

Дар байни тоҷикон дар иртибот бо об, боронталабию қатъи боду борон ва жола бовару эътиқод ва расму оинҳои қадимӣ кам нестанд. Маросимҳои ашаглон, сусхотун, чиллахотун дар манотиқи мухталифи Тоҷикистон то ба солҳои наздик барои даъвати борон иҷро мешуданд.

Ҳамин тариқ, дар муқоиса бо ҷашнҳои Нав-

рӯзу Меҳргон дар бораи Тиргон дар сарчашмаҳо маълумоти камтар зикр шудаанд. Тақрибан пас аз асрҳои 14-15 роҷеъ ба баргузории Тиргон дар китобҳои таърихию адабӣ хабаре нест. Расму оинҳое, ки дар байни мардум ривоҷ ёфтаанд, ба куллӣ аз байн намераванд ва маъмулан, бо тақозои макону замон, идеология ва сиёсати давлатӣ таҳаввул меёбанд ва унсурҳояшон каму зиёд мегарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки нишонаҳои ҷашни Тиргонро дар пайвастагии оинҳои фасли тобистон дар байни тоҷикон ва ориёитаборонии Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳое, ки дар домани фарҳанги мардуми эронитабор парвариш ёфтаанд, метавон ҷуст. Аз ҷумла, тавре ки дар байни тоҷикон калонсолон ёд мекунанд, баромади ситораи Суҳайл (Тиштар) ба рӯзи чиллаи тобистон мувофиқ аст. Аз намоён шудани он мардум шодмонӣ мекунанд ва хушҳол мешаванд, ки зиндагиашон бобаракат мешавад. Яъне, баромади Суҳайл (Тиштар) ин ҳамон нишонаи ҷашни Тиргон аст, ки аз ёдҳо рафтааст. Нишонаҳое аз ин ҷашн дар байни мардуми мо бозмондааст. То солҳои наздик тоҷикон дарави ғалларо бо шодиву сурур анҷом медоданд. Дар минтақаҳои Хатлон, Раштонзамин, водии Ҳисор суруди «Ман доғ», дар маҳалҳои дигари Осиёи Миёна суруди «Майдаё»-ро сароида, рафти кори дарави ғалла, кӯфтан, ҷамъ кардан ва ба анбор ҷо намудани ҳосилро бо шодиву сурур мегузарониданд. Ҳатто ҳангоми «шабдарав» ва бахусус, пас аз анҷоми кор базм барпо карда, хастагии худро мебароварданд.

Як нуктаро низ бояд ба ёд овард, ки 13-уми ҳамаи моҳҳои ниёгон рӯзи тир аст. Ба ин васила, ҷашни Тиргон дар 13-уми моҳи тир аст. Аммо ҷолиб аст, ки ҷашни Тиргонро дар рӯзи 13-уми моҳҳои Фарвардин (баробари 1-2 апрел, ки рӯзи 13 аст, орзуи омадани борон) ва 13-уми Меҳрмоҳ (4-5 октябр, ҷашни тиррӯзӣ) низ таҷлил менамоянд. Бо гузашти замон рӯз ва моҳи ҷашнҳо дар тули таърих тағйир ёфтаанд. Дар ин бора пажуҳандагони тақвимшинос низ ишора намудаанд, ки баробари тағйир ёфтани гоҳшумории мардумӣ ва ё ишғоли як кишвар аз ҷониби кишвари дигар мушоҳида шудааст, ки дар давоми чанд ҳазор сол гоҳшуморӣ низ ба дигаргуниҳо дучор гардад. Аз ҷумла, дар тақвими арманиёни Эрон рӯзи 13-уми январ як навъ оинҳои шодмонӣ доранд, ки ин комилан шабеҳи ҷашни Тиргон аст.

**Ривояту устураҳо роҷеъ ба Тиргон**

Ба мисли ҷашнҳои дигар роҷеъ ба Тиргон низ устура ва ривоятҳое дар он рӯзгорони дур зиёд буда, баъзеи онҳо дар сарчашмаҳои навиштории ва сангнигораҳо то мо расидаанд. Чанде аз он устура ва ривоятҳоро ёдовар мешавем:

Дар таърих санади Тиргон «Рӯзи камон кашидани Ораши камонвар» эътироф шудааст. Дар қиссаҳои гузаштагон чунин оварда мешавад, ки дар ин рӯз, дар мавзеи Табаристон Манучеҳри пешдодӣ аз Афросиёб шикаст хурд ва барои тақсим кардани қаламрав шарте пеш гузоштанд. Яке аз паҳлавонон бо номи Ораши камонвар ба болои кӯҳи Дамованд баромад ва бо тамоми неру камонро кашида, худ пора-пора шуд, аммо тире бо тамоми суръат ба сӯи дарёи Ҷайҳун партоб кард. Тир бо шасти баланд аз субҳ то нимрӯзӣ парвоз карда, ниҳоят ба тани як дарахти бузургу ғафс дар соҳили Ҷайҳун фуруд омад. Аз ҳамон ҷойи тир марзҳои Эрону Турон муқаррар шуд.

Абурайҳони Берунӣ устураи Ораши Камонгирро дар асоси сарчашма ва гуфторҳои мардум хеле хуб баён намудааст. Ба гуфти баъзе пажуҳандагон Ораши Камонгир пас аз раҳо намудани тири камон беҳуш шуда, ба замин меафтад ва баъд Манучеҳр кишварро ободнамуда, лашкари худро неруманд месозад ва Орашро сарвари сипоҳиёни тирандоз таъйин мекунанд. Қаҳрамони мардум - Ораши Камонгир ҳамчун тирандози беназир баъдан дар устураҳое пайдо мегардад, ки ӯ ҳамроҳи эзадон бо девон мубориза мебарад. Ин аст, ки тири рахшандаи ӯро ба ситораи Тиштар монанд намудаанд. Тиштар яке аз ситораҳоест, ки дар қисми ҷанубии осмон намоён мегардад. Дар сарчашмаҳо ва дар байни мардум чун ситораи Сайҳун машҳур аст. Олимон ва шоирон онро ситораи Яман ё ситораи Ямонӣ гуфтанд. Тавре ки устурашиносон Пури Довуд, М. Баҳор, Мирчолояди, Ҷ. Дӯстхоҳ, И. В. Рак, А. Раҳмонзода ва дигарон дар асарҳои худ ишора намудаанд, маъмулан, ҳангоми аз даҳон ба даҳон, аз насле ба насле гуфтан як устура ба устураи дигар табдил меёбад.

Аз Тиргон ва аз корномаи паҳлавони беназири миллии мардуми ориётаборон Ораши Камонгир шоирон Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷомӣ, Сиёвуши Касроӣ ва дигарон бо меҳр ёд кардаанд:

**Ман аз тухмаи номур Орашам,**
**Чу ҷанг оварам, оташи саркашам.**

**А. Фирдавсӣ**

**Ситамдидаро додбахше кунам,**
**Шаби Тиргонро дурахше кунам.**

**Н. Ганҷавӣ**

**Дар гаронмоя равшангухар,**
**Садафвор бар Тиргон баста дар.**

**А. Ҷомӣ**

### Вижагиҳои Тиргон

Дар адабиёти мардумшиносӣ оид ба оинҳои Тиргон гуфта мешавад, ки ин ҷашн ба хотири одоб ва русуми махсусаш зебост. Дар он бозиҳо ва обпошӣ мекунанд. Яъне, об дар ин ҷашн мақоми муҳим дорад. Дар даврони бостон Тиргонро дар канори чашма ё рӯдхонае баргузор мекардаанд ва ба рӯи ҳамдигар об мепошидаанд, то гармии Тирмоҳро барҳам зананд.

Баъзе пажуҳандагон бар он ақидаанд, ки ҷашни Тиргон ва ҷашни обпошон ё обрезгон тафовут дорад. Баъдан, онҳо ба ҳамдигар омезиш ёфтаанд. Дар ҳамин ҷо бояд ишора кард, ки оини обрезгон дар баҳорон дар рӯзҳои Наврӯз низ вуҷуд дорад. Ҷашни «обпошон»-ро бо номҳои «обрезагон» ва «саршурон» низ ёд намудаанд.

Ниёгони мо ба навиштан, дар канори сарвати гуфторӣ ба осори навишторӣ низ эҳтиром доштанд. Аз сарчашмаҳо мебинем, ки дар фарҳанги гузаштаи мо қадри адабиёт ва нависанда баланд аст. Ин аст, ки дар замонҳои пеш Тиргон рӯзи бузургдошти нависандагон низ будааст. Воқеа ва ҳодисаҳои дунёро нависандагон дар китобҳо сабт менамоянд. Ба гуфти А. Берунӣ пайравии ҳифзи дунё, яъне, «даҳуфазия», бо деҳқонию зироат, китобат намудан ба ин ду наздик мебошад. Дар асоси сарчашмаҳо ва шунидаҳояш алломa А. Берунӣ дар ин бора низ чунин ишора намудааст: «Ва сабаби дуюм он аст «даҳуфазия», ки маънои он ҳифзи дунё ва нигаҳбонии он аст ва фармонравоӣ дар он ва деҳқанат, ки маънои он иморати дунё ва зироату қисмати он аст, бо ҳам тавъаманд, ки имрони дунёву қивоми олам бад-онҳост ва фасоди олам бад-онҳо ислоҳ мепазирад. Ва китобат дар пайравии он ва наздик ба ин ду мебошад. Аммо «даҳуфазия» аз Ҳушанг содир шуда ва деҳқанатро бародари ӯ Вигард расм намудааст. Ва номи ин рӯз Тир аст, ки Уторид бошад, ки ситораи нависандагон аст... Ва ин рӯзро аз роҳи ҷалолияту иъзом ид гардониданд. Ва дар ин рӯз Ҳушанг мардуми дунёро амр кард, ки либоси котибӣ бипӯшанд. Ва деҳқононро низ бар ҳамин кор амр кард. Ва аз ин рӯз мулуку деҳқонону мубадон ва ғайри эшон ин либосро пӯшиданд. Ва то рӯзгори Гуштосп аз роҳи ҷалолияти китобат ва афзалияти деҳқонон ин расм боқӣ бувад». Ба ин ҷиҳат, ҷашни Тиргон дар гузашта рӯзи бузургдошти нависандагон низ будааст.

### Тиргон дар замони Истиқлоли давлатӣ

Инак, бо ташаббусу ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ дар қатори дигар ҷашнҳои аҷдодӣ ҷашни Тиргон низ дубора эҳё шуд. Таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои муаззами миллат ба гиромидошту эҳтироми унсурҳои табиат дар арсаи ҷаҳонӣ, маҳз аз ҳикматҳои созандаи ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла, Тиргон, ки бо фалсафаи об тавъам аст, гувоҳӣ медиҳад. Тазаккур бояд дод, ки дар қатори ҷашну маросимҳои миллӣ, аз қабили Наврӯзу Меҳргон ва Сада ҷашни Тиргон низ дар таърихи адабу фарҳанги миллати ориёитабори тоҷик нақшу мақоми барозанда дорад. Маҳз дар заминаи посдории ҳикматҳои бо об алоқаманд – ҷашни Тиргон 3 марти соли 2021 Пешвои муаззами миллат дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, суханронӣ намуда, пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо муайян карда шавад. Ҳамчунин, Сарвари давлат зимни суханронӣ дар ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» таваҷҷуҳи аҳли башарро ба мушкилоти пиряххо, ки яке аз сарчашмаҳои асосии оби тоза мебошанд, ҷалб намуда, таъкид карданд, ки дар баробари афзоиши бесобиқаи талабот ба об, ки ба зиёдшавии аҳолӣ ва рушди иқтисод вобаста мебошад, обшавии босуръати пиряххо ва коҳиши захираҳои онҳо боиси нигаронии амиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Дар такя бо моҳияти баргузории Тиргон ҷашнвораҳое чун “Иди зардолу”, “Хушкмеваҳои Тоҷикистон” ва намоиши меваҳои тобистонаи Тоҷикистон доир карда мешавад. Ҳамзамон, баргузории чорабиниҳо, аз қабили маҳфилҳои адабӣ бо ҷалби шоирону нависандагон инъикосгари ҳикмату оинҳои Тиргон ба шумор меравад.

# МУНДАРИЧА

**СУХАНИ ПЕШВО**

Равшангари роҳи мардуми шарифи тоҷик ба сӯйи ободиву созандагӣ...........................................1

**ТАМАННИЁТ**

Ваҳдати миллӣ – рамзи бақои давлат..................................................................................................3

**ҶАШНИ ПУРШУКӮҲ**

А. РАҲМОНЗОДА. Ваҳдати миллӣ – омили наҷотбахш ва сарчашмаи эҳёи дубораи миллати тамаддунофари тоҷик...........................................................................................................................4

**ПАЖУҲИШ**

С. ЯТИМОВ. Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ..........................................................................10

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

С. МАВЛОННАЗАРОВ. Ҳифзи соҳибдавлатӣ дар замони ҷаҳонишавӣ............................................20

**1 ИЮН - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ КӮДАКОН**

Д. ҚУРБОНЗОДА. Дар ҳифзи хуқуқҳои кӯдакон ҳамагон масъуланд.................................22

**5 ИЮН - РӮЗИ ҶАҲОНИИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ**

А. ЗАРИФӢ, М. УСМОНОВ. Муҳофизати табиат вазифаи инсонии мост........................................26

**ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ ВА САНЪАТИ ТАСВИРӢ**

Ш. КАРИМӢ. Айб аст, ки дар ҳунар нақӯшӣ.......................................................................................28

**ГЕОГРАФИЯ**

С. СОИБЗОДА. Бозиҳои таълимӣ дарсро шавқовар мекунанд..............................................................31

**РАВИШҲОИ ДАРС**

С. САТТОРӢ. Нақши луғатомӯзӣ дар ташаккули нутқи гуфтории насли наврас...............................33

**МЕТОДИКА**

Х. РАҲИМОВ. Мавзуи Ватан дар ашъори Ҳабиб Юсуфӣ...................................................................35

**УСУЛҲОИ НАВИ ТАДРИС**

М. БОБОМУРОДОВА. Хусусиятҳои раванди муносибати босалоҳият ба таълим дар мактаб..........37

**МАТЕМАТИКА**

М. МИРЗОЗОДА. Методҳои муқоисаи ададҳо.......................................................................................39

**ХИМИЯ**

Ҷ. ИСМАТОВ. Машғулиятҳои амалӣ - асоси ташаккули салоҳияти таълимии донишҷӯён..........44

**БИОЛОГИЯ**

С. САЙДАЛИЗОДА. Таъсири танзимкунандаи инкишоф - брассиностероид ба нишондиҳандаҳои морфофизиологӣ ва биохимиявии растании картошка дар шароити стресс (nacl)............................47

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

Т. НАҶМИДДИНОВ. Рушду ташаккули ихтироъкорӣ дар байни хонандагон ва донишҷӯён..............52

**ФИЗИКА**

М. САФАРОВ. Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон тавассути дарсҳои беруназсинфӣ.....................................................................................................................................54

**ПЕШНИҲОДИ ОМӮЗГОР**

А. ЗУМРАТОВ. Ташкили Озмуни “Беҳтарин кабинети муассисаи таълимӣ” дар доираи татбиқи барномаи давлатӣ ..............................................................................................................................57

**СУННАТҲОИ АҶДОДӢ**

С. ҚОСИМӢ. Ҷашни фурӯғи хуршед ва пирӯзӣ....................................................................................60

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Абдулло РАҲМОНЗОДА,** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

**Равшан КАРИМЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Муҳаммадтоир САИДЗОДА,** директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарҳод РАҲИМӢ,** раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Наврӯз МИРЗОЗОДА,** ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ.

**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА,** ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Зулҳия НОЗАКЗОДА,** раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм.

**Бахром ИСМОИЛЗОДА,** сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**Зиёдулло АБДУЛЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.

**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ,** сардори раёсати маорифи ВМКБ.

**Шавкат КАРИМЗОДА,** директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**Хуршед ДАВЛАТАЛИЗОДА**, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**А. ШАРИФЗОДА,** муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

**С. МУРОДОВ,** котиби масъул

**М. АТОЗОДА,** муҳаррири бахши филологӣ.

**Қ. НАЗАРОВ,** таррох.

**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, тахти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад, бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6960 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**